**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ**
**АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

ВБД: 1(091)

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**БОЛТАЕВА МУНИРА НЕГМАТОВНА**

# ҶАНБАҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ МАСЪАЛАИ ХУДШИНОСӢ ДАР ФАЛСАФАИ ДАВРАИ МУОСИР

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои фалсафа,
дотсент Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ

Душанбе – 2025

# МУНДАРИЧА

**МУҚАДДИМА** ........................................................................... 3-15
**БОБИ 1. Асосҳои илмӣ-методологии таҳқиқи масъалаи худшиносӣ ҳамчун проблемаи фалсафӣ ва инъикоси ҷанбаҳои консептуалии он дар таърихи фалсафа аз даврони қадим то оғози асри XX** ......................16-76
1.1 Моҳияти фалсафии мафҳумҳои худшиносӣ ва худогоҳӣ ..............16-35
1.2 Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи ғарбӣ аз даврони атиқа то оғози асри XX ...................................................36-55
1.3 Мақоми худшиносӣ дар анъанаҳои динӣ ва фалсафии Шарқ аз даврони қадим то оғози таърихи навтарин ...................................56-76
**БОБИ 2. Ҷанбаҳои консептуалӣ, назариявӣ ва амалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи даврони муосир (ибтидои асри XX то имрӯз)**.......................................................................77-145
2.1 Унсурҳои асосии худшиносӣ дар таълимоти файласуфони муосир..................................................................................77-100
2.2 Коркарди ҷанбаҳои фалсафии худшиносӣ ҳамчун омили худамалисозии иҷтимоии шахс дар фалсафаи даврони муосир .....101-122
2.3 Файласуфони муосир оид ба нақши худшиносӣ дар рушди ҷомеа.......................................................................................123-145
**ХУЛОСА** ................................................................................146-152
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** .............................................................153-164
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ** ....................165

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар даврони муосир, ки бо сабаби ҷаҳонишавӣ ва ғарбикунонии тамаддуну фарҳанги ҷаҳонӣ ба давлатҳои миллӣ ва халқу миллатҳои кӯчак хавфу хатари аз даст додани ҳувияти таърихӣ ва миллӣ таҳдид мекунад, масъалаи худшиносии шахсият ва худшиносии гурӯҳии миллӣ рӯз ба рӯз мубрам мегардад. Аз ин рӯ, тағйироти куллӣ, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосир ба вуқуъ мепайванданд, тақозо мекунанд, ки ҳар як сокини ҷумҳурӣ бештар аз пештар ба решаҳои таърихӣ, анъанаҳои мусбати пешинаи ниёгон ва мероси фарҳангии онҳо рӯ оварда, онҳоро бо дар назар доштани талаботи замони муосир дар таҳкими ҳувияти хеш ва миллати худ мавриди истифода қарор диҳанд ва дар амалияи иҷтимоӣ ҷойгоҳи худро муайян созанд. Маҳз ба ҳамин ишора намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз мулоқотҳояшон бо аҳли зиёи кишвар таъкид дошта буданд, ки «танҳо шахси аз таъриху фарҳанги миллати хеш бохабар, худшиносу худогоҳ ва дорои ҳисси баланди миллӣ дар ҷомеа мақому мавқеи сазовор пайдо карда метавонад» [144].

Суханони болозикр таъкид мекунанд, ки мубрамияти масъалаи худшиносӣ, қабл аз ҳама, бо вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷаҳон ва кишвари мо дар замони муосир муайян карда мешавад. Дар баробари ин, бунёди давлати миллӣ, ташаккул ва рушди давлатдории миллӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бадастории истиқлолияти давлатӣ идеологияи қаблии шуравиро иваз намуд, имрӯз ба яке аз рукнҳои асосии сиёсати давлатӣ табдил ёфта, тақозо мекунад, ки дар амалишавии чунин сиёсат тамоми шаҳрвандон ҳиссагузор бошанд. Давлати миллиро бошад, танҳо шахсе тақвият бахшида метавонад, ки худшиносу худогоҳ, шаҳрванди воқеии давлати хеш буда, дигаронро низ ба ҳамин роҳ ҳидоят карда тавонад. Аз ин рӯ, шаҳрвандони мо бояд аз механизмҳои ташаккул

ва рушди худшиносӣ, ҷанбаҳои консептуалии ин масъала дар фалсафаи миллӣ ва ҷаҳонӣ огоҳӣ дошта, на танҳо худшиносии шаҳрвандии худро ташаккул дода тавонанд, балки роҳҳои расидан ба худшиносиро дар гуруҳҳои иҷтимоӣ, дар кулли ҷомеа тавассути худшиносии миллӣ ҳамчун омили муттаҳидкунанда низ хуб дарк намоянд. Таҳлили фалсафӣ-таърихии ин масъала яке аз воситаҳои асосии ҷалби шаҳрвандон ба худшиносӣ дар маҷмуъ буда, амалан барои ташаккул ва рушди шахсияти онҳо хизмат карда метавонад. Бо ҳамин сабаб, мубрамияти ин масъала бо зарурати ташаккул ва рушди худшиносии миллии шаҳрвандони ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон дар асоси истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ дар мисоли таърихи таълимоти гуногуни фалсафӣ низ таъкид мегардад.

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки дар шароити пайдошавии давлатҳои пасосаноатӣ, ҷомеаҳои иттилоотӣ ва модернизатсияи тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳим инсони муосир, дар баробари мушкилоти муайяни маънавӣ, имконияти бештари худрушддиҳиро соҳиб гардида, бо сабаби зудтағйирёбии шароити меҳнат ва ҳаёти рӯзмарраи муосир ба ӯ зарур меояд, ки муттасил донишҳои нав гирад, малакаҳои касбӣ ва ҳаётии худро рушд бахшад. Ба ибораи дигар, омӯзиш дар тули ҳаёт ба як воқеияти раднашаванда дар даврони муосир табдил ёфта, ҳар як нафарро ба ин раванди худтарбиякунии муттасил ворид сохтааст. Худшиносии фардӣ ва худамалисозии иҷтимоии он бошад, яке аз роҳҳои асосии омӯзиш ва илми дастрастарин ба ҳар шахсият аст, ки аз овони кӯдакии инсон то интиҳои умри шахс идома меёбад. Аз ин рӯ, ошноии бештар додани шаҳрвандони ҷумҳурӣ бо роҳҳои худшиносии фардию гурӯҳӣ дар таърихи фалсафаи миллию ҷаҳонӣ низ, ки яке аз ҳадафҳои калидии таҳқиқоти мазкур ба ҳисоб меравад, мубрамияти мавзуи диссертатсияро таъкид менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Масъалаи худшиносӣ аз даврони қадим мавриди баррасии намояндагони фарҳангу тамаддунҳои гуногун қарор доштааст. Доир ба ин мавзуъ ҳанӯз дар сарчашмаҳои хаттии Бобул ва

Мисри Қадим, Ҳинду Чини Қадим, таълимоти зардуштия ва амсоли он маълумот вуҷуд дорад. Ин мавзуъ дар Юнон ва Рими Қадим ба таври густурдатар дар таълимоти фалсафии ҳафт хирадмандон, инчунин Суқрот, Протагор, Афлотун, Арасту, Афлутин ва дигарон баррасӣ гардидааст. Ҳамзамон, афкори файласуфони асримиёнагии аврупоӣ ва шарқӣ, ба мисли Августини Муқаддас, Ибни Сино, Абуҳомиди Ғазолӣ, таълимоти тасаввуф, аз ҷумла, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, М. Монтен, файласуфони даврони минбаъда И. Кант, И. Фихте, Г. Гегел, С. Кйеркегор, инчунин донишмандони даврони муосир К. Ясперс, Ж.П. Сартр, А. Камю, Н.А. Бердяев, К. Роҷерс, А. Маслоу, М. Иқбол ва дигарон метавонанд ҳамчун сарчашмаи назариявии баррасии масъалаи худшиносӣ хизмат намоянд.

Таҳқиқоти муосирро оид ба омӯзиши ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносиро ба якчанд гурӯҳ тасниф кардан мумкин аст. Аз ҷумла, дар як гурӯҳи таҳқиқот ҷанбаҳои гуногуни консептуалию назариявии масъалаи худшиносӣ, моҳият, сохтор ва вазифаҳои онро муҳаққиқони россиягӣ Байлук В.В. [66, с.27-34], Грехнёв В.С. [76, с.25-46], Минюрова С.А. [93], Мохова Ю.А. [95, с.157-160], Сардарян Г.Т. [102, с.151-166], Шарипова Р.Х. [112, с.68-75], муҳаққиқи эронӣ Раҳмонӣ Ғ. [51], муҳаққиқони амрикоӣ Каррусерс П., Флетчер Л. ва Ричи В. [115, с.13-37], муҳаққиқи тоҷик Зиёӣ Х.М. [47] ва дигарон баррасӣ намудаанд.

Дар гурӯҳи дигари таҳқиқот оид ба масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи ғарбӣ аз даврони атиқа то оғози асри XX муҳаққиқони муосири россиягӣ Вашенко А.В. [72, с.24-31], Гарнтсев М. А. [74], Илйин В.Н. [83, с.87-99], Исаева Н. [84, с.4-18], Исаев С., Романов С.В. [100, с.145-157], Сергеев К.А. [141], Слинин Я.А., Ставрополский Ю.В. [143], Чеснокова М.Г. [109, с.18-25] ва дигарон андешаҳои ҷолиб баён сохтаанд.

Доир ба мақоми худшиносӣ дар анъанаҳои динӣ ва фалсафии Шарқ аз даврони қадим то оғози таърихи навтарин дар мисоли фарҳанги исломӣ, ҳиндӣ ва чинӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик Диноршоев М. [42, с.6-154], Олимов К. [49, 50], Зиёӣ Х.М. [44], Самиев А. [126],

Ҷононов С. [118], Шарипова М. [111, с.30-34], муҳаққиқони рус Дядик Н.Г. [77, с.71-81], Лазутина Т.В. , Лазутин Н.К. [90, с.205-210], Мекерова М.Ҷ. [123], Насиров И.К. [97, с.90-109], Рябокон Н.В. [101], Торчинов Е. А. [105], Файнфелд И.А. [106, с.95-113], Шутский Ю.К. [113] ва дигарон сухан меравад.

Дар гурӯҳи сеюми таҳқиқоти муосир унсурҳои асосии худшиносиро муҳаққиқони зерини россиягӣ ба риштаи таҳқиқ кашидаанд: Богуш М. А. [68, с.233-237], Бурханов А.Р. [70, с.3-7; 71, с.23-29], Гарин Е.В. [73, с.168-181], Зиновьева А.А. [80, с.28-37], Найденко Е.А. [96, с.85-88] ва ғ. Ин масъаларо, инчунин муҳаққиқи покистонӣ Мохд Х. [94, с.122-124], баррасӣ намудааст. Дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ Зиёев И.Ғ. [119], худшиносӣ дар фалсафаи М.Иқбол ва Зиёӣ Х.М. [43, с.145-146], таносуби худшиносӣ ва бегонашавӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Коркарди ҷанбаҳои фалсафии худшиносӣ ҳамчун омили худамалисозии иҷтимоии шахсро дар фалсафаи даврони муосир муҳаққиқони россиягӣ Абулханова-Славская К.А. [34], Ананиев Б.Г. [38], Байлук В.В. [39], Вайнер Э.Н. [40], Водянова Н.В. [117], Клочко В.Е. [85], Кондратева С.Б. [121], Солодникова И.В. [127], Пантелеева В.В. [138], Пинт А. [139] ва дигарон анҷом додаанд.

Андешаҳои файласуфони муосир оид ба нақши худшиносӣ ва гурӯҳӣ дар рушди ҷомеа аз нигоҳи фалсафӣ ва фалсафӣ-психологӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони россиягӣ Александров Д.С. [63, с.42-45], Алиев А.А. [36], Баева Л.В. [65, с.109-118], Богатирев Р.И. [67, с.352-358], Браун О. А. [69, с.176-180], Аркузин М. Г., Пляукшта Ю.Н. [124], Спиркин А.Г. [103], Тишков В.А. [104], Хомутова Н.Н. [107, с.73-78], Хромова Е.Б. [108, с.19-29], Язовская О.В. [114], муҳаққиқи ӯзбек Гафурова Х.Г. [75, с.504-506], ва дигарон баён гардидаанд [ 79, с.66-83; 120; 88, с.94-98; 124].

Дар баробари мавҷуд будани таҳқиқоти сершумор оид ба масъалаҳои худшиносӣ дар илми ватанию хориҷӣ то ҳанӯз мавзуҳои зиёди ба ин масъала рабтдошта, хусусан омӯзиши ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ ва нақши он дар рушди ҷомеа

мавриди таҳлили мукаммали фалсафӣ ва фалсафӣ-таърихӣ қарор нагирифтаанд. Дар асоси ҳамаи ин самти таҳқиқ дар рисолаи мазкур муайян карда шуда, ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқи лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи «Коркарди масъалаҳои методологии фалсафаи маданияти миллии тоҷик аз даврахои қадим то замони муосир», инчунин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсад ва ҳадафи асосии диссертатсия таҳлили ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар осори файласуфону мутафаккирони пешгузашта ва муҳаққиқону муаллифони муосир мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои расидан ба мақсаду ҳадафи гузошташуда иҷрои вазифаҳои зеринро муҳим шуморидем:

- муайян сохтани асосҳои илмӣ-методологии худшиносӣ ҳамчун проблемаи фалсафӣ ва инъикоси ҷанбаҳои консептуалӣ ё тарзи баррасии он аз нигоҳи таълимоту назарияҳои гуногун дар таърихи фалсафаи миллӣ ва ҷаҳонӣ;

- тафсир ва тавзеҳи моҳияти мафҳумҳои худшиносӣ ва худогоҳӣ аз нигоҳи фалсафа, психология ва илмҳои дигар;

- равшан сохтани ҷанбаҳои асосии масъалаи худшиносӣ дар таълимоти намояндагони фалсафаи ғарбӣ аз даврони атиқа то оғози асри XX;

- муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми масъалаи худшиносӣ дар анъанаҳои динӣ ва фалсафии Шарқ, фарҳанги исломӣ, ҳиндӣ ва чинӣ аз даврони қадим то оғози таърихи навтарин;

- равшан сохтани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи даврони муосир аз ибтидои асри XX то имрӯз, аз ҷумла муайян намудани унсурҳои асосии худшиносӣ дар ин фалсафа;

- маълум сохтани моҳияти худамалисозии иҷтимоии шахс ҳамчун ҷанбаи амалии худшиносӣ аз нигоҳи фалсафаи даврони муосир;

- маълум намудани таносуби худшиносӣ аз нигоҳи фалсафаи муосир ва нақши худшиносии шахсият ва худшиносии миллӣ дар рушди ҷомеа.

**Объекти таҳқиқот.** Худогоҳӣ ва худшиносии инсон дар маҷмуъ ҳамчун қобилияти табиӣ-ғаризавӣ ва иҷтимоии ӯ объекти таҳқиқотро ташкил додааст.

**Предмети таҳқиқот.** Предмети таҳқиқотро таҳаввули ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносию худогоҳӣ ва нақши онҳо дар рушди шахсият ва ҷомеа ташкил медиҳад, ки дар таълимоти як қатор файласуфони гузашта ва муосир инъикос гардидаанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Диссертатсия аз соли 2022 инҷониб таълиф гардида, марҳилаҳои ҷамъоварии мавод, таҳлили мавод ва ҷамъбасти илмии онро фаро мегирад. Доираи таърихии таҳқиқот маълумотро аз фалсафаи даврони қадим то имрӯз дар бар гирифтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Ба ҳайси асосҳои назариявии таҳқиқот осори мутафаккирони даврони гузашта, ки масъалаҳои худшиносиро гузошта ва ҳаллу фасл намудаанд, муҳаққиқони муосири ватанию хориҷӣ, ки осори файласуфон ва мутафаккирони гузаштаро оид ба ин мавзуъ баррасӣ намудаанд ё ки оид ба масъалаҳои худшиносӣ мустақиман коркардҳои илмӣ дар фалсафа ва психология ба анҷом расонидаанд, хизмат намуданд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Бо сабаби рабт доштани мавзуъ ба якчанд соҳаҳои илм дар диссертатсия асосан методологияи байнифаннии таҳқиқ ба кор бурда шудааст. Дар таҳлили ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуъ методҳои таърихӣ, диалектикӣ, муқоисавӣ, анализ, синтез ва методҳои дигари умумиқабулшудаи соҳавӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Маълумоти дар диссертатсия баррасишуда аз осори мутафаккирони гузашта, таҳқиқоти муосири илмӣ, диссертатсияҳои илмӣ ва фишурдаҳои онҳо дар ин мавзуъ ба даст омадааст.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Ба ҳайси заминаҳои эмпирикии таҳқиқот далелҳои аз нигоҳи илмӣ, мантиқ ва таърихият собитшуда,

натиҷаҳои таҳқиқи илмии масъалаҳои худшиносӣ дар таърихи фалсафаи ватанию хориҷӣ хизмат кардаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ҷалби мавод аз сарчашмаҳои фалсафаи бостонӣ, асримиёнагӣ, даврони нав ва замони муосир, таҳқиқоти мухаққиқони кишварҳои шарқию ғарбӣ ва маслиҳату машваратҳои илмӣ ва маводи пешниҳоднамудаи ҳайати устодону омӯзгорони кафедраҳои мазкур анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, қабл аз ҳама, аз тарзи гузориш ва ҳалли масъала – баррасии маҷмуии ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар таърихи фалсафаи муосир бармеояд. Дар баробари ин, дар диссертатсия бори аввал дар таърихи фалсафаи ватанӣ:

- таърифи худшиносӣ, ки ҳам аломатҳои худшиносии фардӣ ва ҳам худшиносии гурӯҳиро дар бар мегирад, пешниҳод гардидааст;

- таснифоти худшиносӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик ба навъҳои худшиносии динӣ, ирфонӣ ва ақлонӣ сурат гирифтааст;

- таҳқиқи ҷанбаҳои консептуалии масъалаҳои худшиносӣ аз нигоҳи фалсафа, психология, илмҳои наве чун акмеология ва валеология дар пайвастагӣ бо ҳам анҷом дода шуда, ҷанбаҳои амалии худшиносӣ дар мисоли худамалисозии иҷтимоӣ ва механизмҳои он нишон дода шудаанд;

- таносуби мафҳумҳои худшиносӣ ва бегонашавӣ дар асоси таълимоти К. Маркс ва Э. Фромм равшан карда шудааст;

- ақидаҳои мутафаккирону муҳаққиқони фалсафа доир ба нақши шахсияти худшинос ва худшиносии гурӯҳӣ дар шакли худшиносии миллӣ дар рушди ҷомеа ба доираи таҳқиқоти илмӣ ворид карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

1. Бо дар назар доштани решаҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва хусусияти фардию гурӯҳии худшиносӣ, инчунин бо такя ба таърифҳои ин мафҳум аз нигоҳи психологӣ ва фалсафӣ пешниҳоди чунин таърифи мафҳуми худшиносӣ имкон дорад: худшиносӣ ин фаъолияти бошуурона ва мақсадноки маърифатӣ аст, ки ҳангоми он субъектҳо дар бораи худ - образҳои «Ман» ва «Мо» ҳамчун объект донишҳояшонро ташаккул дода, онҳоро дар шуури фардию ҷамъиятӣ инъикос менамоянд ва худро таҳлилу баҳогузорӣ намуда, ин ё он қобилият, майл ва хислатҳои табиӣ, равонӣ ва иҷтимоии худро муайян месозанд, аз онҳо истифода бурда ва барои расидан ба ҳадаф ва мақсадҳои шахсию дастаҷамъонаи худ «Ман» ва «Мо»-и худро ташаккул ва пайваста рушд медиҳанд.

2. Бо сабаби он, ки масъалаи инсон дар тамоми давру замон ва фазову макон дар маркази таваҷҷуҳ қарор доштааст ва мутафаккирону файласуфон оид ба худшиносӣ ва худогоҳии ӯ ақидаҳои худро баён сохтаанд, ба ҳамаи марҳалаҳои рушди фалсафаи Ғарб, аз Юнон ва Рими Қадим сар карда то ибтидои асри ХХ, мавҷудияти инсонмарказӣ ҳамчун унсури хосиятии ин марҳалаҳо маҳсуб аст. Аз ин рӯ, худшиносӣ дар таълимоти аксарияти мутафаккирони ғарбӣ, аз як тараф, инсоншиносӣ (Суқрот, Протагор, Монтен, Декарт, Кант, Фихте, Кйеркегор) ва, аз ҷониби дигар, Худошиносӣ (Хилон, Афлотун, Арасту, Афлутин, Августини Муқаддас, Гегел) мебошад.

3. Баррасии масъалаи худшиносӣ дар анъанаҳои динию фалсафии Шарқ бо маънои васеи он (Бобул ва Мисри Қадим, Ҳинди Қадим, Чини Қадим, таълимоти зардуштия, фарҳанги исломӣ) нишон медиҳад, ки дар онҳо на камтар аз фалсафаи ғарбӣ мавзуъ, масъала ва мушкилоти муҳимми фалсафӣ гузошта шуда, ҳалли худро ёфтаанд. Ин бори дигар собит месозад, ки аврупоимарказӣ ё шарқмарказӣ дар фаҳмиши ватани фалсафа ва ҷаҳонбинии фалсафӣ яктарафа мебошад. Аз ҷумла, ҳанӯз дар Бобул ва Мисри Қадим моҳияти инсон ҳамчун як мавҷуди комил ва фардияти маънавӣ ошкор карда шуда, дар «Авасто» нишонаҳои ҳувияти

пайрави зардуштия баён гардидаанд. Дар фарҳанги асримиёнагӣ бошад, дар баробари худшиносии динӣ (Қуръон, калом) ва ирфонӣ (тасаввуф), доир ба худшиносии ақлонӣ (Ибни Сино) низ сухан меравад. Вобаста ба худшиносӣ дар Ҳинди Қадим оид ба риояи тавозун байни моддиёту маънавиёт ва дар Чини Қадим бошад, дар бораи худдорӣ аз хоҳишҳои барзиёд ва ташаккули инсони комил – «марди наҷиб» масъалагузорӣ шудааст, ки ҳамагӣ то кунун ҳам аҳаммияти назариявию амалии худро аз даст нададаанд.

4. Дар ибтидои асри XX инқилоби илмӣ дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, дар фалсафа ба вуқуъ пайваста, консепсия ва таълимоти сифатан нав оид ба худшиносӣ пешниҳод гардиданд. Аммо бо вуҷуди ин, то миёнаҳои асри XX ва ҳатто каме баъдтар ҳам, оид ба худшиносӣ дин низ мақоми худро ба таври ниҳоӣ аз даст нанод. Аз ҷумла, К. Ясперс ҳамчун намояндаи экзистенсиализми динӣ чунин меҳисобад, ки ҳар қадар, ки инсон озод бошад, ҳамон қадар ӯ ба Худо эътиқод дошта, худшиносӣ ӯро ба дарки хавфи олам ва нотавонии худ дар назди он мерасонад. Н.А. Бердяев низ худшиносии фардиро бо такя ба дин барои фаҳмиши сарнавишт ва асрори худ зарур шумурдааст. М.Иқбол бошад, таълимоти динию илмиро бо ҳам омезиш дода, таълимоти худнесткунӣ (фано)-ро инкор ва худамалисозӣ (бақо)-ро ҳамчун роҳи расидан ба худӣ шумурдааст. Дар баробари ин, Ж.П.Сартр ҳамчун намояндаи экзистенсиализми атеистӣ чунин меҳисобад, ки инсон худ лоиҳаи ҳастии худро мустақилона амалӣ месозад, аз назари А. Камю бошад, инсони исёнгарро худамалисозии ӯ дар роҳи ҳаёт муайян менамояд. К. Роҷерс ва А. Маслоу худшиносии инсонро раванди беохир медонанд, ки дар тули тамоми ҳаёти ӯ идома меёбад.

5. Худшиносӣ паҳлӯҳои назариявӣ ва амалӣ дошта, худамалисозӣ ҷанбаҳои амалии онро дар бар мегирад. Худамалисозӣ ҳамчун рушди шахсӣ ва боло рафтани инсон дар зинаҳои зиндагии шахсӣ ва иҷтимоӣ ба механизмҳои гуногун, аз ҷумла, таҳия ва амалисозии стратегияи ҳаёт, тарбия ва гузариши тадриҷӣ ба худтарбиякунӣ, тамринҳои психологӣ ва

амсоли он такя мекунад, ки тавассути онҳо худамалисозии шахсӣ, касбӣ, эҷодӣ, иҷтимоии шахсият ва дигар намудҳои он таъмин мегарданд.

6. Худшиносӣ дар шакли худшиносии граждании шахсият, ки ҳамчун дарки устувори худ аз ҷониби шахсият ба ҳайси шаҳрванди давлати муайян, алоқамандии субъективӣ бо сарнавишти таърихии он ҳисобида мешавад, дар рушди ҷомеа нақши асосиро иҷро мекунад. Аз шаклҳои худшиносии гурӯҳӣ дар ҷомеаҳои муосир худшиносии миллӣ - ҳамбастагӣ ва садоқати рӯзмарра дар фаҳмиши мансубият ба як халқ ва эътирофи давлат ба ҳайси худӣ асоси рушди давлати миллиро ташкил медиҳад. Барои расидан ба ҳадафҳои болозикр ва рушди ҷомеа омӯхтани таҷрибаи як қатор кишварҳо дар самти тарбияи шаҳрванди худшиносу худогоҳ ва ватандӯсту меҳанпараст ва таҳия ва амалисозии идеологияи миллӣ-давлатӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон шарти зарурӣ мебошад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он хулосаҳои сарчашмаҳо ва таҳқиқоти муосир оид ба ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ ҷамъоварӣ ва мавриди таҳлили фалсафӣ қарор дода шуда, минбаъд муҳаққиқон дар асоси онҳо метавонанд баррассиҳои илмии масъалаи мавриди назарро идома дода, тавсеа бахшанд. Муқаррароти асосии рисоларо мақомоти дахлдор метавонанд барои ташаккул ва рушди худшиносии шаҳрвандон ва таҳияи консепсия ва барномаҳо дар ин самт мавриди истифода қарор диҳанд.

Маводи дар диссертатсия таҳлил ва ҷамъбастшударо барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ аз фанҳои фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ ва психология, инчунин курсҳои махсус оид ба ин фанҳо истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокӣ, инчунин боварибахш будани натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо бадастории маълумоти воқеӣ дар асоси таҳлили сарчашмаҳо оид ба ин мавзуъ дар таълимоти мутафаккирони пешгузашта ва муҳаққиқони муосир, интихоби асосноки муқаррароти заминавӣ оид ба масъалаҳои

худшиносӣ, истифода аз дастовардҳои бунёдии илм дар ин самт ва корбурди дастгоҳи таҷрибашудаи илмӣ-методӣ муайян мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ), ки  аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллифи диссертатсия мавзуи таҳқиқотро мустақилона бо машварати роҳбари илмӣ интихоб намуда, тамоми сарчашмаҳо ва адабиёти илмиро шахсан мутолиа ва таҳқиқ кардааст. Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ муаллифи диссертатсия асосҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои худогоҳӣ, ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносиро дар таърихи фалсафа мавриди таҳқиқ қарор дода, фаҳмиши нав ва тафсиру тавзеҳи муаллифии баъзе аз мафҳумҳои асосии ба мавзуъ дахлдоштаро пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Натиҷаҳои диссертатсия дар конференсияҳои  илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи « Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (03 октябри соли 2023), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами фалсафаи муосир мушкилот ва дурнамо» дар шакли маъруза баён ва муҳокима гардидаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои умумидонишгоҳии фалсафа ва фарҳангшиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (протоколи №10 аз 31 майи соли 2024) ва кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (протоколи №2/1 аз 14. 09. 2024) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф  6  мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз онҳо

3 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифтааст, чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб бо фарогирии шаш фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт бо 147 сарчашма, таҳқиқот ва захираҳои электронӣ, интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, матни он дар 165 саҳифаи чопи компютерӣ инъикос ёфтааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАИ ХУДШИНОСӢ ҲАМЧУН ПРОБЛЕМАИ ФАЛСАФӢ ВА ИНЪИКОСИ ҶАНБАҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ОН ДАР ТАЪРИХИ ФАЛСАФА АЗ ДАВРОНИ ҚАДИМ ТО ОҒОЗИ АСРИ ХХ

## 1.1 Моҳияти фалсафии мафҳумҳои худшиносӣ ва худогоҳӣ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2008 дар мулоқоташон бо намояндагони зиёиёни мамлакат таъкид дошта буданд: «Ман аз қадамҳои аввали худ ҳамчун Роҳбари давлат худшиносии миллӣ, ҳисси ватанпарастиро ба сифати омили муҳими таҳкими давлатдории миллӣ арзёбӣ менамоям. Аслан тамоми суханрониҳоям ҷанбаи худшиносии миллӣ доранд. Гузашта аз ин, мо раванди худшиносии миллиро, ки ҳанӯз аз давраи Сомониён ибтидо мегирад, ба шарофати истиқлолият ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардоштем. Таҷлили 1100-солагии давлати Сомониён, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, гиромидошти бузургони миллат ба хотири он буд, ки мо асли худро донем, аз таърихи миллатамон ва хизмати аҷдоди хеш дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ огаҳ бошем» [141].

Дар ҳақиқат ҳам, боиси тазаккури хос аст, ки на танҳо дар сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлат ва Ҳукумати мамлакати мо, балки, дар маҷмуъ, дар даҳсолаҳои охир мафҳуми «худшиносӣ» миёни тамоми қишрҳои ҷомеаи тоҷик мавриди истифодаи васеъ қарор гирифта, дар сарчашмаҳои илмӣ, сиёсӣ, воситаҳои ахбори оммаи анъанавию электронӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи мутахассисону шаҳрвандони муқаррарӣ хеле зиёд гаштааст. Барои мисол метавон зикр кард, ки дар низоми ҷустуҷӯии интернетии Гугл бо ворид сохтани калимаи «худшиносӣ» бо забони тоҷикӣ тахминан зиёда аз 800 ҳазор мавод, ки дар муҳтавои онҳо ин мафҳум мавҷуд аст, пешниҳод карда мешавад. Аз ҷониби дигар, бо ҳамин тартиб муайян намудан имкон дорад, ки дар

сатҳи ҷаҳонӣ низ таваҷҷуҳи коршиносон ба масъалаи худшиносӣ хеле баланд мебошад: низоми болозикри интернетӣ бо ворид сохтани муродифи калимаи худшиносӣ бо забони англисӣ («self-knowledge») тақрибан 1,7 млрд. мавод ва бо забони русӣ («самопознание») тахминан 4 млн. маводро пешниҳод месозад. Ҳамаи ин ба таври аёнӣ мубрам будани масъалаи худшиносиро дар илми тамоми кишварҳои олам ва, дар маҷмуъ, барои ҳама инсонҳо, новобаста аз ирқу нажод ва мансубияти миллию этникӣ нишон медиҳад.

Вобаста ба ин таваҷҷуҳи махсус ба масъалаи худшиносӣ ва худогоҳӣ дар ин фасли рисола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки моҳияти фалсафии ин мафҳумҳоро кушода, таърифҳои мухталифи онҳо дар осори мутафаккирони гузашта ва муҳаққиқони муосир, шаклҳои худшиносиро дар муносибат ба шуури фардӣ ва шуури ҷамъиятӣ, психологияи ҷамъиятӣ ва идеологияи ҷамъият, инчунин сохтор ва вазифаҳои худшиносӣ ва баъзе падидаву мафҳумҳои дигари ба онҳо алоқаманд шарҳу тавзеҳи фалсафӣ ёбад.

Агар таърифи мафҳуми худшиносиро ҷустуҷӯ кунем, ҳам дар сарчашмаҳои анъанавӣ ва ҳам дар саҳифаҳои интернетӣ маводи зиёдеро пайдо мекунем. Таърифҳои мавҷудаи ин мафҳумро мухтасаран таҳлил намуда, ба хулосае омадан имкон дорад, ки ба ҷанбаҳои консептуалии он (яъне тарзҳои муайяни омӯзиши объект аз мавқеи назария, идея, тасаввурот ва консепсияи интихобшуда) аз ҷониби муҳаққиқон аз се нигоҳ таваҷҷуҳи хосса карда шудааст: 1) шарҳи худшиносӣ бо мақсадҳои таълимӣ ва кӯмакҳои психологӣ дар роҳандозии худрушдкунии мустақилонаи шахсият; 2) таърифи мафҳуми худшиносӣ аз нигоҳи илми психология; 3) таърифи мафҳуми худшиносӣ аз нигоҳи фалсафӣ. Дар баробари ин, дар осори алоҳидаи мутафаккирони гузашта ва донишмандону муҳаққиқони муосир масъалаи худшиносӣ аз нигоҳҳои гуногуни консептуалӣ баррасӣ шудааст, ки дар фаслҳои минбаъда тафсир шудаанд: аз нигоҳи динӣ (динҳои бостонӣ, масеҳият, ислом,

буддоия ва ғайра), аз дидгоҳи ирфонӣ (асосан дар тасаввуфи шарқӣ), бо истифода аз усулҳои ратсионалӣ, ақлоният ва ғайра.

Шарҳи худшиносиро бо мақсадҳои таълимӣ ва роҳандозии худрушдкунии мустақилонаи шахсият, асосан дар саҳифаҳои луғатномаҳо, фарҳангҳо, энсиклопедияҳои хурду бузург, саҳифа ва сомонаҳои интернетии кӯмаки психологӣ ба шаҳрвандон дучор шудан имкон дорад. Дар чунин сарчашмаҳо зикр мегардад, ки худшиносӣ ҳамчун дониш дар бораи худ тадриҷан дар ҷараёни маърифати олами атроф ва худи инсон ташаккул ёфта, раванди дар тамоми тули ҳаёти инсон ҷоришаванда мебошад, зеро аз синни барвақтӣ оғоз ёфта, то пиронсолии инсон, то доштани қобилияти тафаккури солим идома меёбад. Мисоли равшани ин, фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ва луғати тафсирии забони муосири русӣ дар муаллифии Д.Н. Ушаков мебошад, ки дар онҳо худшиносиро ҳамчун «қадру қимати худро шинохтан», «маърифати худӣ, омӯзиши моҳияти ботинии худ дар раванди фаъолияти ҷамъиятӣ» [54, 145] шарҳ додаанд.

Бо мақсади таълимӣ дар фарҳанги навтарини фалсафӣ мафҳуми худшиносӣ ҳамчун «маърифати инсон худро тавассути худмушоҳидакунӣ, ғаризаҳо, худтаҳлилкунӣ» [136] тафсир карда шуда, муродифҳои онро бо истилоҳоти автогнозия, геавтогнозия ва рефлексия ифода намудаанд. Бояд таъкид намуд, ки мафҳумҳои автогнозия (аз калимаҳои юнонии «autos» - «худ» ва «gnosis» -«дониш») ва геавтогнозия (аз калимаҳои юнонии «heauton» - «худ», «худро» ва «gnosis» - «дониш») то андозае муродифи ҳамдигар буда, маънии омӯзиш ва маърифат кардани худро доранд ва пурра ба мафҳуми худшиносӣ ҳаммазмунанд. Мафҳуми рефлексия (аз калимаи лотинии «reflexio» - «инъикос», «руҷуъ ба пас») бошад, одатан ҳамчун қобилияти таваҷҷуҳ намудан ба андешаҳо, эҳсосот ва рафтори худ, инчунин баҳо гузоштан ба қарорҳо ва нақшаҳои худ фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, рефлексия наметавонад ҳамчун истилоҳ муродифи худшиносӣ ҳисобида шавад, зеро он аз ҷиҳати мундариҷаи худ, аз як тараф, нисбат ба

мафҳуми худшиносӣ хеле тангтар мебошад ва, аз ҷониби дигар, рефлексия ба маънии инъикос дар маҷмуъ бошад, мафҳуми хеле васеъ аст.

Доир ба таърифи худшиносӣ аз нигоҳи илми психология сухан ронда, бояд қайд намуд, ки ин мафҳум аз фалсафа ба психология гузашта, онро намояндагони ин илм дар зери таъсири ақидаҳои файласуф ва математики фаронсавӣ Рене Декарт (1596–1650) оид ба самтгирии шуури инсон ба худи ӯ ба таҳқиқоти психологӣ ворид сохтаанд. Бо ҳамин сабаб, аз рӯзи ташаккули психология ҳамчун илми алоҳида, ки аз соли 1879 бо бунёди Озмоишгоҳи психологияи таҷрибавӣ дар Донишгоҳи шаҳри Лейпсиг аз ҷониби психологи олмонӣ В. Вундт (1832 -1920) оғоз меёбад, мафҳуми худшиносиро психологҳо бо истифода аз методологияи фалсафӣ ва иловаи баёни хусусиятҳои психологии инсон дар ин раванд шарҳ додаанд. Аз ҷумла, дар таърифҳои сершумори худшиносӣ, ки аз ҷониби психологҳои гуногун пешниҳод гардидаанд, мушоҳида кардан имкон дорад, ки дар ин илм чунин унсурҳоро ба муҳтавои мафҳуми мазкур мансуб донистаанд: маърифати вазъи психологии худ, таҳқиқи хусусиятҳои психологии худ, худбаҳогузорӣ, раванди психологӣ, ки мукаммалии шахсиятро таъмин месозад, маърифати сифатҳо ва хислати худ, таҳлили завқу шавқи худ ва амсоли он. Дар баробари ин, интроспексия (аз калимаи лотинии «introspecto» - «ба ботин нигаристан») ба маънии худмушоҳидакунӣ ва ҳамчун усули мушоҳидаи равандҳои равонии ботини фард аз ҷониби худи ӯ бе истифода аз ягон олат ё намуна, дар психология ҳамчун унсури муҳимми худшиносӣ эътироф гардидааст.

Ба ҳамаи ин такя намуда ва ақидаҳои мутафаккири англис Ҷ.С. Милл (1806-1873), асосгузори психологияи таҷрибавӣ В.Вундт ва физиологи рус И.М. Сеченовро (1829-1905) ҷамъбаст намуда, муҳаққиқи рус С.А. Минюрова чунин таърифи худшиносиро аз нигоҳи илми психология пешниҳод намудааст:

«Худшиносӣ ҳамчун фаъолияти махсуси маърифатӣ ин маҷмуъ ва тартиби амалҳоест, ки дар натиҷаи он мақсад ба даст меояд: инсон дар бораи худ, образи Ман, консепсияи Ман донишҳояшро ташаккул медиҳад… худшиносӣ ҳамчун раванди бошуурона бо мақсаднокии худ тавсиф меёбад, инсон дар назди худ мақсади махсус мегузорад, ки бо истифода аз воситаҳои хосса, ки барои худро таҳлил кардан ва баҳогузорӣ намудан кӯмак менамоянд, дар худ ин ё он қобилият, майл, хислати шахсиятро муайян созад» [93, с.61].

Чунонки мебинем, дар таърифи мазкур С.А. Минюрова кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз «консепсияи Ман», ки дар фалсафа ба вуҷуд омадааст, инчунин тавассути такя ба худтаҳлилкунӣ ва худбаҳогузорӣ ҳамчун воситаҳои психологии худрушдкунии шахсият моҳияти мафҳуми худшиносиро равшан созад. Чунин тарзи баррасӣ, ба ақидаи мо, асоси устувори илмӣ дорад, зеро худшиносӣ, чунонки дар фаслҳои минбаъда низ ба ин ишора мекунем, на танҳо натиҷа, маҳсул, балки раванд ҳам мебошад. Аз ин рӯ, ташаккул ва рушди худшиносӣ дар ниҳоди фард маҳз аз истифодаи мустақилонаи воситаҳои психологӣ аз ҷониби шахсият вобаста аст.

Дар бораи шарҳи фалсафии мафҳуми худшиносӣ бояд ҳаминро таъкид намуд, ки агарчи ибтидо аз суханони машҳури файласуфи Юнони Қадим Суқрот (469-399) «Худро шинос!» (агарчи пайдоиши нахустини ин ибораро ба ҳафт хирадмандони Юнони Қадим дар асри VI то мелодӣ нисбат додаанд) то оғози даврони навтарин дар бораи масъалаҳои худшиносӣ ва худогоҳӣ зиёд сухан гуфта бошанд ҳам, вале махсусан таърифи ин мафҳумҳоро надодаанд. Аз ҷумла, дар асарҳои файласуфони Юнони Қадим - Афлотун (427–347 то мелод), Арасту (384-322 то мелод) ва Афлутин (204/205–270) ин масъала баррасӣ гаштааст, вале онҳо танҳо ба худшиносӣ чун унсури муҳимми шахсияти инсони боақл ё ҳамчун раванди маърифатӣ ишора намудаанд. Ҳамчун намуна метавон қайд намуд, ки Афлотун худшиносиро бо ақл ва руҳ рабт дода, гуфтааст: «Тасдиқи ман тахминан аз он иборат аст, ки дарккунӣ ин худшиносӣ аст

ва ман пурра бо он шахсе, ки як чунин ҳаққоқие дар Делфҳо кардааст, розиям… Аз ин ҷо бармеояд, ки танҳо инсони идроккунанда метавонад худро шиносад ва маълум созад, ки ӯ маҳз чиро медонад ва чиро намедонад» [23, с.214-216].

Дар ҷои дигаре бошад, Афлотун зикр мекунад: «Маънии оне, ки чанде пештар гуфта будам, аз ҳамин иборат аст: вақте ки Суқрот аз нутқ истифода бурда, бо Алкивиад суҳбат мекунад, ӯ бо нутқи худ на ба рӯи Алкивиад, чунонки фикр кардан мумкин аст, балки ба худи Алкивад, яъне ба руҳи ӯ муроҷиат мекунад…» [23, с.146].

Дар асрҳои миёна низ таърифи худшиносиро дар осори мутафаккирон дучор наоем ҳам, баъзе шарҳҳои равшани онро мушоҳида кардан имкон дорад. Аз ҷумла, файласуфи юнонӣ, яке аз апологетҳо (муҳофизон)-и масеҳият Клименти Александрӣ (150-215) дар оғози паҳншавии дини масеҳӣ худшиносиро ҳамчун илм шарҳ дода, бо такя ба таълимоти дини масеҳӣ ва андешаҳои ахлоқӣ дар китоби худ «Педагог» (китоби сеюм, фасли 1 «Дар бораи зебогии ҳақиқӣ») гуфтааст: «Зеботарин ва муҳимтарин аз тамоми илмҳо, бешубҳа, худшиносӣ аст. Зеро оне, ки худро мешиносад, ӯ ба шинохти Худо низ мерасад; ва оне, ки Худоро мешиносад, ӯ кӯшиш мекунад, ки ба Ӯ монанд бошад; аммо ин ба маънии он нест, ки худро бо зебу зиннати тиллоӣ ороиш диҳӣ ва либосҳои муфаххар бипӯшӣ, балки дар накӯкорӣ ва кам кардани талаботи худ то ҳадди ақал мебошад» [128, с.106].

Аз Замони Нав то оғози асри XX дар кишварҳои аврупоӣ оид ба худшиносӣ дар таълимоти файласуфон ва математикони фаронсавӣ Р. Декарт (1596–1650) ва Б. Паскал (1623-1662), файласуфони олмонӣ И. Кант (1724–1804), И.Фихте (1762-1814) ва Г. Гегел (1770-1831), файласуфи данияги С. Кйеркегор (1813-1855) ва дигарон маълумот пайдо кардан имкон дорад, вале ин донишмандон низ таърифи худшиносиро надодаанд. Барои мисол метавон гуфт, ки Р.Декарт худшиносӣ ё, дақиқтараш, худогоҳиро бо қобилияти фикр кардан рабт дода, дар яке аз асарҳои худ ба таври хеле печида гуфтааст: «- Аммо аз ту зорӣ мекунам, -

мегӯӣ ту, - ман боварӣ дорам, ки ман худро мешиносам ва ин шинохтан дар он ифода меёбад, ки ман вуҷуд дорам ва ман фикр меронам. – Ман бошам, инро инкор мекунам, агар ту ҳатто даст ба сари қалб монӣ, ҳатто агар савганди даҳшатноке ҳам хӯрӣ. Ҳеч чиз вуҷуд надорад – на ту, на тафаккури ту, на худогоҳии ту» [10, с.371].

Дар фалсафаи ғарбӣ инчунин шоир ва донишманди маъруфи олмонӣ И. Гёте (1749 -1832) низ дар бораи худшиносӣ сухан ронда, онро дар шакли шеърӣ чунин тафсир додааст, ки ин мафҳумро бо ҷаҳонбинӣ (маърифати олам), гуманизм, инсондӯстӣ (муносибат бо одамони дигар) ва меъёрҳои ахлоқӣ (иҷрои вазифаҳои худ) алоқаманд мегардонад:

«Чӣ гуна метавон худии худро шинохт?

Танҳо бо роҳи амал, вале ҳеҷ гоҳ на бо роҳи муроқиба.

Инсон худии худро танҳо то он андозае мешиносад, ки то ҳамон андоза оламро шинохтааст.

Танҳо дар одамон инсон метавонад худро бишносад.

Кӯшиш кун, ки вазифаи худро иҷро кунӣ ва ҳамон соат худро мешиносӣ» [147].

Вобаста ба он, ки таърифи муфассали фалсафии худшиносиро дар осори мутафаккирон то оғози асри XX пайдо кардан имкон надорад, кӯшиш мекунем, ки онро дар асоси таҳқиқоти муҳаққиқони муосир дар соҳаи фалсафа мушаххас намоем. Чунонки дар муқаддимаи рисола таъкид гардид, оид ба ин масъала муҳаққиқони зиёде андешаҳои худро баён намудаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқони Донишгоҳи Мэриленди ИМА П. Каррутерс, Л. Флетчер ва Б. Ричи дар аннотатсияи мақолаи якҷояи худ «Таҳаввули худшиносӣ» чунин таъкид доштаанд, ки худшиносӣ, аз як ҷониб, бо андешаҳои худӣ ташаккул меёбад ва, аз ҷониби дигар, тавассути «хондан»-и андешаҳои дигарон: «Одамон қобилият доранд, ки ҷанбаҳои зиёди ҳаёти равонии худро–ташвишҳои худ, эҳсосот, муҳокимарониҳо, хоҳишҳо ва қарорҳои худро дарк кунанд. Мо аксар вақт метавонем бидонем, ки маҳз чиро мо мебинем, мешунавем, ҳис мекунем, оид ба чӣ муҳокима меронем, чӣ мехоҳем ё чӣ қарор мекунем.

Дар ин мақола пайдоиши эволютсионии ҳамин шакли худшиносӣ баррасӣ шудааст. Дар он ду андешаи алтернативӣ оид ба ин мавзуъ бо овардани далелҳои мавҷуда ба ҳам муқобил гузошта шуда, муқоиса гардидаанд. Яке аз онҳо ба шахси якум такя мекунад: худшиносӣ ин мутобиқшавӣ аст, ки аз ибтидои худ барои мониторинг ва назорати метакогнитивӣ муайян гардидааст. Ақидаи дигар ба шахси сеюм такя мекунад: худшиносӣ аз системаи эволютсияи қаблии хондани андешаҳои дигарон вобаста аст, ки минбаъд ба сӯи худӣ нигаронида мешаванд» [115, с.13].

Ҳамин гуна андешаҳо ва таърифҳои зиёди худшиносиро дар фалсафаи муосир таҳлил намуда, муҳаққиқи рус В.В. Байлук ба чунин хулоса омадааст: «Камбудии асосии таърифҳои худшиносӣ дар адабиёти илмии мавҷуда он аст, ки онҳо ба номбаркунии ин ё он тарафҳои фард бахшида шудаанд» [66, с.27].

Ҳамзамон, қобили зикр аст, ки як қатор таърифҳои мавҷударо ҷамъбаст намуда, В.В. Байлук таърифи муаллифии худро пешниҳод сохтааст, ки онро, ба ақидаи мо, як навъ таърифи синтезшудаи худшиносӣ шумурдан имкон дорад: «Бо дарназардошти суханони гуфташуда имкон дорад, ки чунин таърифи ибтидоӣ ва аз ҳама муҷарради (абстрактии) мафҳуми худшиносӣ дода шавад. Худшиносӣ ин чунин маърифат аст, ки дар он субъект ва объект ҳамон як фарди алоҳида мебошанд. Мундариҷаи худшиносӣ инъикоси худӣ аз ҷониби фард ва ташаккули образи муайяни «Ман» аст» [66, с.29].

Ба андешаи мо, қабули чунин таърифи фалсафии мафҳуми худшиносӣ ягон мушкилотеро дар таҳқиқи илмии моҳияти ин мафҳум ба пеш намеорад. Аммо барои дарки дурусти худшиносӣ на танҳо ҳамчун натиҷа, балки ҳамчун раванде, ки барои ташаккул ва рушди дурусти шахсият, аз як ҷониб ва гурӯҳҳои одамон ва ҳатто халқҳову миллатҳо, аз ҷониби дигар, хизмат мекунад, хуб мебуд, агар ба он баъзе унсурҳои фаҳмиши психологии ин мафҳум ва дар баробари хусусияти фардӣ, инчунин хусусияти гурӯҳӣ доштани он низ изофа карда мешуданд.

Қабл аз он, ки оид ба такмили таърифи болозикри худшиносӣ аз ҷониби муҳаққиқи рус В.В. Байлук чанд адешаро баён созем, мехостем хотирнишон созем, ки дар илми тоҷик низ баъзе кӯшишҳои пешниҳоди таърифи мафҳуми худшиносӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи тоҷик Х.М. Зиёӣ дар мақолаи худ «Чанд андеша ва чанд мисоле оид ба худшиносӣ» зикр намудааст: «… худшиносӣ дар маҷмуъ чун шинохти шахсияти хештан, ки ба инъикоси худӣ дар шуур асос ёфтааст, ҷанбаҳои табиию иҷтимоӣ дорад. Табиӣ будани он аз шуури инсон ҳамчун зуҳуроти табиӣ вобаста буда, иҷтимоӣ буданаш ба тарбияи инсон дар оила ва ҷомеа марбут аст. Аз ин рӯ, худшиносии миллиро низ, ки одатан ҳамчун мансуб донистани хештан ба ин ё он миллат, давлат ва фарҳанг медонанд ва танҳо чун падидаи софи иҷтимоӣ мешиносанд, бояд бо иртибот ба решаҳои табиияш маънидод созем. Кофист барои исботи решаҳои табиию иҷтимоӣ доштани он таъкид намоем, ки худшиносии миллӣ то андозае аз ирқу нажод, шароити ҷуғрофӣ низ вобастагиҳои зиёде дорад. Ва маҳз бо ҳамин сабаб тарбияи худшиносӣ барои ҳар халқу миллат махсусиятҳои худро дорад, ки ҷомеа бояд ҳатман онҳоро дар ин раванд ба эътибор гирад» [47, с.133-134].

Чунонки мебинем, муҳаққиқи мазкур ба решаҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва хусусияти фардию гурӯҳӣ доштани худшиносӣ ишора мекунад. Бо дарназардошти ин мавқеъ, инчунин бо такя ба таърифҳои ин мафҳум аз нигоҳи психологӣ ва фалсафӣ, ба ақидаи мо, пешниҳоди чунин таърифи мафҳуми худшиносӣ имкон дорад:

Худшиносӣ ин фаъолияти бошуурона ва мақсадноки маърифатӣ аст, ки ҳангоми он субъектҳо дар бораи худ - образҳои «Ман» ва «Мо» ҳамчун объект донишҳояшонро ташаккул дода, онҳоро дар шуури фардию ҷамъиятӣ инъикос менамоянд ва худро таҳлилу баҳогузорӣ намуда, ин ё он қобилият, майл ва хислатҳои табиӣ, равонӣ ва иҷтимоии худро муайян месозанд, аз онҳо истифода бурда ва барои расидан ба

ҳадаф ва мақсадҳои шахсию дастаҷамъонаи худ «Ман» ва «Мо»-и худро ташаккул ва пайваста рушд медиҳанд.

Дар ин таъриф консепсияи «Ман» (тасаввуроти устувор дар бораи худ ва қобилиятҳои зеҳнию ҷисмонӣ ва хислатҳои дигари худ) ва консепсияи «Мо», ки, ба қавли К. Маркс, он «табиати иҷтимоии «Ман»-ро мекушояд: он берун аз ҷамъият, бе муошират бо «Ман»-ҳои дигар вуҷуд дошта наметавонад», [112, с.71] бо ҳам муттаҳид карда шудаанд. Чунин фаҳмиши моҳияти худшиносӣ метавонад мавҷудияти худшиносии фардӣ ва худшиносии гурӯҳиро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намояд. Аз ҷониби дигар, ба таърифи худшиносӣ, дар баробари ҷанбаҳои фалсафии он, ки ба фаҳмиши назариявии масъала мусоидат мекунанд, изофа намудани ҷанбаҳои психологии ин мафҳум, ҷиҳатҳои амалӣ ва татбиқии худшиносиро ба таври комилтар возеҳ месозанд.

Дар робита бо таърифи додашудаи худшиносӣ, ки дар асоси методологияи фалсафӣ ва психологии таҳқиқи ин мафҳум пешниҳод шудааст, мехостем, ки чанд сухане дар бораи он аз нуқтаи назари методологияи синергетикӣ низ баён созем. Синергетика (аз калимаҳои юнонии «συν» - «ҳам» ва «ἔργον»-«фаъолият») ё илм дар бораи худташаккулёбӣ, чунонки маълум аст, равияи байнифаннӣ дар илм аст, ки қонуниятҳои умумии зуҳуроту равандҳоро дар системаҳои номутавозин ё номутаносиби физикӣ, кимиёвӣ, биологӣ, иҷтимоӣ ва ғайра дар асоси принсипҳои ба онҳо хосбудаи худташаккулёбӣ ва дур аз мувозинати термодинамикӣ меомӯзад. Вобаста ба он, ки асоси ин парадигмаро худташаккулёбӣ ташкил медиҳад, миёни истилоҳоти дар ин фан истифодашаванда зиёда аз 15 мафҳум вуҷуд дорад, ки баъзе аз онҳоро ба мафҳуми худшиносӣ дар робита дидан имкон дорад. Аз ҷумла, худмуайянкунӣ (худи ашёву зуҳурот сабаби муайянкунии худ мебошанд), худнигаҳдорӣ (худи ашёву зуҳурот сабаби ҳифзу нигаҳдории худ ҳастанд) ва худтанзимкуниро (худи ашёву зуҳурот сабаби танзими худ мегарданд) ҳамчун аломатҳои худташаккулёбӣ метавон ба худшиносӣ низ нисбат дод. Ин ба он сабаб имконпазир аст, ки дар

раванди худшиносӣ худи субъектҳо фаъолияти худро оид ба муайянсозӣ, нигаҳдорӣ ва танзими ташаккули образҳои «Ман» ва «Мо», қобилият, майл ва хислатҳои табиӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ ба анҷом мерасонанд.

Ҳамзамон, дар синергетика категорияи аутопоэзис (аз калимаҳои юнонии («αὐτός» «худ» ва «ποίησις» - «истеҳсол») дар организмҳои зинда, аз ҷумла дар инсон, мавҷуд будани худтавлидкунӣ ва худистеҳсолкуниро шарҳ медиҳад [52, с.52]. Дар таносуб бо ин худшиносиро низ ҳамчун раванди ба таври мустақил, ихтиёрӣ истеҳсол кардани унсурҳои он аз ҷониби субъектҳо метавон ба ҳайси раванди аутопоэтикӣ эътироф намуд.

Бояд таъкид намуд, ки масъалаи таносуби худшиносиро бо дигар мафҳумҳое, ки дар таркиби худ калимаи «худ» доранд, муҳаққиқи рус В.В. Байлук дар мисоли таҳқиқоти Г. К. Чернявская, А. Я. Голубчиков ва дигарон таҳлил намуда, дар асоси се саволи бунёдие, ки ҳанӯз аз ҷониби файласуфи олмонӣ И. Кант гузошта шуда буданд, яъне «1. Чиро ман донистан метавонам? 2. Ман чӣ кор бояд кунам? 3. Ба чӣ ман умед бастан метавонам?...» [18, с.15], онҳоро ба чунин гуруҳҳо тибқи ҷавобашон ба саволҳои болозикр тасниф намудааст: 1) худэҳсоснамоӣ, худмушоҳидакунӣ, худбаҳогузорӣ ва худмоделсозӣ; 2) худтайёршавӣ, худмаърифатноккунӣ, худтарбиякунӣ ва худинкишофёбӣ; 3) худтанзимкунӣ, худназораткунӣ ва худбатартиборӣ.

Аз рӯи муҳтавояшон В.В. Байлук саволҳо ва мафҳумҳои ба онҳо ҷавобгӯро ба гуруҳҳои когнитивӣ (маърифатӣ), рафторӣ ва танзимкунанда шомил сохтааст. Ба ақидаи мо, чунин тасниф намудани мафҳумҳое, ки дар таркиби худ калимаи «худ» доранд, барои муайян сохтани унсурҳои асосии худшиносӣ метавонанд кӯмак намоянд. Худи В.В. Байлук дар натиҷаи таҳқиқи ин масъала ба чунин хулоса расидааст, ки баъзеи онҳо ба навъ ё дараҷаҳои худшиносӣ шомил буда, тавассути онҳо се навъи худшиносиро калидӣ ҳисобидан имкон дорад: « ... аз нуқтаи назари мо, худшиносии фард аз худшиносии предметӣ (ашёӣ), худшиносии баҳогузоранда ва худшиносии тарҳрезанда иборат аст. Ин

тартиби дар боло пешниҳодшуда оид ба баррасии навъҳо ва дараҷаҳои худшиносӣ ҳамчун мантиқи хоссаи он баромад мекунад» [66, с.31].

Чунонки маълум аст, дар забонҳои англисӣ ва русӣ дар баробари мафҳуми худшиносӣ («self-knowledge» ва «самопознание») инчунин мафҳумҳои «self-awareness», «self-consciousness» ва «самосознание»-ро низ ба кор мебаранд. Ин мафҳумро дар забони тоҷикӣ бо калимаҳои «худогоҳӣ» (ё «худдарккунӣ») ифода кардан имкон дорад. Аммо бояд таъкид намуд, ки дар забонҳои англисӣ ва русӣ мафҳумҳои «self-knowledge» ва «самопознание» ҳамчун муродифҳои пурраи мафҳумҳои «self-awareness», «self-consciousness» ва «самосознание», яъне худшиносӣ дониста шудаанд. Беҳуда нест, ки дар луғати фалсафӣ таҳти назари И.Т. Фролов мафҳуми «самопознание» (худшиносӣ) умуман мавҷуд набуда, ба ҷойи он «самосознание» (худогоҳӣ) дода шудааст, ки аз рӯи тафсир пурра ба шарҳҳои болозикри худшиносӣ ҳаммазмун аст: «... худро ҷудо намудани инсон аз олами объективӣ, дарк кардан ва баҳогузории муносибати худ ба олам, ба худ ҳамчун шахсият, ба рафторҳо, амалҳо, андешаҳо ва эҳсосот, хоҳишҳо ва манфиатҳои худ ...» [55, с.500]. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, ба ҳайси мафҳумҳои фалсафӣ муродифи ҳамдигар донистани мафҳум ва истилоҳоти «худшиносӣ» ва «худогоҳӣ» дар забони тоҷикӣ низ дуруст хоҳад буд.

Оид ба масъалаи худшиносӣ ва худогоҳӣ на танҳо масъалаи таъриф додани он ва ба ин восита равшан сохтани моҳияти ҷавҳарии ин мафҳум, балки, аз нигоҳи мо, ба фард ва гурӯҳ, коллектив хос будани он низ муҳим ба шумор меравад. Вобаста ба ин, масъалаи равшану возеҳ сохтани муҳтаво ва моҳияти худшиносии фардӣ ва худшиносии гурӯҳӣ ба миён меояд. Ба андешаи мо, чунин таснифотро дар асоси мавҷуд будани шуури фардӣ ва шуури ҷамъиятӣ, инчунин психологияи ҷамъиятӣ ва идеологияи ҷамъият қабул кардан зарур аст.

Шуур, чунонки маълум аст, яке аз мафҳумҳои асосии на танҳо фалсафа, балки психология низ буда, қобилияти идеалии инъикос ва аз нав ба вуҷуд овардани воқеият, инчунин механизмҳо ва шаклҳои ин гуна

аз нав ба вуҷуд оварданро дар сатҳҳои гуногун ифода мекунад. Ҳамзамон, ба ҳамагон маълум аст, ки шуури фардӣ тавассути равандҳои фикрӣ, яъне тафаккур, тахайюл, хотира ва равандҳои ҳиссию иродавӣ натиҷаи маърифатро дар материяи олиташкил - мағзи сари инсон ё фарди алоҳида инъикос мекунад. Шуури фардӣ ақида, манфиат ва арзишҳои инсони алоҳидаро инъикос намуда, асоси худшиносии фардӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар асоси таърифи умумии худшиносӣ, ки каме болотар пешниҳод гардид, худшиносии фардиро ба ҳайси чунин фаъолият тавсиф кардан мумкин аст: фаъолияти бошуурона ва мақсадноки маърифатии фарди алоҳида барои ташаккули образи «Ман»; фаъолият барои худтаҳлилкунӣ ва худбаҳогузорӣ бо мақсади муайян кардани қобилият, майл ва хислатҳои табиӣ, равонӣ ва иҷтимоии худ; фаъолият барои расидан ба ҳадаф ва мақсадҳои шахсию иҷтимоии худ; фаъолият барои ташаккул ва пайваста рушд додани «Ман».

Шуури ҷамъиятиро бошад, дар фалсафа ҳамчун инъикоси олам аз ҷониби гурӯҳи одамон ва ё тамоми аъзои ҷомеаи мушаххас тавсиф карда, таъкид месозанд, ки он ҷамъи механикии шуурҳои фардӣ нест, зеро фақат умумиятҳоро миёни шуурҳои одамони алоҳида дар бар мегирад. Бо ҳамин сабаб, шуури ҷамъиятӣ ҷавҳари худшиносии гурӯҳиро ташкил медиҳад. Бо такя ба ин, худшиносии гурӯҳиро дар асоси таърифи умумии худшиносӣ, аз нигоҳи мо, аз чунин унсурҳо иборат донистан имкон дорад: 1) фаъолияти бошуурона ва мақсадноки маърифатии гурӯҳи одамон, халқияти алоҳида ё миллати муайян барои ташаккули образи ягонаи «Мо» ва дар шуури фардӣ ва ҷамъиятӣ ҷой додани он; 2) фаъолият барои таҳлилу баҳогузории умумиятҳое, ки миёни қобилият, майл ва хислатҳои табиӣ, равонӣ ва иҷтимоии аъзои гуруҳи одамон, халқияти алоҳида ё миллати муайян вуҷуд дошта, барои расидан ба ҳадаф ва мақсадҳои гурӯҳӣ, коллективӣ хизмат мекунанд; 3) фаъолият барои ташаккули образи «Мо» ва пайваста рушд додани ин образ.

Дар асоси унсурҳои дар боло зикршуда оид ба чунин шаклҳои худшиносии гурӯҳӣ сухан кардан имкон дорад: худшиносии гурухӣ (инҷо ҳама гуна гурӯҳҳо, аз ҷумла гурӯҳҳои иҷтимоӣ тибқи синну сол, ҷинсият ва ғ., табақаҳо, синфҳо ва стратаҳои иҷтимоӣ дар назар дошта шудааст), худшиносии миллӣ (миллат дар фаҳмиши қавмӣ-этникӣ ва сиёсии он), ки оид ба хусусиятҳои он дар фаслҳои дахлдори ҳамин таҳқиқот сухан меравад ва худшиносии ҷомеа (аъзои ҷомеа, ки дар як давлат ё итттиҳоди давлатҳо муттаҳид шудаанд).

Вобаста ба масъалаи худшиносии гурӯҳӣ ҳаминро бояд таъкид намуд, ки онро муҳаққиқи россиягӣ Г.Т. Сардарян бо мафҳумҳои ҳувият (идентичност)-и гурӯҳӣ, коллективӣ ва шаклҳои гурӯҳӣ, коллективии худмуайянкунӣ (идентификатсия) рабт дода, нақши онро дар ташаккули давлати миллӣ хеле муҳим арзёбӣ мекунад. Аз ҷумла, дар мисоли этноси яҳудиён ӯ нишон медиҳад, ки худшиносии гурӯҳӣ миёни ин миллат то ташаккули ҷомеаҳои саноатӣ ташаккул ёфта, «минбаъд ба худташкилшавӣ дар шакли давлат оварда расонид» [102, с.151, 156].

Ба ҳайси асоси худшиносии гурӯҳӣ шумурдани шуури ҷамъиятиро ба эътибор гирифта, бояд инчунин дар назар дошт, ки он ду сатҳ дорад - психологияи ҷамъият ва идеологияи ҷамъият. Ба психологияи ҷамъиятӣ, одатан чунин унсурҳоро шомил медонанд: сохтори психологӣ, ки ба он характери иҷтимоӣ, қавмӣ-этникӣ, миллӣ, анъанаҳо, урфу одат ва маросимҳо, завқи маънавӣ ва ғайра дохиланд; сохтори ҳиссӣ, ки ба он талабот, манфиат, руҳия ва амсоли онро ворид месозанд; таассубу хурофот, тарзи ҳаёт ва ғайра. Ҳамаи ин аз он вобаст аст, ки психологияи ҷамъиятӣ сатҳи ҳиссию эҳсосотии шуури ҷамъиятӣ буда, ба таври стихиявӣ дар зери таъсири тарзи ҳаёти одамон, ҳастии иҷтимоии одамон ба вуҷуд меояд. Дар ин мавзуъ муҳаққиқи рус В.С. Грехнёв барҳақ қайд намудааст, ки «Психологияи ҷамъиятӣ ташкилаи динамикӣ, равандӣ дар ҳаёти рӯзмарраи одамон буда, аз рӯи моҳият як навъ усули ягона (типикӣ) барои онҳо дар аксуламал (ё мушавваши) ва ҳамзамон бо ин,

дар мутобиқшавии муайяни онҳо ба шароити тағйирёбандаи ин ҳаёт мебошад» [76, с.33].

Ҳамзамон, психологияи ҷамъиятӣ ду хусусияти муҳим дорад: ба монанди шуури ҷамъиятӣ он ҳам танҳо умумиятҳоро миёни шуурҳои одамони як гурӯҳ, халқият ё миллат фаро мегирад; психологияи ҷамъиятӣ сатҳи поёнии шуури ҷамъиятӣ аст, идеологияи ҷамъият бошад, сатҳи олии он. Аз ин рӯ, ба ташаккули худшиносии гурӯҳӣ, ба ақидаи мо, психологияи ҷамъиятӣ ҳам таъсири мусбат ва ҳам таъсири манфӣ (бо сабаби фаро гирифтани таассубу хурофоти дар ҷомеа мавҷудбуда) расонида метавонад.

Дар бораи идеологияи ҷамъият сухан ронда бояд дар назар дошт, ки тибқи ақидае, ки дар фалсафа қабул шудааст, он шакли фардӣ надорад, танҳо хоси ҷамъият мебошад ва сатҳи олии шуури ҷамъиятӣ буда, низоми идеяҳо, ҷаҳонбинӣ, таълимот, тарзи тафаккурро дар самти маърифати олам ва амсоли онро фаро мегирад. Идеологияи ҷамъиятро шахсони салоҳиятноку ваколатдори ҷомеа, мутафаккирон, донишмандон, сиёсатмадорон ва амсоли он ба вуҷуд меоранд.

Дар робита бо таносуби идеологияи ҷамъият ва худшиносии гурӯҳӣ бояд ҳаминро тазаккур дод, ки дар илм ақидаи ягона оид ба ин мавзуъ вуҷуд надорад. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси мушоҳидаҳои шахсии мо, бо сабаби мавҷудияти банди махсус дар Конститусияи он – «Моддаи 8. Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад...» - [19, с.6] баъзеҳо пешниҳод мекунанд, ки давлат бояд идеология надошта бошад, баъзеҳо бошад, дар чунин ақидаанд, ки мавҷудияти идеологияи миллӣ, ки метавонад ҳамчун ҷавҳари худшиносии гурӯҳии сокинони он хизмат намояд, шарту зарур аст. Ҷонибдории худро аз гурӯҳи дуюм баён дошта, танҳо бо сабаби каме берун будани ин мавзуъ аз доираи таҳқиқоти мо,

ҳаллу фасли масъалаи мазкурро ҳамчун мавзуи баҳси рисолаи ҷудогона тавсия медиҳем.

Дар бораи худшиносии гурӯҳӣ сухан гуфта, каме болотар навъҳои он - гурӯҳӣ, миллӣ ва худшиносии ҷомеаро дар кул таъкид сохтем. Ин таснифот ба нишондиҳандаҳои миқёсӣ такя мекунад, яъне аз поён то боло шумораи фардҳои бо худшиносии гурӯҳӣ фарогирифташуда меафзояд. Аммо, ба назари мо, ба таҳқиқоти баъзе муҳаққиқони муосир такя карда, дар бораи чунин тарзҳои худшиносии гурӯҳӣ низ сухан кардан имкон дорад, ки ба кадом навъи ҷаҳонбинӣ ё шакли шуури ҷамъиятӣ асос ёфтани онро таъкид месозанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи россиягӣ Г.Т. Сардарян оид ба худшиносии гурӯҳии динӣ ақида баён намудааст: «Дар таҳқиқоти мазкур дин ҳамчун сарчашмаи муҳимтарини ташаккули арзишҳои аз ҳама устувор фаҳмида мешавад, ки худогоҳии гурӯҳии ҷомеаро муайян сохта, бе он ташаккули миллат амалан имконнопазир мебошад» [102, с.153]. Бо такя ба ин андеша, муҳаққиқи болозикр, дар баробари худшиносии динӣ, дар бораи шаклҳои дигари он низ, чун худшиносии мифологӣ ва худшиносии синфӣ (худшиносие, ки ба табақабандии ҷомеа такя мекунад) сухан мегӯяд.

Дар таҳқиқоти дигаре бошад, ки ба донишманди эронӣ Ғуломризо Раҳмонӣ тааллуқ дорад – «Худшиносии фалсафӣ» - чунонки аз номи китоб ҳам бармеояд, оид ба худшиносии гурӯҳии ба фалсафа такякунанда ақида баён шудааст. Ӯ дар муқаддимаи таҳқиқоти худ зикр мекунад, ки худшиносии фалсафӣ ба донистани нафс равона шудааст. Нафс, дар фаҳмиши Ғуломризо Раҳмонӣ, ҳам ба маънии «худ» аст ва ҳам ба маънии «руҳ». Бо такя ба ин суханони муаллифи китоб, таҳлили муҳтавои он ва масъалаҳои асосии дар китоб баррасишуда чунин хулоса кардан имкон дорад, ки ин муҳаққиқи эронӣ таҳти мафҳуми «худшиносии фалсафӣ» маҳз «руҳшиносӣ» ё «нафсшиносӣ»-ро дар назар дорад [51, с.17], ки онро ҳамчун илме миёни фалсафа ва психология муаррифӣ месозад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, дар бораи худшиносии гурӯҳӣ дар асоси тамоми навъҳои таърихии ҷаҳонбинӣ (мифология, дин,

фалсафа) ва тамоми шаклҳои маълуми шуури ҷамъиятӣ (дин, фалсафа, ҳуқуқ ва ғайра) сухан гуфтан имкон дорад. Аз ҷониби дигар, ба андешаи шахсии мо ва ба ин эътимоди комил дорем, дар замони муосир он шакли худшиносии гурӯҳӣ самаранок буда метавонад, ки ба ҷаҳонбинии илмӣ-фалсафӣ такя мекунад.

Моҳияти худшиносии фардӣ ва гурӯҳиро равшан намуда, инҷо мехостем чанд андешаеро оид ба вазифаҳои онҳо баён намоем. Аммо барои расидан ба ин мақсад бояд дар мадди аввал сохтори худшиносӣ возеҳ карда шавад. Оид ба ин масъала дар фалсафа ва психология андешаҳои гуногун баён гардидаанд. Дар ин самт, одатан, ба андешаҳои маълуми файласуфи олмонӣ К. Ясперс (1883-1969) такя карда, сохтори худшиносиро ба таври иерархӣ ё мартаботӣ иборат аз се дараҷа – худмушоҳидакунӣ, худдарккунӣ ва худвозеҳкунӣ иборат медонанд, ки дар ниҳояти кор ба мутобиқати пурраи шахс ба худи ӯ мерасонанд. Ақидаҳои Е.А. Аронова, Л.С. Виготский, В.П. Зинченко, М.И. Лисина, С.Ю. Степанов, И.И. Чеснокова ва як қатор дигар файлсуфону психологҳоро таҳлил намуда, муҳаққиқи рус Ю.А. Мохова дар таҳқиқоти худ «Оид ба масъалаи сохтори худогоҳии шахсият» ба чунин хулоса расидааст, ки дар муносибат ба масъалаи муайян сохтани сохтори худшиносӣ ва худогоҳӣ дар илм ду навъи баррасиҳо вуҷуд доранд, ки яке унсурҳои онро нишон медиҳад ва дигаре дараҷаҳои худшиносиро. Вобаста ба ин, Ю.А. Мохова таснифоти гуногуни сохтори худшиносиро ҷамъбаст ва синтез намуда, онро аз чор унсур – мотиватсионӣ (ҳавасмандкунанда), когнитивӣ (маърифатӣ), аффективӣ (нафсонӣ) ва танзимӣ иборат донистааст. Аз нуқтаи назари ӯ, ин унсурҳои худшиносӣ чунин мундариҷа доранд:

«Унсури мотиватсионӣ самтгирӣ ва хосса будани тамоми унсурҳои дигари падидаи таҳқиқшавандаро муайян сохта, аз системаи барангезандаи шахсият ба сӯи худшиносӣ, худидроккунӣ, худтанзимкунӣ иборат мебошад: саъю кӯшиш барои муҳим будани шахсияти худ, мотивҳо, талабот, манфиат, идеал, арзишҳо, маъноҳои худ ва ғайра...

Унсури когнитивӣ дар худ системаи донишҳо ва тасаввуротро дар бораи намуди зоҳирии худ, қобилиятҳо, имкониятҳо, хусусиятҳои худ, ки дар консепсияи «Ман» ва образи « Ман» зуҳур менамоянд, дар бар мегирад. Унсури аффективӣ бо баҳогузории субъект ва ташвишҳои ӯ дар бораи донишҳояш оид ба худ алоқаманд буда, дар шакли падидаҳое чун худбаҳогузорӣ, ба худ муносибат кардан, сатҳи даъвоҳо, худэҳтиромкунӣ ва ғайра зуҳур мекунад. Ва, дар ниҳоят, унсури танзимкунанда, ки ҳама унсурҳои дар боло зикршудаи худогоҳиро дар худ муттаҳид сохта, дар шакли худтанзимкунии бошууронаи ҳолатҳои равонӣ, таъсиррасониҳо, амалҳо ва рафторҳои беруна дар маҷмуъ зуҳур менамояд» [95].

Ин ақидаҳои муҳаққиқи рус Ю.А. Моховаро бо андешаҳои файласуфи олмонӣ К. Ясперс якҷо намуда, ба ақидаи мо, тасаввуротро дар бораи сохтори худшиносӣ бо эътирофи ҳам унсурҳо ва ҳам дараҷаҳояш комилтар намудан имкон дорад, зеро синтези ин ду фаҳмиш ҷанбаҳои амалии корро дар раванди ташаккул ва рушди худшиносӣ тақвият мебахшад. Аз ин рӯ, сохтори худшиносиро иборат аз дараҷаҳои худмушоҳидакунӣ, худдарккунӣ, худвозеҳкунӣ ва унсурҳои мотиватсионӣ, когнитивӣ, аффективӣ ва танзимкунӣ донистан донишҳои моро оид ба ин мафҳум ҳамаҷониба васеътар менамояд.

Дар асоси фаҳмиши болозикри сохтори худшиносӣ баъзе вазифаҳо ё функсияҳои онро низ муайян кардан мумкин аст, ки когнитивӣ ва танзимкунӣ аз ҷумлаи онҳоянд. Баъзан дар адабиёти илмӣ, инчунин, дар бораи вазифаҳои худрушддиҳӣ, худтакмилдиҳӣ, экзистенсиалӣ, интегративӣ (муттаҳидкунанда), муҳофизатии худшиносӣ ва ғайра низ сухан мегӯянд. В.В. Байлук бошад, як қатор вазифаҳои худшиносиро баробар бо вазифаҳои маърифат ва ё шуур дар маҷмуъ шумурдааст: «... худшиносӣ тавассути робитаи мутақобилаи диалектикии худогоҳии предметӣ (ашёӣ), баҳогузоранда ва тарҳрезанда, ба мисли маърифат (шуур) дар умум, вазифаи инъикоснамоӣ ва танзимкунандаро дар ҳама гуна худамалисозии инсон иҷро мекунад» [66, с.31].

Агар вазифаҳои номбаршударо дар таҳқиқоти гуногун ҷамъбаст намоем, тахминан ҳашт намуди вазифаҳои асосии худшиносиро ҷудо кардан имкон дорад, ки мундариҷаи онҳоро дар қиёс бо вазифаҳои дигар падидаҳои маърифатӣ ё муқоиса бо вазифаҳои онҳо бо такя ба дастовардҳои илмҳои мухталифи гуманитарӣ чунин шарҳ додан мумкин аст:

- вазифаи когнитивӣ – худшиносӣ бо такя ба фаъолияти мақсадноки маърифатӣ, самтгирӣ ва тафаккур шахсияти фардро ташаккул медиҳад;

- вазифаи танзимкунӣ - худшиносӣ тавассути қоидаҳои муайяни рафтор, ки худи шахс таҳия кардааст ё дар умум қабул шудаанд, муносибатҳои фардро бо дигарон танзим мекунад;

- вазифаи худрушддиҳӣ – худшиносӣ фардияти шахсро ташаккул дода, номуайяниҳои ҳаётии ӯро бекор мекунад, огоҳии фардро аз «Ман»-и ӯ таъмин намуда, шахсиятро пайваста рушд медиҳад;

- вазифаи худтакмилдиҳӣ – худшиносӣ ба таври мунтазам худмаълумотгирӣ, худтарбиякунии инсон, ташаккули малакаву маҳорати ӯ, ҳавасмандии инсонро дар ин самтҳо таъмин месозад;

- вазифаи экзистенсиалӣ (вуҷудӣ, ҳаётӣ) – худшиносӣ ҳифзи иҷтимоӣ ва эҳсосотии шахсиятро дар ҳолатҳои экстремалӣ (фавқулода) кафолат медиҳад;

- вазифаи интегративӣ – худшиносӣ муттаҳидшавии шахсро бо дигарон, вобастагӣ ва масъулияти мутақобиларо бо онҳо таъмин менамояд;

- вазифаи муҳофизатӣ – худшиносӣ  инҳисори шахсро аз таъсироти берунаи номақбул ё хавфнок ба вуҷуд меорад;

- вазифаи инъикоснамоӣ – худшиносӣ ба инсон кӯмак мекунад, то ӯ дар воқеияти атроф самтгирӣ карда тавонад ва ашёву зуҳуротро аз нигоҳи мақбул ё номақбул будани онҳо баҳогузорӣ кунад ва ғайра.

Ба ҳамин тариқ, таҳлилҳои дар боло омадаро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки худшиносӣ ва худогоҳӣ ҳамчун

фаъолияти бошуурона ва мақсадноки маърифатӣ барои ташаккули образи «Ман» ва «Мо», пайваста рушд додани онҳо, худтаҳлилкунӣ ва худбаҳогузорӣ ва амсоли он иборат аз сохтор, дараҷаҳои муайян ва навъҳои фардию гурӯҳӣ, коллективӣ буда, барои ташаккул ва рушди шахсият, гуруҳҳои иҷтимоӣ, халқияту миллатҳо ва ҷомеа дар кул хизмат мекунанд. Аммо моҳияти худшиносӣ, худогоҳӣ ва амалкарди онҳо дар ҷомеа гуногун буда, онҳоро мутафаккирони гузашта ва муҳаққиқони муосир низ бо тарзҳои мухталиф шарҳу тафсир додаанд. Вобаста ба ин, дар ду фасли минбаъдаи рисола ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ ва худогоҳиро бо ҷузъиёти дигари онҳо ҳам дар фалсафаи ғарбӣ аз даврони атиқа то оғози асри XX ва ҳам дар анъанаҳои динӣ ва фалсафии Шарқ дар даврони мазкур мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

## 1.2 Масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи ғарбӣ аз даврони атиқа то оғози асри XX

Таҳлили моҳияти фалсафии мафҳумҳои худшиносӣ ва худогоҳӣ ва таърифҳое, ки дар фалсафа ва психологияи муосир оид ба онҳо пешниҳод гардидаанд, нишон медиҳанд, ки дар раванди баррасии ин падидаҳо муҳаққиқон ба коркардҳои фалсафии ин масъала дар замонҳои гуногун ва дар фарҳангҳои мардуми мухталифи олам такя намудаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи инсоният дар ин мавзуъ, ки дар фалсафа ва илми чӣ Ғарбу чӣ Шарқ инъикоси худро ёфтааст, метавонад тасаввуроти моро оид ба моҳияти падидаҳои худшиносӣ ва худогоҳӣ боз ҳам васеътар намояд. Вобаста ба ин, дар ин фасли рисола ақидаҳои мутафаккирони кишварҳои Ғарбиро аз даврони атиқа то оғози асри XX дар мисоли намояндагони фалсафаи Юнони Қадим, асрҳои миёна, замони Нав, фалсафаи классикии немис ва дигар мактабу ҷараёнҳои фалсафӣ дар ин минтақа мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Қабл аз он, ки ба баррасии ақидаҳои мутафаккирони ғарбӣ оид ба худшиносӣ ва худогоҳӣ шуруъ намоем, қобили зикр мешуморем, ки дар таърихи фалсафа марҳалабандии ташаккул ва рушди фалсафаи Ғарбро тибқи табақабандии таърихӣ ба анҷом расонида, хусусиятҳои асосии онро нишон медиҳанд, ки одатан чунин аст: даврони атиқа (кайҳонмарказӣ), даврони асримиёнагӣ (худомарказӣ), даврони Эҳё (инсонмарказӣ), Замони Нав (коркарди методи илмии маърифатӣ), даврони маорифпарварӣ дар Фаронса, Олмон ва кишварҳои дигари ғарбӣ, фалсафаи классикии немис, ташаккул ва рушди мактаб ва ҷараёнҳои дигари фалсафӣ то оғози асри XX (соли 1905, оғози даврони навтарин, ки бо пешниҳоди назарияи махсуси нисбият аз ҷониби физик ва файласуфи машҳур А. Эйнштейн (1879-1955) дар олами физикаи назариявӣ ва ҷаҳонбинии илмии инсоният, дар маҷмуъ табаддулот ба вуқуъ пайваст) ва фалсафа дар таърихи навтарин. Вобаста ба ин, ташаккул ва рушди ақидаҳо ва таълимоти фалсафиро оид ба худшиносӣ

дар Ғарб низ бо ҳамин тартиб марҳалабандӣ кардан мумкин аст. Аммо, инҷо бояд як хусусиятро ба назар гирифт, ки бо сабаби он, ки масъалаи инсон дар тамоми давру замон ва фазову макон дар маркази таваҷҷуҳ қарор доштааст ва мутафаккирону файласуфон оид ба худшиносӣ ва худогоҳии ӯ ақидаҳои худро баён сохтаанд, ба андешаи мо, ба ҳамаи марҳалаҳои болозикр дар баробари хусусиятҳои зикршуда мавҷудияти инсонмарказӣ ҳамчун унсури хосиятии ин марҳалаҳо низ хос аст. Ин хусусиятро махсусан дар фалсафаи атиқаи Юнон ва Рими Қадим бараъло мушоҳида кардан имкон дорад, ки дар поён дар мисоли Суқрот, Протагор ва дигарон онро ба таври аёнӣ нишон медиҳем.

Дар бораи масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи ғарбӣ аз даврони атиқа то оғози асри XX сухан ронда, бояд тазаккур дод, ки, ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, чунонки дар фасли гузашта низ таъкид гардид, дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ бори аввал файласуфони Юнони Қадим - ҳафт хирадмандон, яъне Фалес, Питтак, Биант, Солон, Клеобул, Мисон ва Хилон оид ба худшиносӣ сухан гуфта, шиори маълуми «Худро шинос!» (ба забони юнонӣ «Gnothi se auton», ба забони лотинӣ «Nosce te ipsum»)-ро пешниҳод намудаанд. Бо иқдоми ин хирадмандон, тибқи маълумоти баъзе сарчашмаҳо, тахмин меравад, ки он дар маъбади Аполлон дар шаҳри Делфҳо дар асрҳои VII-VI то мелод ҳаккокӣ карда шуда, минбаъд миёни донишмандону мардуми муқаррарӣ алоқамандони зиёде пайдо намуд. Яке аз он ҳафт хирадмандон Хилон (600-520 то мелод) ин шиори худшиносиро дар шакли муфассалтар - «Худро шинос ва ту худоён ва Оламро мешиносӣ» баён намудааст. Суқрот бошад, баъди зиёрати маъбади мазкур ибораи «Худро шинос!»-ро ҳамчун шиори фалсафии худ қарор дод.

Оид ба таълимоти ҳафт хирадмандони Юнони Қадим дар самти худшиносӣ ва худогоҳӣ маълумоти хеле кам то даврони мо расидааст. Аз Суқрот бошад, агарчи асаре боқӣ намондааст, вале дар сарчашмаҳои қадимӣ баъзе афкори ӯро зикр кардаанд, ки муҳаққиқони муосир дар асоси онҳо баъзе ҷанбаҳои таълимоти мутафаккирро дар ин масъала

равшан сохтаанд. Дар маҷмуъ, Суқрот дар даврони атиқа бо пешниҳоди худшиносӣ як таҳаввулоти меҳвариро дар фалсафа ба вуҷуд овард: «Суқрот ба таҳқиқоти натурфалсафии пешгузаштагони худ майдони аз ҷиҳати принсипиалӣ нави мушкилотро муқобил гузошт. Ивазшавии объекти фалсафии масъалагузорӣ ба вуқуъ пайваст – акнун он на табиат (кайҳон), балки худи инсон, руҳи ӯ буд» [72, с.26-27].

Дар бораи худшиносӣ андешаронӣ намуда, Суқрот онро бо маърифати некӣ, хайр айни ҳамдигар медонад, вале ягон қонуни ахлоқиро барои ин муқаррар намесозад. Худшиносии суқротӣ, дар баробари ин, як қисмати таълимоти мутафаккирони Юнони Қадим дар бораи «ғамхорӣ ба худ» (бо забони юнонӣ «ἐπιμέλεια ἑαυτοῦ») мебошад, ки ба чунин маъно аст: «Ғамхорӣ ба худ – ин амалияи «тамринҳои маънавӣ» (ба истилоҳи П. Адо) буда, дар он худшиносӣ нақши калидиро иҷро мекунад. Ин чунин тамрини маънавӣ аст, ки дар сатҳи амалӣ (дар нисбати Суқрот) зуҳур мекунад» [72, с.27].

Ҳамзамон, «Барои Суқрот шинохтани худ дар танҳоӣ имконнопазир аст, он танҳо тавассути робитаи мутақобила амалӣ мегардад, ки ин табиати иҷтимоӣ доштани инсонро таъкид месозад» [100, с.147]. Ба ибораи дигар, Суқрот инсонро дар якҷоягӣ бо инсони дигар бо самтгирӣ ба худии худ ҷустуҷӯ мекунад.

Тарзи ҳаёт ва сабабу омилҳои марги Суқротро ба эътибор гирифта, муҳаққиқон худтаҳлилкунии инсонро асоси таълимоти ӯ дар бораи худшиносӣ донистаанд, вале дар ин бора чунин хулоса кардаанд, ки муроқибаҳо ва медитатсияҳои ӯ бо сокит истодан дар як ҷо ин на навъе аз танбалӣ, балки як навъи фаъолмандии ба худ хос буд: «Оне, ки дар ҳаёт ва таълимоти Суқрот ба ваҷд меоварад, ин фаъолмандии бузург, мардонавор ва пур аз муҳаббати ӯст. Ин фаъолмандиро ӯ ба асрори бузурги худшиносӣ низ интиқол дод, ки дар мисоли Суқрот онро камтар аз медитатсияи ғайрифаъол ҳисобидан мумкин аст, агарчи ин ба онҳое, ки ӯро шаборӯзӣ дар ҳолати сукут дар як макон медиданд, чунин ба назар мерасид, вале руҳи бузурги ӯ дарвоқеъ «ғоибона ба болоҳо

мепарид». Аммо ин «ғайрифаъолӣ»-и ба назар расанда амалан зуҳури нерӯи бузурги маънавӣ буд, ки болҳояшро барои ҷустуҷӯ-парвоз кардан ба сӯи некӣ кушода, барои ӯ ҳамчун ҳақиқат ва зебоӣ буд» [83, с.98].

Дар маҷмуъ, агар Суқрот ва ҳафт хирадмандон қабл аз ӯ ҳамчун бунёдгузорони худшиносӣ дар фалсафаи даврони атиқаи Юнони Қадим эътироф шуда бошанд, пас ба ақидаи мо, файласуфи ҳамин даврон Протагорро (485-410 то мелод) поягузори худшиносии анропологӣ дар фалсафа номбар кардан мумкин аст, зеро маҳз ҳамин мутафаккир бори аввал дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ эълом доштааст, ки «Инсон меъёри ҳама чизҳост, чизҳои мавҷудбуда, ки ҳастанд ва мавҷуднабуда, ки нестанд» [25, с.317]. Ин ақидаи ӯ таҳти таъсири андешаҳои Гераклит (544-483) оид ба ҷоришаванда будани ашё ташаккул ёфтааст. Дар бораи антропологӣ будани таълимоти умумии Протагор муҳаққиқи рус С.В. Романов низ масъалагузорӣ намудааст: «Маҳз Протагор яке аз аввалинҳо шуда, симои инсонро на танҳо дар маркази фалсафаи худ, балки дар маркази ҳастӣ дар умум қарор дод ва аломатҳои хоси инсонро дар қиёс бо мавҷудоти дигари зинда возеҳ сохт» [100, с.146].

Протагор аз ҳамзамонони Суқрот буда, таълимоти ӯ дар бораи худшиносӣ камтар мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Аз ин мутафаккир то даврони мо ягон осоре боқӣ намондааст, агарчи маълум аст, ки ӯ чунин рисолаҳо, трактатҳо таълиф намудааст: «Ҳақиқат», «Дар бораи ҳастӣ», «Нутқи бузург», «Зиддиятҳо», «Дар бораи худоён» ва ғайра. Дар бораи баъзе андешаҳои ӯ, ки аз ҷумла, масъалаҳои худшиносиро фаро мегиранд, дар асоси асарҳои дигари намояндагони фалсафаи Юнони Қадим маълумот пайдо кардан имкон дорад. Маълумоти мавҷударо дар осори Афлотун, Арасту, Диоген Лаэртий (асрҳои II-III мелодӣ) ва дигарон ҷамъоварӣ намуда, муҳаққиқони фалсафа маҷмуае бо номи «Протагор аз Абдер. Пораҳо ва шаҳодатҳо» бо забонҳои англисӣ ва русӣ аз осори ӯ нашр намудаанд, ки бо такя ба он баъзе андешаҳои мутафаккирро оид ба худшиносӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Дар таълимоти худ Протагор, дар баробари инсон, оид ба масъалаҳои табиат, физика ва амсоли он низ, ки дар фалсафаи Юнони Қадим бо сабаби кайҳонмарказӣ будани он интишори васеъ доштанд, ақида баён намудааст. Аммо, ақидаи марказии ӯ оид ба меъёри ҳама чизҳо будани инсон, ки ҷавҳари таълимоти мутафаккирро оид ба худшиносӣ ташкил медиҳад, дар маълумоти аз осори ӯ боқимонда мавқеи асосӣ дошта, мутафаккирони дигар низ маҳз ба ҳамин ҷанбаи таълимоти ӯ таваҷҷуҳ доштаанд. Таҳлили мукаммали ин андешаи Протагор, ба ақидаи мо, ба ду хулоса меорад: 1) агар инсон ҳамчун меъёри асосии ҳама чизҳо бошад, пас таваҷҷуҳи ӯ ҳамчун меъёри асосӣ бояд ба худи ӯ, яъне ба худшиносӣ равона карда шавад; 2) агар инсон меъёри ҳамаи чизҳои мавҷудбуда ва мавҷуднабуда бошад, пас инсон дар бораи худ ва тамоми ашёву зуҳуроти дигар дониш гирифта метавонад (ба истиснои худоён, ки поёнтар инро шарҳ медиҳем). Ин ақида тавассути таҳлили пораҳои боқимонда аз суханони мутафаккир исботи худро пайдо мекунад.

Барои рушди худшиносӣ Протагор ба инсон чунин омилҳоро муҳим дониста, дар ин самт баъзе тавсияҳо додааст: 1) дар асари худ «Нутқи бузург» ӯ худшиносиро аз хислатҳои табиии фард, машғулии ӯ ба медитатсия вобаста дониста, аз даврони ҷавонӣ ба илмомӯзӣ дода шуданро муҳим шумурдааст; 2) тарбия ва худшиносӣ танҳо бо роҳи рафтан ба умқи худ ва ба умқи донишҳо натиҷа медиҳанд; 3) донистани илмҳо, аз ҷумла назарияи шеър, аз рукнҳои муҳимми тарбияи инсони худшинос аст, зеро ин имкон медиҳад, то инсон бифаҳмад, ки чиро шоирон дуруст ва чиро нодуруст гуфтаанд; 4) кӯшишҳои шахсӣ, меҳнату заҳмат, тарбия ёфтан ва хирадмандӣ тоҷи сари инсон дар роҳ ба сӯи худшиносӣ мебошанд [25, с.318, 321, 328].

Ҳамаи суханони болозикри Протагорро таҳлил намуда, файласуфи Юнони Қадим Гермий (соли ваф. 341 то мелод) – шогирди Афлотун ва дӯсти Арасту дар «Мазоҳи файласуфони бутпараст» баён доштааст, ки

«ман аз Протагор ба ваҷд меоям, ки ҳама ё аксарияти чизҳоро ба худи инсон вогузор мекунад» [25, с.328].

Омӯзиши инсонро тавсия намуда, Протагор бар хилофи андешаҳои дар даврони ӯ интишорёфта оид ба моҳияти худоён як мавқеи скептикӣ, шаккокиятро ишғол намудааст: «Ман дар бораи худоён наметавонам онро бидонам, ки онҳо ҳастанд, на онро, ки онҳо нестанд, на онро, ки онҳо аз кадом навъанд: чизҳои зиёде ба дарёфти чунин донишҳо мамониат мекунанд, ҳам нофаҳмо будани худи предмет ва ҳам кутоҳ будани умри инсонӣ» [25, с.318]. Ин мавқеи Протагор, аз нигоҳи мо, нишон медиҳад, ки ӯ қисмати дуюми ақидаи Хилон дар бораи худро шинохтан ба шинохти худоён мебарад, ғайриимкон мегардонад.

Бояд таъкид намуд, ки ақидаҳои Протагор дар бораи инсон ва худшиносии ӯ на танҳо мардуми Афина ва дигар шаҳрҳои Юнони Қадимро ба ваҷд меоварданд, балки ба муқобилияти сахте низ дучор гардида буданд. Аз ҷумла, Афлотун аз забони Суқрот ва бо сабаби ба идеализм майл доштанаш дар асараш «Қонунҳо» ба Протагор чунин эътирозҳо намудааст: «Дарвоқеъ, чаро Ҳақиқати худро шуруъ намуда, ӯ эълон нанамояд, ки «меъёри ҳама чизҳо хуки ахташуда» ё «маймуни бабуин мебошад», ё худ ягон мавҷуди дигари аз ин ҳам боз ғарибтаре аз ҷумлаи онҳое, ки соҳиби ҳис мебошанд... Худо барои мо меъёри ҳама чизҳост, ҳам дар дараҷаи олӣ ва ҳам то андозаи зиёдтаре, на он, ки мегӯянд, кадом як инсоне» [25, с. 324-325].

Арасту низ дар «Метафизика»-и худ ба андешаҳои Протагор муқобилият нишон дода, қайд намудааст: «Мо мегӯем, ки илм меъёри ҳама чизҳост, чунонки ҳисҳо ҳам бо ҳамин сабаб, зеро маҳз тавассути онҳо мо маърифат мекунем, агарчи худи онҳо чен карда мешаванд, на ин, ки чен мекунанд» [25, с.326].

Дар ин росто, ба ақидаи мо, бояд ба назар гирифт, ки Протагор инсонро ҳамчун меъёри ҳама дониста, ба қобил будани ӯ ба худшиносӣ такя мекунад, вале ҳайвонот ба ин қодир нестанд ва дар ин кор меъёр буда наметавонанд. Ҳамзамон, Протагор инсонро субъекти меъёри ҳама

шинохта, албатта, дар назар дорад, ки ӯ низ чун Арасту бовар дорад, ки инсон ин амал, яъне меъёри ҳама будани худро бо истифода аз ҳисҳо, ақл ва илм иҷро мекунад. Аз ин рӯ, эътирозҳои Афлотун ва Арасту ба Протагор дар ин масъалаҳо, хусусан меъёри ҳама будани худоён, аз нигоҳи мо, чандон асоснок нестанд.

Дар фалсафаи намояндаи дигари фалсафаи Юнони Қадим, бунёдгузори идеализми объективӣ Афлотун, чунонки дар фасли аввали рисола низ зикр шуд, худшиносӣ баробар бо боандеша будан аст. Аз ин рӯ, шиори «Худро шинос!»-ро дар таълимоти афлотуния муҳаққиқони муосир баробар бо «Боандеша бош!» донистаанд [72, с.27-28].

Дар асоси таҳлили «Муколамаҳо»-и Афлотун ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки ӯ худшиносиро аз мавқеъҳои гуногун шарҳ дода, ба як қатор хулосаҳо расидааст. Аввалан, худшиносӣ тавассути зистан тибқи талаботи фалсафа ва таҷриба кардани худии худ ва дигарон имконпазир мегардад. Сониян, инсон бояд пеш аз ягон чизи худ, аввалан ба худии худаш ғамхорӣ кунад, чунонки пеш аз ғамхорӣ ба ягон моликияти шаҳр ба худи шаҳр ғамхорӣ кардан зарур аст ва ҳеҷ гоҳ худро бо сухан ё бо амал озор надиҳад. Сеюм, дигаронро дар самти бадӣ кардан ё нодуруст зиндагӣ кардан гунаҳгор накарда, инсон бояд худ кӯшиш кунад, ки комил бошад, ки барои ин амал кардан зарур аст, на даҳони дигаронро бастан [23, с.14, 19, 20, 22].

Доир ба худмухтории инсон ва расидани ӯ ба саодат Афлотун гуфтааст: «Марде, ки барои ӯ ҳама чизе, ки саодат меоранд, пурра ё тахминан пурра аз худи ӯ вобастаанд ва марде, ки инро ба кифти дигарон бор намекунад, то бурд ё бохти онҳоро ноустувор насозад ва марде, ки сарнавишти худро ба дӯши худ дорад, бо ин роҳ барои худ ҳиссаи беҳтаринро омода мекунад ва хирадманд, боақл ва мард боқӣ мемонад» [23, с.69].

Дар баробари ин, Афлотун аз забони Суқрот чунин баён кардааст, ки нодонӣ ин девонагӣ нест, вале худро нашинохтан ё чунин тахайюл кардан, ки чизи намедонистаро медонӣ, ба девонагӣ наздик мебошад.

Ҳамзамон, Афлотун низ чун Суқрот худшиносиро як амале медонад, ки дастаҷамъона, якҷоя бо дигарон сурат мегирад [23, с.138].

Дар маҷмуъ, таҳлили «Муколамаҳо» нишон медиҳад, ки Афлотун ҷавҳари таълимоти худро оид ба худшиносӣ дар муколамаи Суқрот ва Алкивиад баён намудааст, ки мундариҷаи асосӣ ва хулосаи он чунин аст: «Суқрот. Оё худро шинохтан осон аст? (охир инро на ягон роҳгузари тасодуфие дар маъбади Пифий ҳаккокӣ намудааст)? Ё худ, баръакс, ин душвор ва на ба ҳар як кас дастрас аст? Алкивиад. Аксар вақт ба ман чунин менамуд, ки ин ба ҳама дастрас аст, вале аксар вақти дигар, баръакс, инро ман кори хеле вазнин тасаввур мекардам. Суқрот. Аммо, Алкивиад, ин барои мо осон аст ё нест, чунин рух медиҳад: худро шинохта, мо ҳамзамон ғамхориеро мешиносем, ки ба он муҳтоҷ ҳастем, вале бе чунин шинохтан мо инро ҳеҷ гоҳ дарк намекунем. Алкивиад. Дар ҳақиқат ҳамин тавр аст… Суқрот. Гӯш кун: чӣ тавр мо метавонистем, ки ҳамин «худии» худро ҷустуҷӯ намоем? Шояд, ки бо ин тарз мо медонистем, ки мо аз чӣ иборатем, вале якумро надониста, мо худро ҳам шинохта наметавонем… Суқрот. Пеш аз ин гуфта шуда буд, ки, қабл аз ҳама, зарур аст, ки «худии» худро баррасӣ намоем. Ҳоло бошад, ба ҷойи «худӣ» дар шакли умумӣ мо ҳар як «худиро» баррасӣ намудем – он аз чӣ иборат аст ва шояд ин барои мо басанда аст: охир мо қайд намудем, ки дар мо аз рӯҳ дида чизе асоситар нест… Яъне, он, ки амр медиҳад, ки мо худро шиносем, инчунин фармон медиҳад, ки рӯҳи худро бишиносем» [23, с.143-146].

Ба ибораи дигар, ин муколамаи тулонӣ собит месозад, ки Афлотун ҳамчун файласуфи идеалист худшиносии инсонро баробар бо донистани моҳият ва ҷавҳари рӯҳи инсонӣ ҳисобидааст.

Дар бораи ақидаҳои файласуфи дигари Юнони Қадим - Арасту оид ба худшиносӣ сухан ронда, бояд қайд кард, ки дар ин амал низ ӯ, то андозае, тибқи ҳамон андешаи «Афлотун дӯсти ман аст, вале ҳақиқат афзалтар аст» амал намуда, худшиносиро бар хилофи устоди худ як амали душвор ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо ғийриимкон донистааст. Дар

ин бора ӯ дар асари худ «Этикаи бузург» чунин нигоштааст: «Худро шинохтан ин, чунонки баъзе хирадмандон мегуфтанд, кори аз ҳама вазнин ва аз ҳама хурсандиовар аст (охир чӣ тавр хурсанд нашавӣ, ки худро мешиносӣ), аммо мо худро бо неруҳои худ дида наметавонем, ин бо сабаби он маълум аст, ки дигаронро сарзаниш намуда, мо ҳис намекунем, ки худ рафторҳои ҳамранги онҳо мекунем; ин бо сабаби гузашт кардан ба худии худ ё аз сабаби ҳирс рух медиҳад, ки аксари моро ин ҳолат гӯё нобино мекунад ва намегузорад, ки дуруст андешаронӣ кунем; аз ин рӯ, чунонки ҳангоми хоҳиши дидани рӯи худ мо ба оина нигоҳ мекунем ва онро мебинем, ба ҳамин тарз чун хоҳиши шинохтани худро дошта бошем, мо метавонем ба дӯсти худ нигоҳ карда худро бишиносем. Охир, дӯст, чунонки мо мегӯем ин «мани дуюм» аст. Ба ҳамин тариқ, агар шинохтани худ хурсандиовар аст ва шинохтани худ бе дӯст ғайриимкон аст, пас инсони худкифо бояд ба дӯстӣ ниёз дошта бошад, то худии худро бишиносад» [5, с.373].

Таҳлили ин пораи матн нишон медиҳад, ки донишҳои дар натиҷаи худшиносӣ ба даст омада, аз нигоҳи Арасту, метавонанд, ки бо сабаби гузашт кардан бар худ ғайриҳақиқӣ бошанд, аз ин рӯ, инсон бояд худро дар мисоли дигарон, масалан, дӯсти худ шиносад. Ин ақида ва ақидаҳои дигар Арастуро ба чунин хулоса оварданд, ки ӯ ба ҷойи худшиносӣ Худошиносиро пешниҳод намояд. Оид ба ин масъала муҳаққиқи рус С.А. Гарнтсев одилона қайд мекунад, ки бо сабаби машғулии худ ба таҳқиқоти объективӣ, Арасту завқмандии худро ба ҷузъиёти масъалаи худшиносӣ гум карда, бештар ба таҳқиқи ақли инсонӣ ва ақли илоҳӣ дар доираи этика (илми ахлоқ) ва ноология (аз калимаҳои юнонии «νοῦς» - «руҳ» ва «λόγος» - «таълимот», яъне руҳшиносӣ) машғул гардид [74, с.28]. Бо ҳамин сабаб, худшиносӣ ва худогоҳие, ки Арасту дар бораи онҳо сухан мегӯяд, дар мадди аввал, бо Худошиносӣ алоқамандӣ доранд.

Бояд таъкид намуд, ки оид ба худшиносӣ дар Юнони Қадим инчунин дар таълимоти софистон, киникҳо, равоқиён, пайравони Эпикур (342/341-271/270 то мелод) ва ҷараёну мактабҳои дигари фалсафӣ сухан

гуфтан имкон дорад, вале миёни онҳо Афлутин (204/205- 270) ва навафлотуния мақоми хосса доранд. Ин мутафаккир, ки дар Юнони Қадим ва империяи Рим умр ба сар бурда, таълимоти Афлотунро ба система даровардааст, беш аз ҳама бо таълимоти худ, ки бо номи навафлотуния машҳур аст, ба фалсафаи Шарқ таъсир гузоштааст.

Афлутин дар асари худ «Эннеадҳо», ки дар он фасле бо номи «Дар бораи шахсиятҳо ва он, ки дар он тараф аст» ном дорад, мухтасари ақидаҳои худро оид ба масъалаи худшиносӣ баён доштааст. Ӯ чунин меҳисобад, ки «Агар ақл Худоро медонад, пас дар ин дониш дар бораи худ низ дониш вуҷуд дорад; оромӣ ва сукути ақл неруест, ки ба худ нигаронида шудааст» [24, с.61]. Ба ибораи дигар, барои Афлутин худшиносӣ ин Худошиносӣ аст, ки тавассути ақл сурат мегирад. Ақл бошад, аз руҳи оқила ва дарки ҳиссӣ, ки аз ин руҳ пасттар аст, болотар қарор дорад.

Дар бораи натиҷаҳои худшиносӣ сухан гуфта, Афлутин дар назди худ ду савол мегузорад ва худ ба онҳо ҷавоб мегӯяд: 1) инсоне, ки худ ба ақл табдил ёфтааст, худро чӣ гуна мебинад? 2) чӣ тавр ва то кадом ҳудудҳоро худшиносӣ метавонад фаро гирад? Ҷавоб ба саволи якум чунин аст: «ӯ равшан месозад, ки ақл ба он, чӣ ки бо ақл дарк мешавад, воқеияти ягонаанд» [24, с.61]. Ин ҷавоб Афлутинро ба пантеизм (аз калимаҳои юнонии «πᾶν» «ҳама» ва «θεός» - «Худо», таълимот дар бораи айнияти табиат ва Худо) бурдааст ва маҳз ҳамин ақидаи ӯ минбаъд дар тасаввуф ва ирфони шарқӣ интишори васеъ пайдо намудааст.

Ҷавоби Афлутин ба саволи дуюм чунин аст: «Мо худии худро ба шарофати донистани чизҳои дигар мешиносем, ки тавассути чунин руъят сурат мегирад: ё донистани ин руъят тибқи нерӯи маърифатӣ, ё бо ҳамин нерӯ, ё табдил ёфтан ба ҳамин нерӯ; аз ин рӯ, инсоне, ки худро мешиносад, духӯра аст: як ҷанбаи ӯ табиати муҳокимарониро, ки ба руҳ нисбат дорад, мешиносад, ҷанбаи дигар болотар аз ин меравад ва худро тибқи ақл мешиносад, чунки ба ҳамон мубаддал шудааст; ба шарофати он, ки ақл худии худро фикр мекунад, пас ӯ (яъне инсоне, ки то дараҷаи

ақл боло рафтааст) худро аллакай на ҳамчун инсон, балки ҳамчун мавҷуди комилан дигаре фикр мекунад, ки худро ба Олӣ ҷалб мекунад ва то онҷо танҳо қисмати беҳтарини руҳи худро боло мекашад, ки фақат ҳамин қодир аст, ки ба тафаккур бол кушояд, то ҳама он чизеро, ки онҷо дидааст, дар худ нигоҳ дорад» [24, с.68]. Дар ин пораи матни Афлутин низ, чунонки мебинем, пойбандии ӯ ба пантеизм ва боварию эътимоди комил ба расидан то ба Ҳақ, иттиҳод ёфтан бо Ӯ тавассути худшиносӣ ба таври возеҳу равшан мушоҳида мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки бо оғози даврони асримиёнагӣ, ки дар он идеологияи тамоман дигар ҳукмронӣ намуда, ба таълимоти дини масеҳият такя мекард, ақидаҳои Афлутин, навафлотуния ва дигар пешгузаштагони ӯ, махсусан Арасту, дар бораи худшиносӣ ба гӯшаи фаромӯшӣ нарафта, ба файласуфони масеҳӣ таъсири худро гузоштанд. Аз ҷумла, дар оғози паҳншавии масеҳият, чунонки дар фасли гузашта зикр намудем, намояндаи аполегетикаи масеҳӣ дар асри II-III мелодӣ Клименти Александрӣ худшиносиро аз ҷумлаи зеботарин ва муҳимтарин илмҳо дар шинохти худ ва Худо донистааст.

Дар баробари ин, дар фалсафаи масеҳият баъзе ақидаҳоро оид ба худшиносӣ, илоҳиётшинос, намояндаи патристика (падарони калисо) Аврелий Августини Муқаддас (354-430) баён намудааст. Ин мутафаккир комилан дар зери таъсири ақидаҳои навафлотуния қарор дошта, дар китоби ҳафтуми асари худ «Омӯрзиш» бо такя ба шиори Афлутин «Ба ботини худ даро!» ва назарияи маълуми маърифати Холиқ тавассути маърифати махлуқ, яъне тавассути маърифати инсон, оид ба худшиносӣ сухан гуфтааст, ки он зина ба зина ба Худошиносӣ мебарад: «Ва тадриҷан аз тан ба руҳ, ки тавассути тан ҳис мекунад, аз онҷо ба нерӯи ботинии он, ки дар бораи зоҳир тавассути ҳисҳои моддӣ иттилоъ мегирад (инҷо сарҳади имкониятҳо барои ҳайвонот аст), минбаъд ба қобилияти муҳокимаронӣ, ки ҳукм дар бораи он чӣ мебошад, ки аз ҷониби ҳисҳои моддӣ дарк мешавад. Тағйирёбанда будани худро фаҳмида, руҳ то дараҷаи худшиносӣ боло меравад, фикрро аз ашёи

муқаррарӣ дур месозад, аз парешонии шабаҳҳои зиддиятнок озод мешавад ва саъй мекунад, то бифаҳмад, ки кадом нуре ба ӯ қатрапошӣ намуд» [8, с.102].

Бояд зикр намуд, ки Аврелий Августини Муқаддас ба иттиҳоди Холиқу махлуқ ва руъяти Худо аз ҷониби инсон эътиқод дорад, аз ин рӯ ӯ дар китоби даҳуми «Омӯрзиш» чунин саволе назди худ гузоштааст: «Оё аз Ту шунидан дар бораи худ маънии онро надорад, ки худро мешиносӣ?» [8, с.141].

Дар робита бо суханони болои мутафаккир муҳаққиқи рус М. А. Гарнтсев таъкид доштааст, ки «... бо як устувории начандон каме Августин кӯшиш мекард, ки ҳадафи ниҳоии худшиносиро дар раванди Худошиносӣ пайдо кунад, яъне на танҳо дар он, ки руҳ худро бе муносибат ба нахустсабаби худ шинохтааст, балки дар он, ки руҳ бо архетипи нуронӣ натиҷаҳои худтаҳлилкуниро, ки бо «кӯмак аз боло» равшану муқаддас гардидаанд, қиёс карда, худро ҳамчун образи Худо шиносад, ки дар тағйирёбандагии вақтӣ маҳвнашаванда мебошад» [74, с.83].

Минбаъд дар таълимоти масеҳият андешаронихо дар бораи худшиносӣ то асри XII хеле заиф гардиданд. Тавре, ки М.А. Гарнтсев ёдовар шудааст, дар асри мазкур бошад, фаҳмиши илоҳиётшиносии «Худро шинос!» каме боло рафта, аз ҷумла як намояндаи номаълуми фалсафаи масеҳият беҳтарин дониш онро донистааст, ки тавассути он инсон худро мешиносад. Инро муҳаққиқони зиёде ҳамчун равияи «суқротияи масеҳӣ» номгузорӣ кардаанд, ки ба таҳлили масъалаҳои маърифат аз нигоҳи антропология ва мушкилоти ахлоқ машғул будааст [74, с.105].

Дар даврони Эҳё (Ренессанс) дар кишварҳои аврупоӣ дар асрҳои XIV-XVI, ки ба он инсонмарказӣ, башардӯстӣ, муносибати зебоишиносӣ ба воқеият, рушди санъат хос мебошад, бо такя ба дастовардҳои илмии даврони атиқа ва таълимоти масеҳияти даврони ибтидоӣ андешаҳои нав оид ба масъалаҳои фалсафӣ ва инсон пайдо шуданд. Аз ҷумла, оид ба

худшиносӣ файласуфи фаронсавӣ Мишел Монтен (1533-1592) дар асари худ «Таҷрибаҳо» бо тарзи нав масъалагузорӣ намудааст. Ӯ, дар ин росто, дар бораи худ суханҳои таҳқиромез гуфтани инсонро на хоксорӣ, балки нодонӣ, тарсончакӣ ва камҷуръатӣ шумурда, баръакси онро – таъриф ва ҳамду санои худро низ нодонӣ, инчунин худпарастӣ донистааст. Омӯзиши худро аз ҷониби фард Монтен ба якчанд навъ тақсим намудааст: 1) онҳое, ки бо худ машғул ҳастанд ва аз ин лаззат мегиранд – ин амал нишонаи ба таври сатҳӣ омӯхтани худ мебошад; 2) баъзе одамон омӯзиши худиро машғулияти нодаркору бесамар медонанд: «... ақли худро рушд додан ва такмил додани хислатҳои худ баробар бо бунёди қасрҳои ҳавоию хаёлист; он нафаре, ки тахмин мекунад, ки худшиносӣ барои ӯ кори бегона ё сеюмдараҷа ҳаст» [135]; 3) навъи сеюми одамонро Монтен дар мисоли файласуфи Юнони Қадим Суқрот шарҳ медиҳад, ки тавассути такя ба шиори «Худро шинос!» ва худшиносии хосса ба худ нафрат пайдо кард, вале чун хирадманд дар тамоми ақсои олам машҳур гашт.

Худшиносии ҳақиқӣ бошад, аз назари М. Монтен, ҳамчун илм пайвастани назарияи дар китобҳо ва таълимоти гуногуни мутафаккирон инъикосёфта бо воқеияти ҳаётӣ буда, чунин маънии амалӣ дорад: «Ман ягон лаззати дигаре аз китобҳо намеҷӯям, ба ҷуз машғулии ақлонӣ ва танҳо банди омӯзиши як илм ҳастам, илми худшиносӣ, ки бояд ба ман хуб зиндагӣ кардан ва хуб фавтиданро биомӯзонад» [136].

Қобили зикр аст, ки ақидаҳои пешгузаштагони худ, махсусан, таълимоти Августини Муқаддасро мавриди баррасӣ қарор дода, дар Замони Нав файласуфи фаронсавӣ Рене Декарт дар ибтидои асри XVII таълимоти навро оид ба худшиносӣ пешниҳод намуд. Ба андешаи ин мутафаккири ақлгаро маърифат, аз ҷумла худшиносӣ, ақли фаъол, фикру тафаккури равшан ва бомулоҳиза, худмуроқибакунӣ ва худмушоҳидакунии амиқро талаб мекунад. Натиҷаи ин гуна худшиносӣ бошад, на ба ақидаи Суқрот меорад, ки худии инсон ин руҳ аст ва на ба андешаи Афлутин дар бораи ақл будани моҳияти инсон, зеро Р. Декарт

худии инсонро бо ҷавҳари тафаккуркунанда айният медиҳад: «... то он андозае, ки ту худро шинохтӣ, ту чизи дигаре ҳамчун ҷавҳари тафаккуркунанда ҳастӣ, яъне ту на тан, на руҳ, на ақл ва ягон чизи дигаре нестӣ; ба ҳамин тариқ, агар ту дақиқан ҳамоне ҳастӣ, ки худро шинохтӣ, ту танҳо як ҷавҳари тафаккуркунанда мебошӣ, на зиёдтар аз ин» [10, с.373]. Ин андешаи Р. Декарт ба ҳамон шиори машҳури ӯ такя мекунад, ки «Ман андеша мекунам, пас ман вуҷуд дорам».

Дар фалсафаи классикии немис И. Кант оид ба худогоҳӣ ва худшиносӣ чанд андешае баён намудааст. Асоси таълимоти ӯро дар ин масъала он суханони ӯ ташкил медиҳанд, ки дар асараш «Антропология аз нуқтаи назари прагматикӣ» омадаанд. Дар ин гуфтаҳои худ мутафаккир асоси худшиносиро ҳамчун таҳқиқи олами ботинии инсон шарҳ медиҳад ва ин оламро баробар ба табиати инсон мешуморад: «Аммо бо сабаби он, ки дониши одамон дар асоси таҷрибаи ботинӣ ба вуҷуд меояд, маҳз бо ҳамин сабаб дар аксари ҳолатҳо инсон дар бораи дигарон низ дар асоси ҳамин таҷриба ҳукм меронад, ба таври истисноӣ ин хеле муҳим ва шояд, хеле душвортар нисбат ба ҳукми дуруст дар бораи дигарон аст, зеро касе, ки олами ботинии худро таҳқиқ мекунад, на ин, ки танҳо мушоҳида менамояд, дар аксар ҳолатҳо ягон чизеро ба худшиносӣ аз худ ворид месозад, - аз ин рӯ, хуб мешуд ва ҳатто зарур аст, ки аз зуҳуроте, ки дар худии худ мушоҳида мешаванд, оғоз карда шавад ва танҳо баъд аз ин ба тасдиқи як қатор муқаррарот, ки ба табиати инсон, яъне таҷрибаи ботинӣ дахл доранд, гузашта шавад» [132].

Асосҳои таълимоти И. Кантро дар фалсафаи танқидии ӯ таҳлил намуда, муҳаққиқи рус Ю.В. Ставрополский дар яке аз мақолаҳояш, ки дар маҷаллаи электронӣ ба нашр расидааст, ба чунин хулосаҳо омадааст: «И. Кант ҳеҷ гоҳ худогоҳиро ҳамчун падидаи мустақил баррасӣ накарда, онро дар зерматни мушкилоти дигар ёдовар мешавад, мулоҳизаҳои ӯ оид ба мушкилоти худогоҳӣ хеле камшуморанд. Ду навъи худогоҳӣ вуҷуд дорад: дарки ботинии худии «ман» ва ҳолатҳои равонии худ ва дарки «ман» ва ҳолатҳои равонии худ дар амалҳои апперсепсия» [143].

Бояд тазаккур дод, ки навъи аввали худогоҳиро И. Кант «худогоҳии эмпирикӣ» номидааст (худшиносии инсон бо такя ба таҷрибаи зоҳирию ботинӣ) ва навъи дуюми онро «апперсепсияи транссендентӣ» (апперсепсия, аз калимаҳои лотинии «ad» - «мутаалиқ ба» ва «perceptio» - «идрок», ки маънои равандеро дорад, ки дар натиҷаи он унсурҳои идрок бо шуур аёнӣ ва возеҳ мешаванд; транссендент, аз калимаи лотинии «transcendens» - «аз ҳудуд бароянда», фавқулақлонӣ, мутаъолӣ, он чӣ, ки берун аз ҳудуди таҷриба, амалияи ҳиссӣ, маърифати таҷрибавӣ ва назариявӣ буда, предмети дину эътиқод мебошад). Навъи дуюми худогоҳӣ - апперсепсияи транссендентиро И. Кант ба ду маънӣ шарҳ додааст: 1) қобилияти шахс ба синтези натиҷаҳои худшиносӣ; 2) шинохти худ ба ҳайси субъекти фикр.

Намояндаи дигари фалсафаи классикии немис ва идеализми олмонӣ, ки таълимоташ ҳамчун пуле миёни ақидаҳои И. Кант ва Г. Гегел хизмат кардааст, Иоганн Готлиб Фихте (1762-1814) дар китоби худ «Дар бораи мафҳуми илмомӯзӣ ё бо ном фалсафа» таъкид намудааст, ки «Ман»- и инсон ман ҳисобида мешавад, зеро ӯ ҳамон аст. Аз ин рӯ, ӯ чунин мешуморад, ки бе худогоҳӣ ва худшиносӣ ягон навъи идрок, шуур вуҷуд дошта наметавонад.тХудшиносӣ бошад, танҳо тавассути фаъолияти шахсии фард сурат мегирад, ки он бояд озодона бошад, зеро он бо роҳи таҳмил кардан аз ҷониби дигарон ё худ ба худ ба вуҷуд омада наметавонад. Фаъолият, инчунин аз назари Фихте, маънои абстрактсия кардани ҳама гуна объектҳо ва тамаркуз кардани фардро ба худии худ дорад. Дар натиҷаи худшиносӣ инсон ба моҳияти «Ман»-и худ сарфаҳм меравад: «Зарур меояд, ки ба чунин савол мувоҷеҳ шавем – ман то расидан ба худогоҳӣ чӣ будам? Ҷавоби табиӣ ба ин чунин аст: ман чизе набудам, зеро ман то ҳол «Ман» набудам. «Ман» танҳо бо сабаби он вуҷуд дорад, ки худии худро шинохтааст» [31, с.80].

Дар заминаи ақидаҳои дар боло зикршуда андешаҳои И. Фихте дар бораи худшиносӣ дар консепсияи ӯ оид ба «Ман» ва «на-Ман» баён гардидаанд, ки моҳияти он дар чунин суханҳои мутафаккир хулоса

шудааст: «Он ҳастӣ, ки моҳияти он танҳо аз он иборат аст, ки худии худро ҳамчун мавҷудбуда мешиносад, ин Ман ба ҳайси субъекти мутлақ аст»; «Он чӣ, ки барои худии худ вуҷуд надорад, Ман нест»; «Аммо, Ман ҳоло ҳамчун чизе муайян карда мешавад, ки баъд аз маҳв сохтани ҳама чизҳои объективӣ тавассути нерӯи қобилияти таҷрид боқӣ мемонад; на-Ман бошад ҳамчун чизе муайян карда мешавад, ки аз он тавассути ҳамин қобилияти таҷрид метавон дур шуд… Ва ин сарчашмаи возеҳу равшани ҳар гуна худогоҳӣ аст, ки аллакай баъд аз ишора ба он эътироф накардани он мумкин нест» [31, с.79, 80, 241]. Ба ибораи дигар, дар асоси ин суханони мутафаккир метавон хулоса намуд, ки худшиносӣ ин равандест, ки Манро тавассути дуршавӣ аз на-Ман ё инкори он ба худии худ мерасонад.

Дар баробари ин, метавон қайд намуд, ки И. Фихте, шояд аз нахустин мутафаккирони Ғарб буд, ки дар бораи худшиносии гурӯҳӣ дар шакли миллии он сухан гуфтааст. Агарчӣ ӯ мафҳуми худшиносии миллиро дар таълимоти худ ба кор набурда бошад ҳам, андешаҳои ӯ дар бораи «олмоният» («немецкость») маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшида шудаанд. Аммо, мутаассифона, чунин ақидаҳои И. Фихте минбаъд таҳриф карда шуда, бо мақсадҳои ташаккули идеологияи миллатчигии фашистӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Қобили зикр аст, ки оид ба худогоҳӣ ва худшиносӣ дар фалсафаи классикии немис беш аз ҳама Г. Гегел сухан гуфтааст. Аз ҷумла, танҳо дар матни русии асари ӯ «Феноменологияи руҳ» истилоҳи худшиносӣ (самопознание) 4 маротиба ва истилоҳи худогоҳӣ (самосознание) 776 маротиба ба мушоҳида мерасад. Зимни он мутафаккир худшиносиро ҳамчун ҳосил кардани донишҳо дар бораи худ ва худогоҳиро ҳамчун ташаккули худӣ ва рефлексияи он дар худ ҳисобида аст.

Г. Гегел дар бораи чунин шаклҳои худогоҳӣ, худшиносӣ сухан мегӯяд: 1) худогоҳие, ки ба ҳайси «идрок баромад мекунад»; 2) худогоҳӣ барои худ - «ба сифати моҳияти сода буда, предмети он худӣ дар шакли «ман»-и ноб мебошад» ; 3) худогоҳӣ дар худ «саъй мекунад, ки моҳияти

дигари мустақилро дур созад, то тавассути ин худии худро тасдиқ намояд»; 4) худогоҳӣ берун аз худ – «аввалан, худии худро гум кардааст, зеро худро ҳамчун моҳияти дигар дарёфтааст; сонияն, ҳамзамон ин дигарро рад кардааст, зеро дигарро ҳамчун моҳият намебинад, худро бошад, дар дигар мебинад» [9, с.93, 96, 98, 184].

Дар маҷмуъ, таълимоти Г. Гегел оид ба худогоҳӣ ва худшиносӣ хеле гуногунҷанба, васеъ ва печида буда, моҳияти онро, ки дар асараш «Феноменологияи рух» инъикос ёфтааст, муҳаққиқони рус К.А. Сергеев ва Я.А. Слинин ҳамчун марҳилаҳои зуҳури рух аз оғоз то расидан ба худшиносии мутлақ тафсир намудаанд: «…чӣ тавр рух дар худзуҳуркунии муттасил ва тадриҷии худ ба субъекти мутлақ мерасад. Равшан сохтани ин масъала мундариҷаи асосии «Феноменологияи рух»-ро ташкил медиҳад. Марҳалаҳои пайдарпайи зуҳури рух дар ҳаракати тадриҷии он ба сӯи эътимоднокии мутлақи худшиносӣ – ин аст моҳияти феноменологияи гегелӣ ҳамчун илм дар бораи таҷрибаи шуур» [142].

Ёдовар бояд шуд, ки дар таърихи фалсафаи Ғарб яке аз охирин намояндагони он, ки то оғози асри XX ба масъалаи худшиносӣ каме таваҷҷуҳ кардаанд, ин файласуфи даниягӣ дар асри XIX С. Кйеркегор мебошад, ки дар осори худ, аз ҷумла дар асараш «Охирсухани ғайриилмии ҷамъбастӣ ба «Резачаҳои фалсафӣ» баъзе ҷанбаҳои онро аз диди нав баррасӣ намудааст. Барои мисол метавон гуфт, ки ин мутафаккир консепсияи «ғамхорӣ ба худ»-ро, ки дар фалсафаи Юнони Қадим ҳадафи худшиносӣ ҳисобида мешуд, ба ғамхорӣ ба «фардият, ё Мани маънавӣ, ки ҳамчун ботинии махфӣ фаҳмида мешавад» [109, с.18], иваз намуд. Ҳамзамон, С. Кйеркегор ба ҷойи ақидаи Г. Гегел дар бораи худогоҳӣ будани моҳияти инсон андешаро дар бораи «мани инсонӣ ин муносибат ба худии худ аст» [84, с.4], пешниҳод кардааст.

Оид ба инсон сухан гуфта, С. Кйеркегор онро ҳамчун мавҷуде тавсиф мекунад, ки шаклу нусхаи Худо аст, ҳар як инсон аслан мутафаккир мебошад, ки бояд дар бораи худ андеша кунад. Он, ки баъзе одамон аз чунин табиати худ дур меравандд, бо гуноҳи худи онҳо рух

медиҳад. Аз ҷумла, аз нигоҳи С. Кйеркегор, дар омӯзиши ахлоқ ва масъалаҳои ахлоқию иҷтимоӣ ҳар як инсон аз худии худ вобаста аст ва зиёда аз ин, «ӯ худ ҳамон ҷойи ягонаест, ки онҷо худ метавонад инро бо боварӣ омӯзад»; «ман, дарвоқеъ, метавонам дар ҳама чиз ба воситаи худии худам маъюс шавам»; «… ҳангоме ки саъю кӯшиш барои кардани ҳар чизе, ки лозим аст, дар ҳар сурат нокифоя аст, вақте ки кӯшиши хостани ҳама чиз аз пушти худ нотавонӣ меорад, инсон боз аз нав дар оғоз қарор мегирад. Аммо дар ин ҳолат ӯ бояд ба худии худ биояд, худро дарк кунад» [21, с.156, 279, 520].

Дар бораи худшиносӣ дар фаласафаи ғарбӣ сухан гуфта, ҷоизи таъкид медонем, ки дар он як мавзуи дигаре низ дар асри XIX-ибтидоии асри XX коркард шудааст, ки маҳз бо муқобил будани худ ба мафҳуми худшиносӣ бо он алоқамандӣ пайдо мекунад. Ин консепсияи «бегонашавӣ» мебошад, ки аз ҷониби файласуфи олмонӣ К. Маркс (1818-1883) пешниҳод шуда, минбаъд онро сотсиологи олмонӣ-амрикоӣ Э. Фромм (1900-1980) такмил додааст. Барои К. Маркс бегонашавӣ дар соҳаи иқтисодӣ (муносибати инсон ба моликият, мубодила дар бозор) ва дар соҳаи иҷтимоӣ вуҷуд дорад (гум кардани назорат аз ҷониби инсон аз болои сифатҳои худ, ки моҳияти худии ӯро ташкил медиҳанд). Э. Фромм бошад, дар асари худ «Инсон танҳо аст» таъкид доштааст: «Таҳти бегонашавӣ ман чунин навъи таҷрибаи ҳаётиро мефаҳмам, ки дар он инсон ба худии худ бегона мешавад. Ӯ гӯё, ки аз худ барканор мешавад, аз худ ҷудо мешавад» [146].

Дар натиҷаи бегонашавӣ, аз нигоҳи Э. Фромм, инсон маркази олами худ буданро аз даст дода, дигар пиндор, гуфтор, кирдор ва рафтори худро соҳибӣ карда наметавонад. Инсон баъд аз ин моҳияти акс мегирад ва ба рафтори худ ва натиҷаҳои он тобеъ гардида, ҳаёташро аз онҳо вобаста медонад ва ҳамаи инро то дараҷаи парастишу ибодат боло мебардорад. Ба андешаи Э. Фром, бегонашавӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ ба як воқеияти фарогири ҳама инсонҳо дар даврони муосир табдил ёфтааст.

Овардани чунин андешаи ба худшиносӣ муқобилро мо маҳз бо сабабҳои авҷ гирифтани бегонашавӣ дар ҷомеаи муосир зарур шуморидем, то фаҳмиши нақши он дар ташаккул ва рушди худшиносӣ барои бартараф сохтани мушкилот дар ин раванд каме ҳам бошад, саҳлтар карда шавад.

Ба ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқи масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи ғарбӣ аз даврони атиқа то оғози асри XX ба чунин хулосаҳо расидан мумкин аст:

- ба ҳамаи марҳалаҳои рушди ин фалсафа мавҷудияти инсонмарказӣ ва унсурҳои худшиносӣ хос аст;

- Хилон мазмуни шиори худшиносӣ – «Худро шинос!»-ро бо натиҷаҳо аз он, яъне шинохти худоён ва Олам муфассалтар намудааст;

- Суқрот худшиносиро бо маърифати некӣ, хайр ва донистани руҳи худ айни ҳамдигар медонад;

- Протагор ҳамчун поягузори худшиносии антропологӣ тавассути худшиносӣ шинохти худоёнро рад намудааст;

- Афлотун худшиносиро баробар бо боандеша будан ва донистани моҳияти руҳи инсонӣ ҳисобида аст;

- Арасту чунин ақида дорад, ки инсон худро дар мисоли дигарон, мешиносад ва он ба Худошиносӣ мебарад;

- Афлутин ба пантеизм майл дошта, худшиносиро роҳи расидан ба худ ва иттиҳод ёфтан бо Ҳақ медонад;

- Августини Муқаддас ба иттиҳоди Холиқу махлуқ ва руъяти Худо аз ҷониби инсон дар натиҷаи худшиносӣ эътиқод дорад;

- М. Монтен худшиносиро илме ҳисобида аст, ки бояд ба инсон хуб зиндагӣ кардан ва хуб фавтиданро биомӯзонад;

- аз нигоҳи Р. Декарт худшиносӣ инсонро ба фаҳмиши ҷавҳари тафаккуркунанда будани худаш мерасонад;

- И. Кант худшиносиро ҳамчун шинохти худ ба ҳайси субъекти фикр ҳисобидааст;

- И. Фихте худшиносиро раванди дуршавии «Ман» аз «на-Ман» ва инкори он медонад;

- Г. Гегел худшиносиро худзуҳуркунии муттасил ва тадриҷии руҳ ва расидани ӯ ба мақоми субъекти мутлақ тафсир намудааст;

- С. Кйеркегор ба ҷойи ақидаи Г. Гегел дар бораи худогоҳӣ будани моҳияти инсон андешаро дар бораи муносибат ба худии худ будани моҳияти мани инсонӣ пешниҳод кардааст ва амсоли он.

Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки фаҳмиши ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносиро дар асоси таълимоти мутафаккирони ғарбӣ дар давраҳои гуногуни рушди фалсафа ҷамъбаст намуда, ин таҷрибаи ғаниро дар таҳқими пояҳои илмии таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар замони муосир босамар мавриди истифода қарор диҳем. Аз ҷониби дигар, қиёси роҳҳои ҳалли масъалаҳои худшиносӣ дар фалсафаи ғарбӣ аз даврони атиқа то оғози асри XX бо андешаҳое, ки дар ҳамин даврон дар Шарқ вуҷуд доштанд, барои мушаххас сохтани паҳлӯҳои гуногуни мавзуи матраҳшуда мусоидат мекунад. Вобаста ба ин, дар фасли минбаъда масъалаҳои худшиносӣ ва худогоҳиро дар анъанаҳои динӣ ва фалсафии минтақаи зикршуда баррасӣ менамоем.

## 1.3 Мақоми худшиносӣ дар анъанаҳои динӣ ва фалсафии Шарқ аз даврони қадим то оғози таърихи навтарин

Бо коркарди масъалаҳои асосии худшиносӣ дар фалсафаи ғарбӣ ошноӣ пайдо карда, метавон ба хулосае расид, ки ин мавзуъ асосан хоси ҳамин минтақа буда, баъдан дар таҳти таъсири он дар кишварҳои шарқӣ низ ба он таваҷҷуҳ кардаанд. Аммо вазъ дарвоқеъ дигар буда, қабл аз он, ки ба шарҳи масъалаи худшиносӣ дар анъанаҳои динӣ ва фалсафии кишварҳои шарқӣ аз даврони қадим то оғози таърихи навтарин оғоз кунем, якчанд нуктаи муқаддимавиро оид ба ин масъала таъкид доштан зарур мешуморем. Аввалан, истилоҳоти умумимаълумбудаи фалсафӣ, аз ҷумла, мафҳуми худшиносӣ, албатта дар даврони атиқа дар Юнони Қадим ва Рими Қадим пайдо шудаанд, аммо ин маънии онро надорад, ки ҳамчун мавзуъ онҳо дар фалсафаи шарқӣ умуман ҷой надошта бошанд. Аз ҷониби дигар, ақидаҳои зиёди мутафаккирони даврони қадимаи Шарқ (хоссатан дар Мисри Қадим) ба файласуфони юнонӣ таъсир доштаанд. Зиёда аз ин, таҳти мафҳуми Шарқ инҷо фалсафаи Ҳинди Қадим, Чини Қадим ва давраҳои минбаъдаи он низ дар назар дошта шудааст, ки бе ягон алоқамандие бо фалсафаи ғарбӣ аз қадим мустақилона вуҷуд доштааст ва дар он на камтар аз фалсафаи даврони атиқаи ғарбӣ мавзуъ, масъала ва мушкилоти муҳимми фалсафӣ гузошта шуда, ҳалли худро ёфтаанд. Таҳлилҳои дар поён омада дурустии ин андешаро, аз ҷумла, вобаста ба масъалаи худшиносӣ собит месозанд. Ба ибораи дигар, инҷо исботи яктарафа будани аврупоимарказӣ ё шарқмарказӣ дар фаҳмиши ватани фалсафа ва ҷаҳонбинии фалсафиро метавон бори дигар ба таври аёнӣ мушоҳида намуд.

Дар асоси гуфтаҳои боло дар ин фасли рисола моҳият ва мақоми худшиносӣ ва паҳлӯҳои гуногуни ин масъаларо дар мисоли фалсафаи Мисри Қадим, Ҳинди Қадим, таълимоти динӣ-фалсафии бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик, Чини Қадим ва дигар ҷараёну мактабҳои динию

фалсафии Шарқ (бо маънии васеи ин минтақа) мавриди баррасӣ қарор дода, аҳаммияти онҳоро барои фалсафаи муосир равшан месозем.

Дар бораи масъалаи худшиносӣ дар Шарқ сухан гуфта, бояд таъкид намуд, ки аввалин ақидаҳо дар ин мавзуъ ҳанӯз ибтидо аз ҳазорсолаи IV то мелод дар Бобул ва Мисри Қадим мушоҳида мешаванд. Чунонки маълум аст, аз ҷумлаи осори онзамонӣ то имрӯз «Муколамаи хуҷаин бо ғулом дар бораи маънии ҳаёт»-и бобулӣ, инчунин «Суруди арфанавоз» ва «Суҳбати маъюсшуда бо руҳи худ»-и мисрӣ боқӣ мондаанд. Аммо ин осорро муҳаққиқон на ҳамчун матни фалсафӣ, балки «протофалсафӣ» (аз калимаҳои юнонии «protos» - «якум» ва «фалсафа», нахустин фалсафае, ки нав аз мифология дар зери таъсири тафаккури рушдкунанда ба вуҷуд меояд) шинохта, қайд намудаанд, ки дар онҳо зиддияти тафаккури эмотсионалӣ бо ҷанинҳои тафаккури илмӣ-фалсафӣ ба назар расида, ба онҳо мавҷудияти «боқимондаҳои мифология, инкишоф наёфтани истилоҳоти фалсафӣ, рушди сусти худогоҳӣ, стихиявӣ будан» [90, с.205] хос аст. Бо вуҷуди ин, дар андешаи намояндагони ин даврон дар Бобул баъзе афкоре мавҷуд аст, ки имкон медиҳанд, то консепсияи он даврон оид ба моҳияти инсон ҳамчун як мавҷуди комил, ки зебогии ҷисмонӣ ва маънавӣ дорад ва арзиши шахсият ҳамчун фардияти маънавӣ маълум карда шаванд.

Дар асоси таҳлили асли матни бобулии «Муколамаи хуҷаин бо ғулом дар бораи маънии ҳаёт» бошад, оид ба фаҳмиши масъалаи худшиносӣ дар ин минтақа ба чунин хулоса расидан мумкин аст: инсон, тибқи андешаи мутафаккирони бобулӣ, дар рафти ҳаёт беҳуда будани баъзе амалҳоро барои худ дарк карда, ба ноумедӣ мерасад (тибқи матн - беҳуда будани умед ба меҳрубонии шоҳ, ба хурсандӣ дар ҷамъомадҳо, ба зиндагии озод дар дашт, ба бинои хонаи мустаҳкамшуда, ба шӯриш, ба фазилати рақиб, ба муҳаббати зан, ба кӯмаки Худо, ба миннатдор будани одамон, ба мукофоти баъд аз марг ва ба тулонӣ будани ҳаёт) [11, с.277-279].

Ин суханон гуфтаҳои файласуфи даниягӣ дар асри XIX С. Кйеркегорро ба ёд меоранд, ки ноумедиро, аз як ҷониб, неъмат ва аломати интихобшуда будани инсон ҳисобида аст ва, аз ҷониби дигар, ҳамчун бадбахтие шарҳ медиҳад, ки шахсиятро ба нестӣ мерасонад. Инчунин, аз диди ӯ, яъсу ноумедӣ аз як сӯ, вазъи пурхатар ва, аз дигар сӯ, ҳисси пурсамар барои инсон ё асоси худшиносӣ мебошанд: «Ноумедӣ ин барқарор сохтани алоқа, ё худ раванди тулониест, ки дар он руҳ худ ва барои худро ҷустуҷӯ мекунад» [134] ва дар ноумедӣ инсон худро ҳамчун шахсият мешиносад.

Дар асоси ин андешаҳои С. Кйеркегор ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки дар матни «Муколамаи хуҷаин бо ғулом дар бораи маънии ҳаёт» хуҷаин бо ноумедиҳои худ инсонеро мемонад, ки дар ҷустуҷӯи худ аст, ғулом бошад, бо дастгирӣ намудани нияти хуҷаини худ ва худи ҳамон лаҳза рад кардани суханони гуфтааш ҳамчун инсони раҳгумзада ва худро нашинохта пеши назар меояд (масалан, худро радкуниҳои ғулом бо ин гуна суханон, ки онҳоро инҷо овардаем, дар як матни хеле кӯтоҳ даҳ маротиба мушоҳида мешаванд: «- Ман мехоҳам шӯриш бардорам. – Бардор охир, хуҷаини ман… - Эй ғулом, ман намехоҳам шӯриш бардорам. – Набардор, хуҷаини ман») [11, с.278].

Дар фалсафаи Ҳинди Қадим низ ибтидо аз охири ҳазорсолаи II ва ҳазорсолаи I пеш аз мелод худшиносӣ бо як навъи хосе вуҷуд дорад. Дар сарчашмаҳои хаттии ин фалсафа – «Ведҳо», ки иборат аз чор маҷмуа Ригведа (яштҳо), Самаведа (сурудҳо), Яҷурведа (қурбонӣ) ва Атхтарваведа (дуоҳо) мебошад ва ба он се маҷмуаи дигар, ки тафсир ба «Ведҳо» буда, байни онҳо аз ҷиҳати фалсафӣ «Упанишадҳо» муҳим мебошанд, масъалаҳои худшиносӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Ба фаҳмиши худшиносӣ дар Ҳинди Қадим ҷаҳонбинии умумии фалсафӣ ва динӣ, ки дар « Ведҳо» ва тафсирҳо ба онҳо инъикос ёфтааст, таъсири худро гузоштааст. Аз ҷумла, дар ин таълимот Браҳма ҳам Худо ҳисобида мешавад ва ҳам ҷавҳар, субстансияи ягонаи ҳама ашё ва

зуҳурот. Дар «Ведҳо» шумораи зиёди худоён қайд гардида, моҳияти онҳо ҳам аз нуқтаи назари зооморфизм (аз калимаҳои юнонии « zoon» – «ҳайвон» ва « morphe» – шакл, ба одамон мансуб донистани хосиятҳои ҳайвонӣ) ва ҳам антропоморфизм (аз калимаҳои юнонии «anthropos» – «инсон» ва «morphe» – шакл, интиқоли сифатҳои инсонӣ ба ҳайвонот ва ҷамодот) кушода шудааст. Инсон, аз нигоҳи муаллифони ин сарчашмаи хаттии фалсафаи Ҳинди Қадим, бо табиат алоқамандии қавӣ дошта, табиат ҳамчун инсон тавсиф меёбад. Дар «Ведҳо» мафҳуми Пуруша вуҷуд дорад, ки ё инсони кайҳонӣ ё ҳамчун ҷавҳари руҳонӣ, маънавӣ тафсир карда мешавад. Тибқи таълимоти «Ведҳо» аз Пуруша ҳаёти маънавӣ, ҳаёти ҳайвонҳо ва тарзи ҳаёти иқтисодию хоҷагидории инсон ба вуҷуд омадааст. Ҳамзамон, аз Пуруша варнаҳо пайдо шудаанд, ки онҳоро ба се табақа тақсим мекунанд: руҳониён ё браҳманҳо, ҳакимон ва ҷанговарҳо - кшатрия ва табақаи поёнии ҷомеаи инсонӣ - шудра. Бояд тазаккур дод, ки ба табақаи шудра хондани « Ведҳо» манъ шуда буд, ки монеаи ҷиддие дар роҳи худшиносии одамони ба он шомилгардида эҷод сохта буд.

Дар фалсафаи «Ведҳо» ва тафсирҳо ба он ҳадафи асосии инсон озодӣ эълон шудааст, ки маънии баромадан аз гардиши мунтазами сансара (ё самсара, аз калимаҳои санскритии «якҷоя» ва «гузаштан», «таваллуди такрорӣ»)-ро дорад, яъне ба анҷом расонидани мавҷудият дар ҳолатҳои гуногун тавассути таносухи бешумор ва раҳоӣ аз ранҷу азоб. Инҷо таносух ё метемпсихоз (аз калимаҳои юнонии «μετά» - «аз нав» ва « ἐμψύχωσις» - «ҷондоршавӣ») интиқоли руҳро аз як тан ба тани дигар то лаҳзаи комилшавии он мефаҳмонад. Муҳаққиқон оид ба моҳияти худшиносӣ ҳамчун роҳ ба сӯи озодӣ дар фалсафаи Ҳинди Қадим дар пеши худ савол гузошта ва ба он ҷавоб ҳам гуфтаанд: «Ин роҳ ба сӯи озодӣ аз чӣ иборат аст? Ҷавоб одӣ аст – дар худшиносӣ. Ва ин худшиносӣ бо идеологемаи атман ном бурда мешавад» [105, с.121].

Атман (аз калимаи санкскритӣ, тарҷумааш «худ худро», «моҳият», «руҳ») бошад, чунонки маълум аст, ҳамчун мафҳуми марказии фалсафаи ҳиндӣ ё идеологема (як ҷузъи идеология) маънои мабдаи ҷавҳарии маънавии фардро бе алоқамандӣ бо тану сохтори психоменталии ӯ мефаҳмонад. Аз ин рӯ, маҳз шинохти атман инсонро ба сӯи худшиносӣ мебарад. Вобаста ба ин, дар матни «Врихадарняка Упанишада» (фасли «Мадху») омадааст, ки «ман»-и инсон аз пуруша (аз калимаи санкскритӣ, тарҷумааш «инсон», «руҳ») – мавҷуде, ки аз ҷисми он Олам халқ шудааст, пайдо гардидааст: «Дар ибтидо ҳама ин Атман дар шакли пуруша буд. Ӯ ба атрофи худ назар кард ва ба ғайр аз худ касеро надид. Ва пеш аз ҳама садо кард: Ман ҳастам. Бо ҳамин номи Ман пайдо шуд» [30, с.73].

Бо сабаби он, ки «ман»-и инсонӣ аз атман пайдо шудааст, худшиносӣ низ тавассути шинохти ҳамин атман муяссар мегардад. Вале инҷо дар фалсафаи Ҳинди Қадим боз як мафҳуми дигар – браҳман (ба маънии «мутлақи боло аз шахсият») дар миён қарор дорад, ки онро як зина то атман ҳисобидан мумкин аст. Дар фасли болозикри «Врихадарняка Упанишада» оид ба ин масъала омадааст: «Агар одамон чунин меҳисобанд, ки ба шарофати донистани Браҳман онҳо ҳама мешаванд, пас чиро Бараҳман медонист, ки ба шарофати он ӯ ҳама шуд? Дар ҳақиқат, дар ибтидо ин Браҳман буд. Ӯ худро шинохт: Ман Браҳман ҳастам. Аз ин рӯ, ӯ ҳама шуд… Ҳоло ҳам чунин аст – Ҳар ки медонад, ки Ман Браҳман ҳастам, ӯ ҳама мавҷудбуда мешавад. Ҳатто худоён наметавонанд дар ин кор ба ӯ халал расонанд, зеро ӯ Атмани онҳо мешавад» [30, с.75].

Дар Ҳинди Қадим доир ба масъалаи худшиносӣ дар дини буддоия низ ақидаҳои зиёде баён шудаанд. Асосгузори ин дин шоҳзода Буддо (560-480 то мелод) аз хонадони Гаутама буда, аз овони сисолагии худ тарки дарбор ва лаззатҳои зиндагӣ намуда, бо ҷаҳонгардӣ умр ба сар бурдааст. Дар китоби муқаддаси буддоия - «Трипитака» (тарҷума: се сабад) ҳам таълимоти динӣ ва ҳам таълимоти фалсафӣ ба назар мерасад.

Дар тафсири мавзуи худшиносӣ ба он таълимоти марказии ин дин оид ба заминаҳои ахлоқии ҳаёти инсонӣ, назарияҳои «Хомӯшии бузург» ва «чор ҳақиқати олӣ» таъсири зиёд расонидаанд.

Асосҳои таълимоти буддоияро оид ба масъалаи матраҳшуда хулоса намуда, муҳаққиқи рус Н. Г. Дядик навиштааст, ки худшиносӣ дар буддоия пайдо кардани роҳи мобайнӣ миёни зоҳидӣ ва лаззатпарастӣ, риояи тавозун байни моддиёту маънавиёт мебошад: «Роҳи мобайнӣ ин ҷустуҷӯи васати тиллоӣ миёни аскетизм ва лаззатҳост. Намунаи аскетизмро худи Буддо Гаутама нишон дода буд, ки бо вуҷуди шоҳзода будан, аз боигарӣ ва шаҳомат даст кашид ва худро ба худшиносӣ бахшид. Рафтори Буддо дасткашӣ аз дилбастагиҳои моддиро нишон медиҳад, зеро то он даме, ки мо дар ин олами моддӣ қарор дорем, комилан фориғ гаштан аз дилбастагиҳои моддӣ муяссар намегардад, аз ин рӯ, Буддо даъват мекард, ки роҳи мобайниро ихтиёр намоем, ки он риояи мувозинат байни олами моддӣ ва маънавӣ мебошад» [77, с.78].

Дар баробари ин, худшиносии шахс ва ба камолот расидани ӯ, чунонки маълум аст, дар буддоия тавассути тай намудани роҳи ҳаштзинагии озод гаштани инсон аз ранҷу азобҳо муяссар мегардад. Ин зинаҳо дар ҳақиқати чоруми буддоия (ҳақиқати якум - ҳаёти инсон ин ранҷу азоб аст, ҳақиқати дуюм - сабаби ранҷу азоби инсон ин ташнагии ӯ барои зистану лаззат бурдан ва қонеъ нагаштани нафси инсонӣ аст, ҳақиқати сеюм - барои ғолибият бар ранҷу азоб сабабҳои он бояд аз байн бурда шаванд, масалан, раҳоӣ аз нафс) инъикос ёфтаанд: доштани ақидаҳои солим, самтгирии солим, нутқи солим, амалҳои солим, ҳаёти солиму растагорона, кӯшишҳои солим, хотираи солим ва худтафарккурсозии солим [101, с.15].

Дар дохили буддоия ҷараёнҳои гуногуни зиёд вуҷуд доранд, ки яке аз онҳо дзэн-буддоия ҳанӯз дар асри VI то мелод пайдо шуда буд. Истилоҳи асосии ин ҷараёни динӣ-фалсафӣ «дзэн» маънои муроқибаи хомӯшона, дар худ амиқшавӣ, тамаркузи ботиниро дошта, онҳо ҳамчун

унсурҳои амалияи худшиносӣ ба кор мераванд. Дар таълимоти дзэн-буддоия барои маърифати ҳақиқат на олами атроф, балки олами ботинии худро омӯхтан зарур аст. Дар ин раванд, инсон ба руъяти Мани олии худ расида, тавассути ин худшиносӣ Буддоро дар табиати худ пайдо мекунад. Ин андешаҳои дзэн-буддоия ба таълимоти буддоияи анъанавӣ мутобиқат доранд, вале инҷо тафовут танҳо дар ҳамин аст, ки аввалӣ ишроқи ногаҳонӣ - «саторӣ»-ро пайгирӣ мекунад. Ба андешаи муҳаққиқи россиягӣ И. А. Файнфелд, «Саторӣ – ин азсаргузаронии ваҳдати кайҳонии ҳастӣ, иртибот бо «тани ягона», мавҷи ҳастӣ, табиати Олам мебошад. Ин ҳолати аздастдиҳии комил ва оромии комил аст. Ин роҳи ягонаи расидан ба ҳақиқат мебошад» [106, с.96].

Дар таърихи фарҳанги тоҷик бошад, масъалаҳои худшиносӣ аз замони Зардушт (асри VII то мелод) – асосгузори дини зардуштия ва муаллифи «Авасто» ба назар мерасанд. Дар ин масъала, тасаввурот дар бораи инсон, ки дар ривоятҳо ва таълимоти динию фалсафӣ - зурвония, даҳрия, маздоия, зардуштия, маздакия, монавия ва ғайра инъикос ёфтаанд, таъсири худро гузоштаанд. Аз ҷумла, дар қадимтарин манбаъ аз ин даврон - ривоят дар бораи Каюмарс зикр гардидааст, ки Каюмарс нахустин инсон буд, ки нимаи он моҳияти инсонӣ ва нимаи дигараш моҳияти Худоро дошт. Дар таълимоти зардуштия низ, инсон ҳамчун мавҷуди соҳиби руҳ, ташаккули тулониро аз сар гузаронида, аз рӯи моҳияташ ба Худо монанд аст, чунки ҳамчун Холиқ инсон низ озодии интихоб дорад: интихоби некӣ ё интихоби бадӣ.

Дар таълимоти зардуштия, агарчи худи мафҳуми худшиносӣ вуҷуд надорад, вале андешаҳо оид ба ин падида дар шиори асосии он «Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» инъикос ёфтаанд, зеро моҳияти онро чунин тафсир мекунанд, ки Худо ба инсон пиндори нек медиҳад, то ки тавассути он худи инсон минбаъд гуфтору рафторҳои некро озодона интихоб намояд. Ба ибораи дигар, инсони комилу худшинос, аз нуқтаи назари зардуштия, ҳамон инсонест, ки пайрави Зардушт будани худро дарк кардааст ва талаботи ӯро дар бораи

доштани пиндор, гуфтор ва рафтори нек риоя мекунад. Барои расидан ба ин мақсад бояд пайрави дини зардуштӣ дар ҳама ҳолатҳо, аз саҳар то шом, аз таваллуд то марг « Авасто»-ро бихонад. Ин андешаро минбаъд дар « Хурд - Авасто» ба ҳайси муаррифномаи ҳувияти ҳар як зардуштӣ дар чунин шакл баён доштаанд: «Ман маздоясноиям. Худро ҳамчун маздояснои, зардуштӣ, савганд хӯрда ва интихоб намуда, омурзиш мекунам. Ба Пиндори нек бо пиндор, ба Гуфтори нек бо гуфтор ва ба Рафтори нек бо рафтор савганд мехӯрам» [2, с.43].

Дар фалсафаи Чини Қадим низ, ки хусусияти ратсионалистӣ-назариявӣ дорад, ҳанӯз дар асрҳои VI-III то мелод яке аз вазифаҳои илми фалсафа худтакомулёбии шахсият ҳисобида мешуд. Аз ин рӯ, дар иртибот бо ин ба масъалаҳои худшиносӣ низ таваҷҷуҳи хосса карда шудааст. Чунонки аз таърихи фалсафа маълум аст, дар ин минтақа чунин мактабҳо ва ҷараёнҳои асосии фалсафӣ вуҷуд доштанд: мактаби Конфутсий, Мо-тсзи, Лао-тсзи, легизм, мактаби ин-ян (файласуфони табиатшинос) ва мактаби софистҳо. Вале, масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи Чини Қадим, беш аз ҳама, дар таълимоти даосизм ва Конфутсий (551-479 то мелод) инъикос ёфтааст.

Аз ҷумла, даосизм, ки ҳамчун таълимот дар бораи «дао» – «роҳ», «роҳи чизҳо», «Қонуни куллӣ» ҳанӯз дар асри V пеш аз мелод оғоз меёбад ва Лао-тсзиро яке аз асосгузорони он меҳисобанд, чунин мешуморад, ки дао дар ҳама ҷо ҳукмрон буда, онро касе ба вуҷуд намеорад. Аммо тамоми ашёву зуҳуроти олам аз дао ба вуҷуд омада, боз ба ҳамон бармегарданд. Инсон аз назари даосизм олами сағир, микрокосм буда, вазифаи ӯ дар зиндагӣ аз он иборат аст, ки руҳи ӯ бо тартиби кулли олам дар сурати дао пайваста гардад. Ин ҳулули руҳи инсон дар дао тавассути амалҳои инсонӣ сурат мегирад, ки баъзеи онҳоро дар таълимоти ин ҷараёни фалсафӣ ва динӣ оид ба худшиносӣ дидан мумкин аст.

Дар таълимоти даосизм худмуроқибакунии шахс дар табиат яке аз принсипҳои асосии он ба ҳисоб рафта, худшиносӣ, дар маҷмуъ, ҳамчун

роҳи ғайрифаъоли ҳаёти фардӣ дар мавзунӣ бо дао (роҳ) дониста мешавад. Вобаста ба ин дар яке аз сарчашмаҳои асосии даосизм - рисолаи «Дао дэ тсзин» партофтани хоҳишҳои барзиёд ва рафторҳои номуфидро шарти асосии худшиносии шахс ва ҳаёти мутавозин бо дао донистаанд: «Ҳар ки худро ба олам нишон медиҳад, ӯ дурахшон намешавад. Ҳар ки худро худ таъриф мекунад, ӯ шаъну шараф пайдо намекунад... Ҳар ки худ худро боло мебарад, ӯ дар миёни дигарон сардор шуда наметавонад. Агар ба Дао такя кунем, ҳамаи ин хоҳиши барзиёд ва рафтори номуфид номида мешавад. Инчунинҳоро ҳамаи мавҷудот бад мебинанд. Аз ин рӯ, инсоне, ки Дао дорад, чунин корҳоро намекунад» [130].

Дар фалсафаи Конфутсий низ дар бораи накӯкорӣ сухан гуфта, асоси онро жен (инсондӯстӣ) ҳисобидаанд. Инсоне, ки талаботи женро иҷро мекунад, шахсест, ки на ба манфиатҳои шахсӣ тобеъ мегардад, балки ахлоқ ва худтакомулёбиро афзалтар медонад. Дар маҷмуъ, худшиносие, ки дар таълимоти Конфутсий тарғиб карда мешавад, дар тафовут аз даосизм, раванди амали фаъолонаи шахс мебошад, зеро ҳама чизро фард танҳо аз меҳнати худ ба даст меорад. Ҳадаф аз худшиносии ин таълимот ташаккули инсони комил – «тсзюн-тсзи», «марди наҷиб» мебошад, ки хушаҳлоқу хушсухан буда, ба анъанаҳо тобеъ мебошад ва барои расидан ба худшиносӣ пайваста меомӯзад ва заҳмат мекашад. Ба ӯ инсони паст («сяо жен») муқобил меистад. Вобаста ба ҳамин «Китоби тағйирот»-ро («Чжоу и») ҳамчун яке аз сарчашмаҳои таълимоти Конфутсий файласуф ва психологи шинохтаи швейтсарӣ К. Юнг (1875-1961) чун роҳнамои дуруст барои худшиносӣ тавсиф намудааст: «Ҳамчун табиат он интизор аст, то кушода шавад. Он ягон далел, ягон ҳокимияте пешниҳод намекунад, аммо барои ҳаводорони худшиносӣ ва ҳикмат – агар чунинҳо бошанд – ҳамчун китоби дурусте хизмат мекунад» [113, с.5].

Дар суханони худи Конфутсий оид ба худшиносӣ бештар чунин андешаҳои ӯ муҳаққиқонро ҷалб сохтаанд, ки худшиносӣ ва худислоҳшавиро, дар маҷмуъ, оғози маърифати инсонӣ донистааст:

«Аввалан худии худро бишинос», «Аввалан худии худро ислоҳ намо», «Он чизе, ки инсони воло ба он саъй мекунад, дар худи ӯ вуҷуд дорад, он чизе, ки инсони паст меҷӯяд, дар дигарон аст» [133].

Бояд таъкид намуд, ки бо паҳншавии дини ислом ва маҳбубияти хосса пайдо кардани фалсафаи Юнони Қадим дар Шарқи исломӣ, дар ин минтақа, аз ҷумла дар таълимоти фалсафии мутафаккирони тоҷик ақидаҳо оид ба худшиносӣ вусъати тоза пайдо намуданд. Ин ду сабаби асосӣ дорад: аввалан, худи дини ислом тезиси « Худро шинос! »-ро чун як рукни муҳимми динӣ қабул намуд ва дуюм, интишори навафлотуния ва таълимоти файласуфи Юнони Қадим-Афлутин таваҷҷуҳи мутафаккиронро ба худшиносӣ ҳамчун пояи Худошиносӣ хеле боло бурд.

Дар фалсафаи олами исломӣ низ то ибтидоии асри XX тасаввурот дар бораи инсон ба фаҳмиши масъалаи худшиносӣ таъсири худро гузоштааст. Ин тасаввуротро чунин табақабандӣ кардан мумкин аст:

- дар асоси Қуръон ё фаҳмиши исломи расмӣ – Худо инсонро аз хок бо мақсади ибодат ба Холиқаш, интихоб миёни хайру шар, некию бадӣ, обод кардани ин дунёи худ ва охираташ офаридааст;

- дар асоси фалсафаи калом ё фалсафаи расмии дини ислом – инсонро Худо халқ намуда, ҳис ва ақл додааст, ки барои маърифати Холиқ басанда нестанд, инсон ба моҳияти Худо тавассути таҷрибаи руҳонӣ, завқу ваҷд мерасад;

- дар асоси тасаввуроти ирфонӣ ё тасаввуф - фаҳмиши ирратсионалӣ мебошад, ки тибқи он инсон офаридаи Худо, олами сағир (микроолам) буда, дар шакли хурд ҳамаи хосиятҳои оламро соҳиб аст ва ба воситаи худрушддиҳӣ инсони комил гардида, бо Худо ба иттиҳод мерасад;

- тибқи ақидаҳои фалсафаи машшоъ ё бо фаҳмиши ратсионалӣ – инсон ҳамчун мавҷуди дорои руҳи нотиқа, соҳибақл қобилияти ғизо гирифтан, наслро зиёд кардан, ҳаракати иродавӣ ва ақл дошта, ҳама чизро тавассути ақл маърифат мекунад.

Вобаста ба ин, масъалаи худшиносиро низ тибқи тасаввуроти болозикр аз пайдоиши ислом то оғози таърихи навтарин баррасӣ мекунем. Чунонки маълум аст, дар китоби муқаддаси дини ислом - Қуръон (сураи Ал-Ҳашр, ояти 19) инсоне, ки худро фаромӯш кардааст, баробар ба махлуқи фосиқу нопок дониста мешавад: «Ва мабошед монанди касоне, ки фаромӯш карданд Худоро, пас фаромӯш гардонид Худо аз хотирашон тадбири ҳолашонро. Онҳо фосиқонанд» [20, с.1293].

Дар ҳадисҳо бошад, аз забони паямбари ислом худшиносӣ шарти зарурии Худошиносӣ дониста шудааст. Ин ҳадис дар чунин шакл баён ёфтааст: «Ҳар ки худро шинохт, Парвардигори худро шинохт» [139]. Тахмин меравад, ки ин ҳадис шояд дар зери таъсири суханони паямбар Идрис гуфта шуда бошад: «Ҳар ки махлукро донист, Холиқро шинохт. Ҳар ки неъматро донист, Неъматофаринро шинохт. Ҳар ки худро шинохт, Парвардигори худро шинохт» [140].

Ин гуна шакли худшиносиро, ки дар таълимоти дини ислом вуҷуд дошта, ҳамчун асоси Худошиносӣ хизмат мекунад, метавон худшиносии динӣ ҳисоб намуд. Онро таълимоти расмии дини ислом ва фалсафаи он – калом пайгирӣ намудаанд. Аммо, дар баробари ин, дар фарҳанги исломӣ боз ду навъи дигари худшиносӣ ба назар мерасад, ки онҳоро, ба ақидаи мо, худшиносии ирфонӣ ва худшиносии ақлонӣ ё илмӣ номгузорӣ кардан мумкин аст. Навъи аввали худшиносӣ ба тасаввуф, таълимоти ирфонӣ хос аст ва навъи дуюм ба фалсафаи машшоъ, ки дар поён онҳоро дар мисоли таълимоти баъзе намояндагони мактабу ҷараёнҳои зикршуда мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Қобили зикр аст, ки ба таълимоти дини ислом оид ба худшиносӣ такя намуда, намояндаи мактаби каломи фалсафӣ Абуҳомид Муҳаммади Ғазолӣ (1058-1111) илмро дар асари худ «Кимиёи саодат» ба чор «унвон» ё навъ тақсим кардааст: худшиносӣ (донистани ҳақиқат дар бораи худии худ), маърифати Худо (донистани ҳақиқати Худо), маърифати ин дунё (донистани ҳақиқати ин дунё) ва маърифати охират (донистани ҳақиқати дунёи дигар). Аз миёни онҳо моҳияти донистани ҳақиқат дар бораи

худии худро бо суханони худи Ғазолӣ дар «Кимиёи саодат» чунин шарҳ додан мумкин аст, ки маънии худшиносии диниро доранд: «Бидон, ки калид барои маърифати ирфонии Холиқ дар маърифати ирфонии руҳи худ нуҳуфта аст. Аз ин рӯ, ҳар кас, ки худро шинохт, Парвардигори худро шинохт… Дар умум, ба ту чизе аз худи ту наздиктар нест. Агар худро нашиносӣ, пас чӣ гуна дигаронро мешиносӣ? Аммо ту гӯиё мегӯӣ, ки худро мешиносӣ. Аммо ту иштибоҳ мекунӣ, зеро чунин дониш калид барои маърифати ирфонии Холиқ нест. Пас, ту бояд дониши ирфонӣ дар бораи худ биҷӯӣ: ту худ ба худ чистӣ, аз куҷо омадаӣ ва куҷо меравӣ, чаро дар ин марҳила ба чунин макон омадаӣ, чаро туро офариданд, чӣ саодати ту аст ва он аз чӣ иборат аст, чӣ бадбахтии ту аст ва он аз чӣ иборат аст?» [4, с. 26-27].

Дар бораи худшиносӣ сухан ронда, як роҳи асосии онро Ғазолӣ дар омӯзиши илми мукошифа мебинад. Илму мукошифа ба инсон имкон медиҳад, ки донишро дар бораи Худо дар моҳияти худ дарёфта, қалбашро пок созад ва ба Худошиносӣ расад. Мутафаккир ин маъниро дар асараш «Эҳёи улуми динӣ» чунин тафсир намудааст: «Мо дар зери илми мукошифа он илмеро дар назар дорем, ки пардаҳоро мебардорад, то он, ки барои инсон моҳияти ҳақиқати ин корҳо бо равшании ба чашми шоҳидони шубҳанадошта зарур, ошкор шавад. Ва, шояд, ки ин дониш дар худи моҳияти инсон аст, агар танҳо дар оинаи қалби ӯ аллакай зангор ва чанг аз рафторҳои пасти ҳаёти гузарони заминӣ набошанд. Дар ҳақиқат, дар зери дониш оид ба роҳ ба ҳаёти оянда мо донишро дар бораи усулҳои тоза кардани ин оина аз чангу чиркинӣ дар назар дорем, ки пардае мебошанд, ки Оллоҳи таъолоро мепӯшонанд ва барои шинохти сифот ва кирдори Ӯ халал мерасонанд; ин тозакунӣ ва сайқали қалб комилан озод шудан аз нафси ҳиссӣ ва пайравӣ аз паямбарон аст» [3, с.86]. Аммо, бояд ёдовар шуд, ки дар интиҳои фаъолияти худ Абуҳомид Муҳаммади Ғазолӣ мавқеи худро каме дигар карда, худшиносии аҳли суфияро болотар аз ҳар гуна худшиносӣ донистааст. Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки Муҳаммади Ғазолӣ бо

вуҷуди саҳми худ дар рушди илми ахлоқ боиси ба таназзул рафтани яке аз мактабҳои бузургтарини фалсафии мардуми Шарқ, аз ҷумла миллати тоҷик – машшоияи шарқӣ гаштааст. Аз ин рӯ мутахассисони соҳаи таърихи фалсафаро зарур аст, ки ин нақши манфии Ғазолиро ба назар гирифта, ҳама гуна ҷанбаҳои таълимоти ӯро, аз ҷумла ақидаҳои мутафаккирро дар бораи худшиносӣ, ҳатман ба таври интиқодӣ арзёбӣ намоянд.

Навъи дигари худшиносӣ – худшиносии ирфонӣ дар таълимоти аксарияти намояндагони тасаввуф ба мушоҳида мерасад. Тасаввуф (аз калимаи арабии «суф» - «пашм») ҷараёни динӣ-фалсафиест, ки тавассути такомули ахлоқӣ ва роҳпаймоиҳои тулонии динӣ, ахлоқӣ ва ирфонӣ (мистикӣ) инсонро мехоҳад ба дастёбӣ ба ҳақиқатҳои фавқулҳиссӣ мушарраф гардонад. Муҳаққиқони тасаввуф бар ин андешаанд, ки он ҳамчун таълимоти динию ирфонӣ бо фаъолияти суфии шинохтаи араб Ибни Арабӣ (1165-1240) пояҳои мустаҳками фалсафӣ пайдо кард. Ин вобаста ба он аст, ки ин мутафаккир таълимотро оид ба ваҳдати вуҷуд (ягонагии ҳастӣ, пантеизм – ягонагии табиат ва Худо) пешниҳод намуд, ки маънои халқ кардани оламро ҳамчун худамалисозии Холиқ дошта, дар ин олам ҳама сифатҳои худовандӣ пароканда ҷойгиранд, вале танҳо дар моҳияти инсон онҳо бо ҳам меоянд. Ин фаҳмиши моҳияти инсон аз ҷониби Ибни Арабӣ мақоми инсонро хеле боло бурда, худшиносиро барои ӯ ба яке вазифаҳои муҳимтарин табдил дод. Ба андешаи Ибни Арабӣ, Холиқ мехоҳад, ки худро шиносад ва барои ин худшиносӣ ӯ инсонро ҳамчун восита интихоб намудааст. Ба ибораи дигар, «На Худошиносӣ, яъне шинохти Худо аз ҷониби инсон, балки худшиносии Худо тавассути инсон сурат мегирад» [97, с.104]. Бо ҳамин сабаб, таълимот дар бораи инсони комил, ки нуқтаи волотарини худшиносии ирфонӣ аст, баъд аз Ибни Арабӣ дар Шарқ ба таври хеле васеъ интишор ёфт.

Бояд тазаккур дод, ки дар таърихи фалсафаи собиқ шуравӣ ва дар илми тоҷик масъалаи худшиносӣ дар тасаввуф беш аз мактабу ҷараёнҳои

дигари фалсафию динӣ омӯхта шудааст. Аз ин рӯ, бо такя ба таҳқиқоти дар ин соҳа анҷомдодашуда аз ҷониби муҳаққиқи тоҷик Х.М. Зиёӣ ва муҳаққиқи россиягӣ М.Ҷ. Мекерова ду ҷанбаи ин масъала - моҳияти худшиносии ирфонӣ ва механизмҳои худшиносиро дар ирфону тасаввуф баррасӣ менамоем.

Дар асоси таълимоти мутафаккир ва шоири шинохтаи тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (1207-1273) муҳаққиқ Х.М. Зиёӣ худшиносии ирфониро, аввалан, ҷавоб ҷустан ба саволҳое мисли «Аз куҷо омадаам?», «Омаданам баҳри чӣ буд?», «Ба куҷо меравам?» ва «Ман киям?» медонад, ки ҳамагӣ аз ашъори шоири болозикр дар асарҳояш «Маснавии маънавӣ» ва «Девони кабир» гирифта шудаанд. Сониян, аз назари аҳли тасаввуф, ҳама чиз дар ботини инсон вуҷуд дорад, ки маҳз омӯзиши он инсонро ба худшиносӣ мебарад: «Дар худ биталаб ҳар он чи хоҳӣ, ки туӣ» [27, с. 23]. Сеюм, «Худошиносӣ ва худшиносӣ – инсоншиносии Мавлоно тақрибан муродифи ҳамдигаранд» [45, с.167]. Чорум, намояндагони ирфон дар мисоли Мавлоно ва Шамси Табрезӣ (1171/1188-1245) худро шинохтанро дар мисоли дӯст, бо такя ба анъанаи арастуӣ, муҳим шумоdefault. Ҳамаи ин, ба ақидаи мо, моҳияти худшиносии ирфониро ба таври аёнӣ ва равшану возеҳ нишон медиҳад.

Муҳаққиқи россиягӣ М.Ҷ. Мекерова бошад, дар асоси таҳлили таълимоти як қатор намояндагони тасаввуф усулҳои психотехникии худшиносии ирфониро равшан сохтааст. Барои комёб гаштан дар худшиносӣ суфӣ бояд дар мадди аввал муршид пайдо карда, дар таҳти сарварии он ҳамчун мурид аз зинаҳои шариат, тариқат ва ҳақиқат гузарад. Барои тақвияти шахсияти худ аз ҷиҳати ахлоқӣ ва камолёбӣ суфиро зарур аст, ки аз «мақомот» ва «ҳолҳо» бигзарад, ки аввалӣ дараҷаи роҳпаймоиро дар роҳи худшиносӣ нишон медиҳад ва дуюмӣ – мушаввашиҳои эҳсосотии шахси дар роҳи худшиносӣ қарордоштаро. Бо ин роҳ, суфиён «мақсаднок расидан ба ҳолатҳои трансшахсии шуурро дарёфт мекарданд, ки аз нигоҳи орифон, ба онҳо моҳияти Худоро мекушоянд» [123, с.13, 14].

Ба ақидаи мо, ақидаҳои ирфонӣ дар бораи худшиносӣ, бо вуҷуди баъзе паҳлӯҳои мусбаташон, ҳатман инсонро аз мавқеи ратсионализм, ақлоният дур месозанд. Бо ҳамин сабаб, баррасӣ ва баҳогузории ирфон дар ҳама ҷанбаҳояш, махсусан дар самти худшиносӣ, бояд ҳамеша воқеъбинона, ратсионалӣ ва аз нигоҳи методологияи муосири илмӣ сурат гирад.

Дар бораи худшиносии илмӣ ё ақлонӣ сухан гуфта, қабл аз ҳама, фалсафаи мутафаккир ва табиби бузурги тоҷик Абуалӣ ибни Сино (980-1037)-ро зикр кардан зарур аст, ки ҳамчун баҳри бекарон тамоми масъалаҳои маърифати инсониро фаро гирифтааст. Ибни Сино яке аз намояндагони мактаби машшоияи шарқӣ – пайравони файласуфи Юнони Қадим Арасту буда, дар қатори Ал-Киндӣ (801-873), Абунасри Форобӣ (870-951), Ибни Туфайл (1110-1185), Ибни Рушд (1126-1198) ва дигарон ин фалсафаро хеле ғанӣ гардонидааст. Машшоияи шарқӣ ва Ибни Сино аз ҷумлаи ратсионалистоне буданд, ки ба таълимоти онҳо деизм (тасаввуроти динӣ-фалсафӣ, ки Худоро холиқи олам шинохта, дахолати онро баъд аз ин ба корҳои олам рад мекунад) хос буда, бо ҳамин сабаб мавриди танқиди шадиду ғайривоқеии намояндаи фалсафаи калом Абуҳомид Муҳаммади Ғазолӣ қарор гирифтаанд.

Доир ба таълимоти фалсафии Ибни Сино таҳқиқоти зиёде дар илми тоҷик ва собиқ шуравӣ ба анҷом расидааст, аммо баъзе ҷанбаҳои андешаҳои ӯ дар бораи худшиносӣ, ба ақидаи мо, аз назари муҳаққиқон каме дуртар мондаанд. Дар мисоли осор, таълимот ва ҳаёти ин мутафаккир метавон дар бораи худшиносӣ дар якчанд самт сухан ронд. Аввалан, таҷрибаи ҳаётии худи Ибни Сино ҳамчун намунаи худшиносии илмӣ ба ҳисоб меравад. Сониян, таълимоти ӯ оид ба судур метавонад як ҷавҳари муҳимтарини худшиносиро ташкил диҳад. Ва ниҳоят, Ибни Сино дар доираи таснифоти илм онро ба шаклҳои амалӣ ва назариявӣ ҷудо намуда, як илми махсусеро барои шинохти худ пешбинӣ намудааст.

Ин нуктаҳоро оид ба худшиносӣ бо овардани мисолҳо аз осор ва ҳаёти ин мутафаккир дар поён дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунем.

Ибни Сино дар «Рисолаи саргузашт» таҷрибаи илмомӯзии худро баён сохта, таъкид намудааст, ки ӯ даставвал бо кӯмаки устодаш Саид Абубабдуллоҳи Нотилӣ илм омӯхт. Баъдан устодаш ба ӯ машварати хубе дод: «Худат ба хондан ва ҳалли онҳо бипардоз ва сипас чизи хондаатро аз пеши ман бигузарон, то дуруст ва нодурусти онро ошкор созам» [12, с.156]. Яъне, мустақилият дар омӯзиши илмро Абубабдуллоҳи Нотилӣ дар қалби Ибни Сино ҷой кард, ки минбаъд ӯро комилан ба худшиносии илмӣ расонид. Дар ин бора мутафаккир дар рисолаи болозикр дар охирҳои ҳаёташ таъкид доштааст: «Пас мустақилона ба хондани китобҳо ва мутолиаи шарҳҳо шуруъ карда, дар мантиқ тавоно шудам… Дар ин муддат ягон шаб пурра нахуфтам ва рӯзона ба ҷуз омӯхтани илм ба коре машғул нашудам. Бар ман ҳама чиз ошкор гардид… Ҳар чи ки дар он ҳангом омӯхтам, ҳамон аст, ки ҳанӯз медонам ва то имрӯз бар он чизе наафзудааст» [12, с.156-157].

Назарияи судур дар таълимоти Ибни Сино бошад, маънои таҳаввули тадриҷии ҳастиро дошта, «пайдоиши паёпайи олами ҷамодот, наботот, ҳайвонот ва инсонро таъйид мекунад» [42, с.141]. Аммо дар инҷо як нукта муҳим аст, ки нафси инсонӣ, тибқи таълимоти умумии Ибни Сино, ин такмил, камолот (энтеллехия – аз калимаи юнонии «ἐντελέχια», «дастёбӣ ба таҷассум кардан»)-и тани инсонӣ ва ҳамзамон, комилтарин шакли нафс мебошад, ки ба худшиносӣ расидааст. Аз ин ҷост, ки шинохти нафс, руҳи худ, худии худ ва гирифтани донишро Ибни Сино ва мутафаккирони дигари машшоияи шарқӣ шарти асосии расидан ба саодат, хушбахтӣ ҳисобидаанд.

Дар таснифоти илм, ки Ибни Сино дар қисмати илоҳиёти асари худ «Донишнома» пешниҳод намудааст, илмҳои ҳикмат ба ду навъ тақсим шудаанд – илми амалӣ ва илми назарӣ. Ҳар ду ин илмҳо ҳам ба инсон барои огоҳӣ аз худ – худшиносӣ заруранд, агар илми назарӣ аз вазъи чизҳои дигар инсонро огоҳӣ диҳад, пас илми амалӣ барои ҷавоб пайдо

кардани инсон ба саволи «Чӣ бояд кард?» зарур аст: «Гунае он бувад, ки аз ҳоли куниши мо огоҳӣ диҳад ва инро илми амалӣ хонанд, зеро ки фоидаи вай он аст, ки бидонем, ки моро чӣ бояд кардан то кори инҷаҳонии мо сохта бошад… Ва дигар он бувад, ки аз ҳоли ҳастии чизҳо моро огоҳӣ диҳад, то ҷони мо сурати хеш биёбад … Ва инро илми назарӣ хонанд» [12, с.216].

Бояд таъкид намуд, ки илми амалиро Ибни Сино ба се нафвъ тақсим кардааст: тадбири оми мардум (яъне, сиёсат), тадбири хона (тадбири манзил, яъне, рӯзгордорӣ) ва илми худ. Ин навъи сеюми илми амалиро мутафаккир ҳамчун «илми тадбири худ» низ ном гирифта, ҳадаф ва мавзуи онро ҳамчун навъе аз худшиносӣ дар ин дидааст, ки «мардум ба нафси хеш чи гуна бояд, ки бувад» [12, с.217].

Дар самти худшиносӣ ақидаи Ибни Сино дар бораи фарқияти фардҳо низ хеле муҳим аст. Ӯ дар рисолаи худ «Тадбири манзил» одамонро аз рӯи соҳиб будан ба моликият, ақл, мансаб ва касбу ҳунар ба табақаҳо ҷудо карда, ҳадафҳои онҳоро дар зиндагӣ гуногун меҳисобад. Аз ин рӯ, ба ақидаи ӯ, ҳеҷ гоҳ ягон ҳунарманду косиб орзуи подшоҳ шудан ва ё давлатманди бузург буданро надорад, зеро ҷаҳони маънавии онҳо, ҳадафи худшиносии онҳо аз ҳам тафовут доранд: «Ихтилофи аҳвол ва тафовути акдор ҳама касро ба олами худ қонеъ намудааст» [13, с.20].

Ибни Сино дар «илми тадбири худ» дар бораи муҳимтарин сиёсате сухан мекунад, ки барои ҳар як инсон хос аст: ин сиёсат дарислоҳи худии шахс аст. Ба андешаи мутафаккир, барои ҳар як инсон чеҳраи наздиктарин ва муҳтарамтарин худи ӯ аст. Худро ислоҳ карда, минбаъд инсон метавонад дар ислоҳи дигарон ва ҷомеа низ саҳм бигирад. Асоси ислоҳи худӣ ё худшиносӣ бошад, барои Ибни Сино истифода аз ақл, илму дониш ҳисобида мешавад, ки имкон медиҳад худшиносии ӯро илмӣ ё ақлонӣ ном барем. Ин иқтибос аз рисолаи «Тадбири манзил» тасдиқи болоро асоснок мекунад: «…барои касе, ки мехоҳад ба сиёсати нафси худ бипардозад, лозим аст, ки бояд бидонад, ки барои ӯ ақле ҳаст, ки уҳдадори сиёсати кишвари вуҷудаш мебошад. Ва нафсе ҳаст, ки зиёди

одамиро ба корҳои зишту паст ва нораво амр мекунад. Ва ин нафс, дар табиат ва асли хислаташ дорои маоиб ва бадиҳои зиёд мебошад. Ин нафс бояд дар таҳти сиёсату тадбири ақл идора шавад» [13, с.25].

Чунонки дар фасли гузашта таъкид намудем, файласуфи Юнони Қадим Арасту дӯстро «мани дуюм»-и инсон ҳисобида, нақши онро дар худшиносии инсон хеле воло донистааст. Ҳамин гуна андеша ба таълимоти Ибни Сино низ хос мебошад. Ин мутафаккири бузурги тоҷик доштани дӯсти хирадманд ва ба нафси худ раёсатдоштаро унсури муҳимми худшиносии шахс ҳисобида ва ҳамнишинони бадро мазаммат карда, дар ин мавзуъ дар «Тадбири манзил» гуфтааст: «… ҳар касе, ки мехоҳад неку бади сифоти аҳволи худро бишиносад, дар баҳс аз аҳволу ҷустуҷӯ аз маоиби худ ба кӯмаки бародару дӯсти хирадманде, ки чун ойини хубияшро хуб ва бадию зиштияшро баду зишт нишон бидиҳад, муҳтоҷу ниёзманд аст» [13, с.26].

Бояд тазаккур дод, ки дар бораи дӯсту ҳамнишинон сухан ронда, Ибни Сино тавсия медиҳад, ки дар кори ислоҳи нафси худ, тадбири он ва шинохти худ, инсон бояд хислатҳои хубро дар дигарон мушоҳида намуда, онҳоро дар ниҳоди худ пайдо ва бедор созад. Ҳамзамон, хислатҳои бадро дар дигарон мушоҳида намуда, инсон бояд бидонад, ки онҳо низ дар нафси ӯ ба таври аёну ноаён вуҷуд доранд ва барои расидан ба шинохти худ онҳоро дар ниҳодаш бояд аз байн бибарад. Ба ибораи дигар, Ибни Сино дар ин самт низ пайгирӣ аз фалсафаи Юнони Қадим мекунад, ки баъзе намояндагони он, аз ҷумла, Афлотун таҷрибаи дигаронро як унсури муҳимми худшиносӣ эътироф кардаанд.

Инҷо ҳамчун хулоса оид ба худшиносии ақлонӣ дар таълимоти Ибни Сино, ки ҳадафи он такмили табиати инсон тавассути илм аст, чунин андешаи ӯро меорем, ки дар «Китоби ҷадал» омадааст: «Муҳимтарини ашё барои инсон иштиғол бад-он чизест, ки зоти шахсии ӯро комил мегардонад, сипас иштиғол бад-он чизест, ки навъашро суд дорад ё онро нигоҳ медорад… Камоли зот ба маърифат касб мешавад…» [14, с.50].

Ба ҳамин тариқ, дар фалсафаи шарқи исломӣ, аз ҷумла дар таърихи фалсафаи халқи тоҷик дар асрҳои миёна то ибтидои таърихи навтарин се навъи худшиносӣ - худшиносии динӣ, худшиносии ирфонӣ ва худшиносии ақлонӣ ё илмӣ мушоҳида мегардад. Ҳар се навъ як умумияте доранд, ки шинохти худии худро роҳ ба сӯи Худошиносӣ медонанд. Аммо миёни онҳо, чунонки дар боло дидем, фарқиятҳо низ вуҷуд доранд. Агар худшиносии динӣ расидан ба худ ва моҳияти Холиқро тавассути рушди ахлоқии шахс, иҷрои талаботи динӣ ва пайравӣ аз паямбар донад, пас худшиносии ирфонӣ гузаштан аз се зинаи такомул – шариат, тариқат ва ҳақиқат, инчунин аз мақомот ва ҳолҳоро шарти зарурии ташаккули инсони комил ва иттиҳод ёфтани ӯ бо Ҳастии мутлақ меҳисобад. Худшиносии ақлонӣ ё илмӣ дар мисоли таълимоти Ибни Сино маърифати илмиро асоси дарки моҳияти худ, шинохти Офаридгор ва расидан ба саодат медонад. Ба ақидаи мо, маҳз баъзе унсурҳои худшиносии илмӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик метавонанд, ки дар коркарди масъалаҳои худшиносии фардӣ ва худшиносии гурӯҳӣ барои фалсафаи муосир аҳаммияти хосса дошта бошанд.

Инҷо сазовори таъкид медонем, ки андешаҳои фалсафие, ки дар Мисри Қадим, Ҳинди Қадим, таълимоти динӣ-фалсафии бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик, Чини Қадим ва дигар ҷараёну мактабҳои динию фалсафии Шарқ баён шудаанд, аз ҷумла, доир ба худшиносӣ, то оғози таърихи навтарини инсоният қариб, ки бе тағйирот ё бо тағйироти начандон ҷиддие зинда мондаанд. Аз ин рӯ, таҳлилҳои мухтасари дар боло омадаро кофӣ дониста, онҳоро чунин хулоса мекунем:

1) дар Бобул ва Мисри Қадим моҳияти инсон ҳамчун як мавҷуди комил, ки зебогии ҷисмонӣ ва маънавӣ дорад ва арзиши шахсият ҳамчун фардияти маънавӣ ошкор карда шуда, ноумедиро ҳамчун ҳолате тафсир кардаанд, ки онро минбаъд С. Кйеркегор ҳолати шинохти инсон худро ҳамчун шахсият донистааст;

2) дар сарчашмаи хатии Ҳинди Қадим «Упанишадҳо» худшиносиро ҳамчун роҳ ба сӯи озодӣ бо шинохти атман донистаанд;

дар буддоия пайдо кардани роҳи мобайнӣ миёни зоҳидӣ ва лаззатпарастӣ, риояи тавозун байни моддиёту маънавиёт ва тавассути тай намудани роҳи ҳаштзинагии озод гаштани инсон аз ранҷу азобҳо худшиносиро барои ӯ муяссар ҳисобидаанд; дар таълимоти дзэн-буддоия чунин шумурда мешавад, ки барои маърифати ҳақиқат олами ботиниии худро омӯхтан зарур буда, дар ин раванд инсон ба руъяти Мани олии худ мерасад ва тавассути чунин худшиносӣ Буддоро дар табиати худ пайдо мекунад;

3) инсони комилу худшинос, аз нуқтаи назари зардуштия, ҳамон инсонест, ки пайрави Зардушт будани худро дарк кардааст ва талаботи ӯро дар бораи доштани пиндор, гуфтор ва рафтори нек риоя мекунад;

4) дар Чини Қадим дар таълимоти даосизм худмуроқибакунии шахс дар табиат яке аз принсипҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, худшиносӣ ҳамчун роҳи ғайрифаъоли ҳаёти фардӣ дар мавзунӣ бо дао דониста мешавад, ки партофтани хоҳишҳои барзиёд ва рафторҳои номуфидро тақозо мекунад; ҳадаф аз худшиносӣ дар таълимоти Конфутсий ташаккули инсони комил – «тсзюн-тсзи», «марди наҷиб» мебошад, ки хушақлоқу хушсухан буда, ба анъанаҳо тобеъ мебошад ва пайваста меомӯзаду заҳмат мекашад;

5) дар Қуръон ва ҳадисҳои паямбари ислом худшиносӣ шарти зарурии Худошиносӣ дониста шудааст; Ғазолӣ шарти худшиносиро дар омӯзиши илми мукошифа мебинад, ки ба инсон имкон медиҳад, ки донишро дар бораи Худо дар моҳияти худ дарёфта, қалбашро пок созад ва ба Худошиносӣ расад; худшиносии ирфонӣ гузаштан аз се зинаи такомул – шариат, тариқат ва ҳақиқат, инчунин аз мақомот ва ҳолҳоро шарти зарурии ташаккули инсони комил ва иттиҳод ёфтани ӯ бо Ҳастии мутлақ меҳисобад; худшиносии ақлонӣ ё илмӣ дар мисоли таълимоти Ибни Сино маърифати илмиро асоси дарки моҳияти худ, шинохти Офаридгор ва расидан ба саодат медонад.

Дар маҷмуъ, муайянсозии мақоми худшиносӣ дар анъанаҳои динӣ ва фалсафии Шарқ аз даврони қадим то оғози таърихи навтарин ва

рашану возеҳ сохтани моҳияти онҳо маводи фаровонеро барои таҳқиқу таҳлили ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ аз нигоҳи фалсафа ва психологияи муосир пешниҳод месозад, ки баъзе натиҷаҳои он дар фаслҳои минбаъдаи таҳқиқот инъикоси худро пайдо намудааст.

# БОБИ 2. ҶАНБАҲОИ КОНСЕПТУАЛӢ, НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ МАСЪАЛАИ ХУДШИНОСӢ ДАР ФАЛСАФАИ ДАВРОНИ МУОСИР (ИБТИДОИ АСРИ XX ТО ИМРӮЗ)

## 2.1 Унсурҳои асосии худшиносӣ дар таълимоти файласуфони муосир

Дар ибтидои асри XX инқилоби илмӣ дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар фалсафа ба вуқуъ пайваста, намояндагони ин шакли таърихии шуури ҷамъиятӣ масъалаҳоеро, ки дар таълимот ва андешаҳои мутафаккирони даврони қадим, асрҳои миёна ва даврони минбаъда чи дар Шарқу чи дар Ғарб оид ба онҳо сухан рафтааст, аз ҷумла оид ба худшиносӣ, бозбинӣ намуда, консепсия ва таълимоти сифатан навро пешниҳод намуданд. Аммо бо вуҷуди ин, анъанаҳои калидие, ки дар даврони гузашта оид ба худшиносӣ дар фалсафа мавҷуд буданд, дар илми навини инсоният низ мақоми худро аз даст надоданд. Зиёда аз ин, ба инқилоби илмию техникӣ ва таҳаввулот дар ҷаҳонбинии инсоният нигоҳ накарда, аз ибтидои асри XX то миёнаҳои он ва ҳатто каме баъдтар ҳам, оид ба худшиносӣ тафаккури динӣ низ мақоми худро ба таври ниҳоӣ аз даст надод. Таълимоти мутафаккироне, ки дар поён мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, андешаро дар бораи ду навъи муҳокимарониҳо оид ба худшиносӣ – аз нигоҳи дин ва аз нигоҳи илм, махсусан фалсафа ва психология, собит месозанд.

Дар робита ба масъалаҳои дар боло зикршуда, дар ин фасли диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки идомаи анъанаҳои мавҷудбуда дар фалсафа оид ба худшиносӣ ва пайдоиш ва рушди таълимоти нав дар ин самт дар мисоли мутафаккирони шарқию ғарбӣ аз ибтидои асри XX то имрӯз мавриди таҳлили фалсафӣ-таърихӣ қарор дода шаванд. Ин амал дар мисоли таълимот ва андешаҳои К. Ясперс, Ж.П. Сартр, А. Камю, Н.А. Бердяев, К. Роҷерс, А. Маслоу ва М. Иқбол тавассути таҳлили бевоситаи осори онҳо ва андешаҳои муҳаққиқони муосир оид ба таълимоти онҳо сурат гирифтааст.

Дар даврони мавриди назар масъалаи худшиносӣ, қабл аз ҳама, дар фалсафаи мутафаккири олмонӣ, яке аз намояндагони экзистенсиализм Карл Теодор Ясперс (1883-1969) мақоми хосса дорад. Тибқи таълимоти фалсафии ин донишманд ҷаҳонбинии инсон дар натиҷаи зиддияти субъект ва объект, яъне мушаввашиҳои ботинии инсон ва падидаҳои воқеии атрофи ӯ ташаккул меёбад. Вазифаи ҷаҳонбинӣ аз ҷустуҷӯи наҷоти инсон аз гуногунрангии мавҷудият ё экзистенсияи ӯ иборат мебошад. Ин мутафаккир се навъи шинохти ҳастиро аз ҷониби инсон эътироф намудааст, ки ба ақидаи муҳаққиқи россиягӣ А.Р. Бурҳонов, ҳамзамон се сатҳи ҳастӣ ва худшиносии ӯ мебошанд –олам, экзистенсия ва транстсенденсия [71, с. 24]. Ин андешаҳоро К. Ясперс дар асарҳои худ «Психологияи ҷаҳонбинӣ», «Муқаддимаи фалсафа» ва ғайра инъикос намудааст.

Дар бораи субъект ва объект сухан гуфта, К. Ясперс дар чунин андеша аст, ки инсон аз ҷониби худ дар ду шакл шинохта мешавад: ҳамчун объекти таҳқиқ ва ҳамчун объекти мавҷудият ё экзистенсия. Дар ҳолати аввал инсон ҳамчун предметҳои дигар мавриди таҳқиқ қарор мегирад ва дар ҳолати дуюм, ҳамчун он чӣ, ки ӯ дар ҳақикат ҳаст, агар инсон худро тавассути таҷрибаи шахсии худ шинохта тавониста бошад. Дар ҳар сурат инсон «бештар аз он чизест, ки худ дар бораи худ медонад» [32, с.64].

Инсон, аз дидгоҳи К. Ясперс, ҳар лаҳзае ба худфаромӯшӣ меафтад ва аз он баромада, ба худ савол мегузорад, ки ман чиям, ман чиро аз даст дода истодаам ва ман чӣ кор бояд кунам? Аз ин рӯ, агарчи дар фалсафа, ки тули ҳазорсолаҳо ҳамчун худогоҳии инсоният ташаккул ёфтааст, ба ин саволҳо ҷавоб пайдо кунем ҳам, лекин боз ҳам зарурати аз нав фалсафаронӣ кардан оид ба ин масъала пайдо мегардад, зеро ҳар як инсон бояд моҳияти худро мустақилона бишиносад. Аз ҷониби дигар, агар инсон пайвастагии худро бо ягон маънӣ дарк кунад, танҳо дар ҳамон ҳолат ӯ худро дар дохили шинохти олам ва худогоҳӣ эҳсос

мекунад. Муттасилии зарурати худшиносии инсон бошад, аз он вобаста аст, ки «дар ботини худии ман на танҳо худи ман ҳастам» [32, с.56].

Барои К. Ясперс инсон мавҷуди иҷтимоиест, ки дар олами ашёву зуҳуроти ба одат табдилёфта вуҷуд дошта, дар роҳи аллакай тайшуда роҳсипор аст. Аз ин рӯ, барои худии худро ба таври ниҳоӣ аз даст надодан, инсон ҳар чи зудтар бояд худро аз ин варта берун кашад. Аз ҷониби дигар, инсони даврони муосир «ба дарки ҳастӣ дар маҷмуъ, худии худ ва ҳудудҳои худ оғоз мекунад. Ӯ аз хавфи олам ва нотавонии худ огоҳ мегардад» [32, с.102].  Аз ин рӯ, чунонки дар боби гузашта низ таъкид намудем, К. Ясперс барои бартараф сохтани ин хавфу хатарҳои экзистенсиалӣ механизмҳои худшиносиро дар шакли иерархӣ – худмушоҳидакунӣ, худдарккунӣ ва худвозеҳкунӣ пешниҳод мекунад, ки истифода аз онҳо ба сӯи мутобиқати комилан пурраи инсон ба худии худи ӯ мебаранд. Инҷо худмушоҳидакунӣ ҳамчун констатасияи ҳодисаҳои ботинӣ, худдарккунӣ ба ҳайси шарҳи ҳодисаҳои ботинӣ аз ҷониби фард, пайдо кардани ҳавасмандиҳо ва алоқаҳои мутобиқ, инчунин худвозеҳкунӣ чун ҷамъбасти рафтори ботинӣ ва бадастории ҳақиқати ботинӣ фаҳмида мешаванд.

Илова бар ин, ба таълимоти К. Ясперс оид ба худшиносӣ ақидаҳои ӯ дар бораи ҷанбаҳои асосии ҳаёти инсонӣ таъсир расонидаанд, ки дар се шакл зуҳур мекунанд – мавҷудият, шуур дар маҷмуъ ва руҳ. Мавҷудият инсонро ҳамчун мавҷуди физикию биологӣ, ҳамчун «ман»-и эмпирикӣ нишон медиҳад, ки аз ҷониби илмҳои табиатшиносӣ омӯхта мешавад. Ба ҳайси шуур дар маҷмуъ инсон худ ба ҳайси субъекти фаъоли маърифат баромад мекунад, ки ҳатто ба ӯ имкон медиҳад, ки аз ҳудудҳои олами моддӣ берун барояд. Руҳ бошад, олами идеяҳо, ғояҳои инсонро фаро мегирад, ки дар шакли равандҳои гуногуни таърихию фарҳангӣ – ахлоқ, санъат, дин, сиёсат ва амсоли он зуҳур мекунанд. Ба андешаи мо, дар худшиносии К. Ясперс бештар инсон ба ҳайси шуур дар маҷмуъ ва субъекти фаъоли маърифат мақоми асосиро ишғол мекунад. Аммо руҳ низ инҷо нақши муҳим дорад, ки дар ниҳояти кор К. Ясперсро ба

идеализм дар фаҳмиши озодии инсон ва фидеизм (аз калимаи лотинии «fidēs» - «эътиқод», таълимоте, ки волоияти эътиқодро бар ақл эътироф мекунад) дар шарҳи худшиносӣ меоварад: «Ҳар қадар, ки озодии инсон аслӣ бошад, ҳамон қадар ӯ ба Худо эътиқод дорад. Онҷо, ки ман ба таври аслӣ озод бошам, ман боварӣ дорам, ки ман на ба шарофати худ озодам. Мо, одамон, ҳеҷ гоҳ барои худ кофӣ нестем. Мо аз худии худ зада мегузарем ва дар якҷоягӣ бо амиқшавии худошиносиамон рушд мекунем ва тавассути он ҳамзамон барои худ дар ҳеҷ будани худ возеҳ мешавем» [32, с.66].

Файласуфи дигари асри XX - Жан-Пол Шарл Эмар Сартр (1905-1980), ки фалсафаи эзестинсиализми атеистии фаронсавиро намояндагӣ мекунад, асосан дар бораи худшиносӣ бо такя ба фаҳмиши масъалаҳои озодии инсон ва бегонашавӣ сухан рондааст. Озодӣ барои ӯ ба инсон табиатан хос буда, пеш аз моҳияти он вуҷуд дорад ва озодии ирода ва интихоби инсонро нишон медиҳад. Аз ҷониби дигар, инсони муосир, аз нигоҳи Ж.П. Сартр, мавҷуди аз худ бегонашудаест, ки фардияти ӯ дар зери таъсири ниҳодҳои гуногун ва сершумори ҷомеа қарор дорад. Ин масъалаҳоро мутафаккир дар асарҳояш «Ҳастӣ ва ҳеҷ. Таҷрибаи ҳастишиносии феноменологӣ», «Экзистенсиализм – ин гуманизм аст» ва осори сершумори бадеияш инъикос намудааст.

Масъалаи худшиносиро Ж.П. Сартр тавассути таълимоти худ дар бораи «Дигар» (яъне, на ман, балки шахси дигар) ҳаллу фасл намудааст. Дигар барои ӯ ҳамчун миёнрави зарурӣ барои алоқаманд намудани ман бо худи ман хизмат мекунад. Ҳаминро ба назар гирифта, муҳаққиқони муосир қайд намудаанд, ки «Нақши марказии Дигар дар низоми фалсафии Сартр бо он муайян карда мешавад, ки он ҳамчун тасодуфи зарурӣ баромад мекунад, ки ба шарофати он инсон мавҷудияти инсонии худро мешиносад» [80, с.37].

Мафҳуми «Дигар»-ро мутафаккир на танҳо ҳамчун миёнрав барои худшиносии ман, балки ҳамчун омиле донистааст, ки инкори он хавфи солипсизмро ба миён меорад. Солипсизм ё мангароӣ бошад, ҳамчун

шакли қатъии идеализми субъективӣ чунин меҳисобад, ки танҳо инсон ва шуури ӯ вуҷуд дошта, олами объективӣ, аз ҷумла одамони дигар танҳо дар идроки фард мавҷуданд, ки мутлақо иштибоҳ аст.

Ж.П. Сартр чунин мешуморад, ки нигоҳи дигарон ба ман, ақидаи онҳо оид ба ман, чӣ гуна табиате надошта бошанд ҳам, ишораи холис ба ман мебошанд. Инчунин, ӯ тани инсонро ба ҳастӣ барои худ ва ҳастӣ барои дигарон тақсим намуда, дар асари худ «Ҳастӣ ва ҳеҷ. Таҷрибаи ҳастишиносии феноменологӣ» дар бораи ченакҳои онтологии он сухан мегӯяд, ки аз се қисм иборатанд: «Ман бо тани худ зиндагӣ мекунам – ин ченаки нахустини ҳастии он аст. Тани маро каси дигар истифода бурда онро мешиносад – ин аст ченаки дуюми он... Ман барои худ ҳамчун тане, ки дигар кас онро ба ҳайси тан шинохтааст, вуҷуд дорам. Ин аст ченаки сеюми ҳастишиносии тани ман» [28, с.231].

Дар баробари ин, дар таълимоти Ж.П. Сартр идеяҳое мавҷуданд, ки барои фаҳмиши на танҳо худшиносии фардӣ, балки, ба ақидаи мо, барои тавзеҳи худшиносии гурӯҳӣ низ метавонанд мусоидат намоянд. Инҷо андешаи ӯ дар бораи «Мо» ҳамчун субъекти худшиносӣ сухан меравад, ки онро мутафаккир ҷамъи «манҳо» донистааст. Дар маҷмуъ бошад, мутафаккир худшиносиро аз се навъ – худшиносии фардӣ, худшиносии шахсият ва худшиносии инсоният иборат донистааст. Аз ин рӯ, мо мутмаинем, ки Ж.П. Сартр ва К. Ясперсро аз ҷумлаи аввалин мутафаккироне ҳисобидан зарур аст, ки дар бораи худшиносии гурӯҳии инсоният сухан гуфтаанд. Дар ин росто ҳар ду мутафаккир ҳам таърихро ҳамчун худогоҳии инсоният шинохтаанд.

Чунонки маълум аст, Ж.П. Сартр экзестинсиализми атеистиро намояндагӣ мекунад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, ӯ паҳлуҳои асосии масъалаи худшиносиро низ аз ҳамин мавқеъ ҳаллу фасл намудааст. Аз ҷумла, он муҳаққиқоне, ки андеша доранд, ки барои ин мутафакир инсон танҳо лоиҳаи худи ӯст, ҳамин маъниро дар назар доранд. Ж.П. Сартр дар ин бора дар эссеи машҳури худ «Экзистенсиализм – ин гуманизм аст» зикр намудааст: «Барои экзистенсиалист инсон бо сабаби он муайян

карда намешавад, ки он дар ибтидо чизе нест. Ӯ баъдан инсон мешавад ва дар айни замон чунон инсоне, ки ӯ худро месозад. Ҳамин тариқ, ягон табиати инсон вуҷуд надорад, ҳамчунонки ягон холиқе, ки онро фикр карда бароварда бошад» [29, с.4]. Ба ибораи дигар, ҳастии инсон аз худи ӯ вобаста буда, ӯ худ лоиҳаи ҳастиашро мустақилона амалӣ месозад. Аммо ин, аз нуқтаи назари Ж.П. Сартр, маънои онро надорад, ки инсон ҳар чи хоҳиш дорад, ба он метавонад мубаддал шавад.

Дар фаҳмиши моҳияти худшиносӣ Ж.П. Сартр муқобили квиетизм (аз калимаи лотинии «quies» - «оромӣ», таълимоти динӣ-ахлоқӣ, ки муносибати муроқибавӣ, ғайрифаъолро ба ҳаёт талқин мекунад) баромад менамояд. Дар ин росто ӯ воқеиятро ҳамчун амал ҳисоб мекунад. Мутафаккир дар ин андеша аст, ки «тарсончак худаш худашро тарсончак мекунад ва қаҳрамон худро қаҳрамон. Барои тарсончак ҳамеша имконият ҳаст, ки дигар тарсончак набошад, барои қаҳрамон бошад, то ки дигар қаҳрамон набошад» [29, с.12]. Маҳз бо ҳамин сабаб, аз нигоҳи мо, Ж.П.Сартр таълимоти экзистенсиалии худро ҳамчун гуманизм, оптимизм ва таълимот дар бораи амал ҳисобидааст, ки инсонро даъват мекунад, ки худро дарёбад ва мутмаъин бошад, ки ӯро аз худии худ ва дигарон ба ғайр аз худи ӯ ягон чизе ё касе наҷот дода наметавонад.

Албер Камю (1913-1960) – файласуфи экзистенсиалисти фаронсавӣ бошад, дар маркази таълимоти фалсафии худ, аз ҷумла оид ба худшиносӣ, масъалаи «абсурд» («муҳол», «бемаъногӣ»)-ро ба ҳайси ҳисси дарк накардани олам аз ҷониби инсон қарор додааст. Дар ин асос ӯ консепсияи «исён»-ро ҳамчун муқобилият ба ҳисси абсурд коркард намудааст. Барои А. Камю ягона ҳақиқати боэътимод танҳо мавҷудияти инсон ва мавҷудияти олами атроф ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, ақли инсонӣ маҷбур аст, ки ба моҳияти олам, инсон ва таърихи инсоният равшанӣ андозад [70, с.4]. Асосҳои таълимоти ин мутафаккир дар асарҳояш «Ривоят дар бораи Сизиф», «Инсони исёнгар» ва ғайра баён гардидаанд.

Худшиносӣ дар таълимоти А. Камю тавассути кушодани моҳияти инсон ва инсони исёнгар фаҳмонида шудааст. Ӯ инсонро ягона мавҷуде меҳисобад, ки будани худро ҳамчунон, ки ҳаст, инкор мекунад. Аз ҷониби дигар, «Инсон, моҳиятан, танҳо аз ҳамон лаҳзае таваллуд мешавад, ки ӯ худро ҳамчун субъекти маърифаткунанда мешиносад. Пас, моҳияти инсон ин худогоҳӣ аст. Барои тасдиқ кардани худ, худогоҳӣ бояд худро аз дигар, ки он нест, фарқ карда тавонад» [17, с.224-225].

Дар баробари ин, А. Камю назорати доимиро аз болои худогоҳии инсон талаб мекунад, зеро он бо ду унсур алоқамандӣ дорад: ҳирсу нафсоният, аз як ҷониб, ва инкор, аз ҷониби дигар. Ин чунин маънӣ дорад, ки худогоҳӣ ҳирсу нафсонияти инсонро қаноатманд мекунад, барои расидан ба чунин қаноатмандӣ бошад, амал кардан тақозо карда мешавад. Инсони худшинос амал намуда, он қаноатмандиҳои худро вайрон мекунад, яъне инкор менамояд. Дар ин раванд як ҳирсу нафсоният бо ҳирсу нафсонияти дигар ва худогоҳии як шахс бо худогоҳии шахси дигар пурра мегарданд.

Оид ба худшиносӣ сухан гуфта, А. Камю ақидаҳои файласуфони олмонӣ Г. Гегел ва К. Марксро бо ҳам муқоиса мекунад ва зикр менамояд, ки охирӣ дар асараш «Сармоя» худогоҳии гегелиро бо мустақилияти иқтисодӣ ва салтанати руҳи мутлақро бо ҳукмронии коммунизм иваз намудааст [17, с.274].

Дар маҷмуъ, барои А. Камю роҳи ягонаи худшиносӣ ин исён аст. Исёнро ӯ ба маънои эътирози инсон бар зидди табдил додани моҳияти ӯ ба чиз, маҳдуд сохтани табиат ва моҳияти ӯ дар рафти таърих меҳисобад. Аз ин рӯ, инсони исёнгар худ ба таърих ҳудуд мегузорад. Моҳияти инсони исёнгар бошад, барои мутафаккир ин инсони дар роҳи худшиносӣ буда, чунин эътирозҳо дорад: «Пас инсони исёнгар чӣ гуна аст? Ин инсонест, ки «не» мегӯяд… «Не» метавонад, масалан, чунин маъно дошта бошад: «хеле тулонӣ ман тоқат кардам», «то ҳол, бигзор бошад, вале дигар бас», «шумо хеле амиқ фурӯ рафтед», инчунин, «ҳудуде ҳаст, ки ман гузаштан аз онро ба шумо иҷозат намедиҳам». Дар

умум гӯем, ин «не» мавҷуд будани ҳадду ҳудудро тасдиқ мекунад… Инсони исёнгар чунин инсонест, ки то ва ё баъди муқаддас будан зиндагӣ мекунад, тартиботи инсониро талаб мекунад, ки ҳангоми он ҷавобҳо инсонӣ мешаванд, яъне ба таври ақлонӣ баёншуда» [17, с.127, 133].

Ҳамзамон, А. Камю дар асари худ «Инсони исёнгар» дар бораи он сухан мегӯяд, ки инсон ба интихоб миёни муроқиба ва амал кардан афтода, маҳз дар натиҷаи интихоби дуруст инсон шудани худро таъмин месозад. Ё худ, худшиносии инсон худамалисозии ӯро дар роҳи ҳаёт муайян менамояд. Аз ҷониби дигар, худогоҳии як шахс, аз назари мутафаккир, бояд бо худогоҳии шахси дигар пурра карда шавад, зеро маҳз бо ҳамин восита инсон аз олами ҳайвонӣ ба олами инсонӣ баромадани худро таъмин мекунад. Инсон дар ҷамъият зиста, ниёз ба он дорад, ки аз ҷониби аъзои дигари он эътироф карда шавад, зеро бо ин роҳ таваллуди навбатии инсон аз ҷониби дигарон барои ҳаёти маънидори ӯ таъмин карда мешавад.

Дар таълимоти мутафаккири шинохтаи рус Николай Александрович Бердяев (1874-1948) масъалаи худшиносӣ дар асари алоҳида бо ҳамин ном – «Худшиносӣ» (соли нашраш 1948) коркард шудааст. Н.А. Бердяев фалсафаи динии русро намояндагӣ карда, консепсияҳои озодӣ ва «асрҳои миёнаи нав»-ро таҳия намудааст. Ӯ ақидаҳои персонализмро дастгирӣ намуда, ҳар як шахсият ва нерӯи ӯро ягона ва истисноӣ меҳисобад, ки олами ботинияш дар низоъ бо олами атроф ва ҷомеа қарор дорад. Персонализм (аз калимаи лотинии «persona» - «шахс») ё шахсгароӣ бошад, ҷараёни вуҷудгароӣ-худогароии табиӣ ё экзистенсиалӣ-теистӣ дар фалсафа мебошад, ки шахсиятро воқеияти нахустини эҷодӣ ва арзиши олии маънавӣ ва оламро бошад, зуҳури фаъолмандии шахсияти олитарини офаридгор – Худо эътироф мекунад.

Дар бораи худшиносӣ сухан ронда, Н.А. Бердяев чунин меҳисобад, ки оид ба ин масъала ҳанӯз дар Юнони Қадим ақидаҳо баён гардидаанд,

аммо аз назари ӯ, агарчи мутафаккирони ин минтақа дар шинохти худ – «Худро шинос!» - ибтидои фалсафаро дидаанд, аммо дар асл кӯшишҳои онҳо дар ин самт тамоман натиҷаи дигар доштаанд. Дар Юнони Қадим ин ҳама на худшиносӣ, балки маърифат дар бораи инсон дар умум буд. Тибқи андешаи юнониён ақл ақлро, кулл кулро мешинохт, на инсон худашро ва ҳатто худии ӯ дар натиҷаи чунин худшиносӣ, баръакс, ғайб мезад. Аз ин рӯ, ба андешаи Н.А. Бердяев, танҳо дар китоби файласуфи масеҳии ибтидои асрҳои миёна Августини Муқаддас «Омӯрзиш», таълимоти мутафаккири фаронсавӣ дар асри XVII - Б. Паскал, файласуфи олмонӣ И. Фихте, мутафаккири швейтсарӣ А.Ф. Амиел (1821-1881), адиби рус Ф. Достоевский (1821-1881), файласуфи даниягӣ С. Кйеркегор (1813-1855) ва як қатор мутафаккирони дигари асрҳои XIX-XX худшиносии воқеиро мушоҳида кардан имкон дорад [7, с.178].

Аз ҷониби дигар, Н.А. Бердяев чунин қайд мекунад, ки баъзан худшиносӣ бо баёни тарҷумаи ҳоли шахсӣ омехта карда мешавад. Баъзе мутафаккирон тарҷумаи ҳоли худро ба ҳайси худшиносӣ пешниҳод мекунанд, баъзеи дигар дар бораи ҳодисаҳои ҳаётии худ ва оид ба шахсони дигар сухан мегӯянд, вале дар ҳар ду ҳолат ҳам онҳо худро дар мадди аввал гузошта, ба эгосентризм (аз калимаҳои юнонии «ἐγώ» - «ман» ва лотинии «centrum» - «маркази давра») – нашинохтани нуқтаи назари дигарон ба ҷуз аз нуқтаи назари худ - роҳ медиҳанд, ки дар асл бо худшиносӣ ягон рабте надорад. Аз ин рӯ, ин мутафаккири рус андешаҳои худро дар асараш «Худшиносӣ» на ёддоштҳо ва на тарҷумаи ҳоли шахсӣ (автобиография), балки худшиносӣ медонад, ки дар ҳолати канорӣ ҳам онҳоро таърихи фалсафии руҳ ё таърихи худогоҳӣ номидан имкон дорад.

Худшиносӣ, аз нигоҳи Н.А. Бердяев бо чунин хусусиятҳо – фаҳмиши сарнавишти худ, шиносоӣ бо асроре, ки ба дигарон номаълум боқӣ мемонанд, муносибати шахс ба муҳит, роҳи маънавии тайкардаи инсон аз шаклҳои дигари маърифат фарқ мекунад. Ба ибораи дигар, худшиносӣ «талаботест барои фаҳмиши худ, дарки навъ ва тақдири худ»; «мавҷудияти аз ҳама экзистенсиалии худии худ. Дар шинохти худии худ

инсон ба асроре, ки ба дигарон ноаёнанд, роҳ меёбад»; «худшиносӣ, шинохти руҳи худ ва ҷустуҷӯҳои маънавии худ. Барои ман на сифатҳои муҳит, балки сифати аксуламалҳои ман ба муҳит муҳимманд»; «ман ҳадаф мегузорам, ки амали экзистенсиалии шинохти фалсафии худро анҷом диҳам, роҳи маънавии худро дарк намоям» [7, с.2- 4; 179].

Н.А. Бердяев изҳор доштааст, ки ӯ ҷонибдори солипсизм набуда, худшиносиро танҳо аз таҳлили худ иборат намедонад. Инсон баъзан ба худ бегона аст, аммо дар ҳолатҳои дигар дар худии инсон чизе ниҳон аст, ки ба ӯ аз худи ӯ наздиктар мебошанд. Ин ҳама ба инсон имкон медиҳанд, ки ӯ худро ҳамчун мавҷуди гуногунҷанба ва бисёртабақа шиносад, аммо ин на ҳама вақт ба ҳақиқати ҳол рост меояд.

Таҳлили асари Н.А. Бердяев «Худшиносӣ» нишон медиҳад, ки ӯ кӯшиш намудааст, ки на танҳо дар бораи худшиносии фардӣ, балки оид ба худшиносии гурӯҳӣ низ сухан гӯяд. Аз ҷумла, мутафаккир таърихро чун файласуфони дигари ибтидои асри XX ба ҳайси худогоҳии гурӯҳии инсоният эътироф намудааст. Ҳамзамон, ӯ  чунин навъи худшиносиро, ки аз ҷинсияти инсон, яъне зан ё мард будан, вобаста аст, инкор мекунад, зеро ҷинсият, ба андешаи мутафаккир, як ҳолати парешонии инсонҳо буда, баромадани инсонро аз худии худ ва муроҷиатро ба дигар, ба ҷинси муқобил талаб мекунад, ки он инсонро ба ноумедӣ оварда, ӯро маҷбур месозад, ки боз ба худ баргардад.

Шакли дигари худшиносии гурӯҳӣ, ки онро низ Н.А. Бердяев рад мекунад ин, ба истилоҳи худи муаллиф, «худшиносии авлодӣ» мебошад. Чунин шакли худшиносӣ инсонро, ки олами сағир, микрокосм аст, маҳдуд месозад. Аз ин рӯ, мутафаккир, ки худро ҷонибдори универсализм меҳисобад, ҳар гуна ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии миллӣ ё байналмилалӣ (натсионализм ва интернатсионализм) ва этатизми марказонидашудаи тоталитарӣ (аз калимаи фаронсавии «état» - «давлат», давлатгароӣ, мутлақ сохтани нақши давлат)-ро рад мекунад.

Бояд таъкид намуд, ки мурoқибаро Н.А. Бердяев асоси худшиносӣ дониста, онро на ҳолати ғайрифаъол будани руҳи инсонӣ, балки лаҳзаи

фаъолшавии руҳ ва эҷодкорӣ шинохтааст. Маҳз ҳамин худмуроқибакунӣ дар шакли фаъоли худ инсонро ба он оварда мерасонад, ки худро танҳо чун як механизм дарёбад, ки бадбахтии инсони даврони муосир дар ҳамин аст. Дар натиҷа, Н.А. Бердяев низ чун шахсият дар натиҷаи худшиносӣ ба шӯриш бармехезад: «Ман ба он инсонҳое тааллуқ дорам, ки бар зидди раванди таърихӣ исён кардаанд, зеро он шахсиятро мекушад, шахсиятро намебинад ва на барои шахсият рух медиҳад. Таърих бояд ба анҷом расад, зеро дар ҳудуди он мушкилоти шахсият ҳалнашаванда аст» [7, с.172].

Дар маҷмуъ, таълимоти Н.А. Бердяев оид ба худшиносӣ ба дин ва ахлоқ такя намуда, ҳамчун тамоми низоми фалсафии ӯ ба он нигаронида шудааст, ки ин мутафаккирро ба ҳайси «муҳофизатгари фаъол ва оташини ғояҳои арзишманд ва гуманистии инсон дар он марҳилаи таърихие, ки ба ин ғояҳо муқобил буданд» [96, с.88], муаррифӣ созанд.

Масъалаи худшиносиро аз нигоҳи фалсафӣ-психологӣ донишмандони амрикоӣ Карл Рэнсом Роҷерс (1902-1987) ва Абраҳам Маслоу (1908-1970) коркард намудаанд. К. Роҷерс унсури муҳимтарини сохтори шахсиятро дар «консепсияи Ман» дида баромадааст. Ин консепсия барои ҳар як шахс дар раванди робитаи мутақобилаи ӯ бо олами атроф ба вуҷуд омада, ба ҳайси воситаи асосии худтанзимкунии рафтори ӯ хизмат мекунад. Ин ва дигар масъалаҳои вобаста ба худшиносӣ дар асари К. Роҷерс «Дар бораи ташаккули шахсият. Психотерапия аз нигоҳи психотерапевт» инъикоси худро ёфтаанд.

Қабл аз ҳама, бояд таъкид намуд, ки дар асоси таҳлилҳое, ки муҳаққиқони дигар оид ба афзалиятҳои эътирофнамудаи баъзе донишҷуёни ИМА, Канада, Норвегия, Хитой ва Ҳиндустон гузаронидаанд, К. Роҷерс худогоҳиро ҳамчун инкори ҳукмронӣ бар одамону ашё ба фоидаи «даромади амиқ ва хайрхоҳона ба ботини худ ва дигарон» [26, с.130] донистааст.

Моҳияти таълимоти мутафаккири мазкурро оид ба худогоҳӣ ва худшиносии инсон дар асоси се масъалае, ки ӯ дар асараш «Дар бораи

ташаккули шахсият» ва баъзе мақолаҳояш гузоштааст, ба ақидаи мо, беш аз ҳама дурусттар дарк кардан мумкин аст. Масъалаи якум ин аст, ки «Ин – манам» гуфта, ӯ дар бораи ҳаёту фаъолияти худ ба донишҷӯён маълумот додааст ва масъалаи дуюм ба шарҳи ақидаи машҳури С. Кйеркегор оид ба «Оне будан, ки ту дар ҳақиқат ҳам ҳастӣ» бахшида шудааст. Масъалаи сеюм бошад, ба ғояи худамалисозӣ рабт дорад.

Худро муаррифӣ сохта, К. Роҷерс баён медорад, ки ӯро дар роҳи худшиносӣ ҳамеша масъалаи маънии зиндагӣ ба ҳайси имконияти беҳбуд бахшидан ба такмили воқеии инсон ҷалб намудааст. Дар баробари ин, ин донишманд эътимоди комил дорад, ки машғулии инсон ба касбе, ки барои ӯ беш аз ҳама маъқулу марғуб аст, имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои дигари фаъолият ва ҳаёти ӯ низ такмил ёбанд. Ва омили муҳимми сеюмро, ки онро К. Роҷерс барои шинохти шахсияти инсон калидӣ донистааст, метавон, ба ақидаи мо, дар маҷмуъ, «муоширaт бо дигарон» номид, ки бо роҳҳои гуногун сурат мегирад. Ин масъаларо дар поён каме муфассалтар шарҳ медиҳем.

«Муоширaт бо дигарон», чунонки маълум аст, бо роҳи муколама сурат мегирад, ки инсон ба ягон касе сухан гуфта, олами ботинии худро мекушояд, ё, баръакс, дигарон сухан гуфта, шахсро аз олами ботинии худ огоҳ месозанд. К. Роҷерс, ки солиёни тулонӣ ба психологияи татбиқӣ машғул буд, муколамаҳои худро бо мизоҷонаш хулоса намуда, қайд намудааст, ки ҳикоятҳои онҳо ба ин олим имконият доданд, ки бо олами ботинии онҳо шиносоӣ пайдо карда, фарқияти худии худро аз онҳо дарк намояд. Дар маҷмуъ, «муоширaт бо дигарон» ба К.Роҷерс чунин натиҷаҳо додааст: «… ман мебинам, ки дар муносибат бо одамони дигар муваффақ мешавам, вақте ки ман метавонам худро дарк кунам ва худии худ бошам, худро ҳамчуноне қабул кунам, ки ҳастам»; «аз қабули худ ҳамчуноне ки ҳастам, натиҷаи дигар бармеояд – муносибат бо дигарон аслӣ мешавад»; «Агар ман ба худ иҷозат диҳам, то дигарро фаҳмам, ман ба шарофати он фаҳмиш метавонам худам дигаргун шавам»; «… ҳарчанд зиёдтар ман барои дарки воқеият, олами ботини худ ва инсони дигар

кушода бошам, ҳамон қадар камтар ман кӯшиш мекунам, «корҳоро тахт кунам» [26, с.16-20].

Ба ибораи дигар, «муошират бо дигарон»-и К. Роҷерсро метавон бо ақидаҳои Ж.П. Сартр оид ба «Дигар» муқоиса намуд, ки, аз нигоҳи мо, тибқи он ба шарофати дигарон инсон метавонад мавҷудияти инсонии худро шинохта, тафовут ва умумиятҳои худии худро бо онҳо дарк намояд ва дар роҳи худшиносӣ талошҳои самаранок ба харҷ диҳад.

Дар баробари ин, оид ба «Ин – манам» сухан гуфта, К. Роҷерс нақши таҷрибаро дар худшиносӣ дар мисоли ҳаёт ва фаъолияти худ баланд медонад ва онро ба ҳайси пурнуфузтарин омил дар ин роҳ шумурдааст. Таҷриба, аз ҷумла, имкон медиҳад, ки инсон нуқтаи назари худро дигар кунад ва ин, агарчи хеле душвор аст, як навъ маърифат буда, инсонро ба роҳи дуруст ва фаҳмиши боэътимоди ҳаёт мебарад. Аз ҷониби дигар, таҷриба нишон медиҳад, ки оне, ки ба «ман» мансуб аст, дар аксари ҳолатҳо дар «дигарон» низ вуҷуд дорад ва асосу бунёди ҳама гуна инсонро кӯшиш ба сӯи дигаргуншавии мусбат ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ, таҷрибаро, ки ҳар як инсон онро худ мустақилона мегирад, ба андешаи К. Роҷерс, ягон таълимоти фалсафӣ, динӣ ва принсипҳои дигар иваз карда наметавонанд. Аз ин рӯ, мутафаккир барои расидан ба худшиносӣ ба хонанда ва шунавандаи худ ягон таълимоти муайянро тавсия накарда, чунин изҳор медорад: «Ман танҳо ба шарофати дарки мустақили таҷрибаи ҷории ҳаётии худ метавонам зиндагӣ кунам ва аз ин рӯ, кӯшиш мекунам, ки ба дигарон имконият диҳам, то озодии ботинии худро рушд диҳанд ва таҷрибаи худии барои онҳо аҳаммиятнокро фаҳманд...» [26, с.24].

Масъалаи дуюм, чунонки дар боло зикр кардем, шарҳи ақидаи машҳури С. Кйеркегор оид ба «Оне будан, ки ту дар ҳақиқат ҳам ҳастӣ» аз ҷониби К. Роҷерс мебошад. Дар мадди аввал, зикр мекунад мутафаккир, ин калимаҳо хеле содаву оддӣ менамоянд, ҳамчун тасдиқ садо медиҳанд, яъне бош ҳамон инсоне, ки дар ҳақиқат ҳам ту ҳастӣ. Аммо дар асл чунин нест, зеро таҷрибаи муошират бо мизоҷон К.

Роҷерсро эътиқодманд сохтаанд, ки онҳо ягон чизи наверо дар худ мушоҳида намуда, инро аввалан рад мекунанд, лекин мустақиман онро аз сар гузаронида, дар ниҳояти кор қабул месозанд. Аз ҷониби дигар, «бош ҳамон инсоне, ки дар ҳақиқат ҳам ту ҳастӣ» ба назар мерасад, ки ба як ҳолати статикӣ, беҳаракатӣ ишора мекунад. Аммо ин тавр нест, аз ин рӯ мутафаккир таъкид месозад, ки барои худ будан, бояд доимо якранг набошӣ, тағйир кунӣ, яъне як навъ раванд бошӣ. Бо ҳамин сабаб, суханони С. Кйеркегорро оид ба «Оне будан, ки ту дар ҳақиқат ҳам ҳастӣ», К. Роҷерс як раванди душвору тулонӣ тавзеҳ дода, ба чунин хулоса меояд: «…ман возеҳан нишон додам, ки дар ин самт ҳаракат кардан осон нест ва ин роҳ интиҳо надорад. Ин роҳи давомдори ҳаёт аст» [26, с.143]. Ба ибораи дигар, раванди худшиносии инсон, беохир аст, он тули тамоми ҳаёти инсони алоҳида ва инсоният дар кул идома меёбад.

Дар роҳи худшиносӣ, чунонки таъкид гардид, масъалаи сеюми муҳим дар таълимоти К.Роҷерс ин худамалисозӣ мебошад. Худамалисозӣ, чунонки муҳаққиқи рус М. А. Богуш қайд мекунад, барои К. Роҷерс маънии раванди татбиқи неруи инсонӣ аз ҷониби шахсро дошта, дар роҳи худшиносӣ ӯро ба инсони комил табдил медиҳад. Ин амал ба табиати инсон такя мекунад ва аз он сарчашма мегирад, зеро чунин нерӯ танҳо дар он вуҷуд дорад. Дар ин мавзуъ ақидаҳои К. Роҷерс бо таълимоти психологи олмонӣ - амрикоӣ Курт Голдштейн (1878-1965) ҳамоҳангӣ доранд: «Ба монанди Голдштейн Роҷерс низ худамалисозиро майлони ягона дар рафтори инсон меҳисобад ва бо ҳамин тарз мавҷудияти ҳавасмандиҳои алоҳидаи шахсиро инкор мекунад. Тибқи тасаввуроти ӯ, ҳамаи талаботи сершумор ба майлони асосии ташаккул ва худнерӯмандшавии ҷисм дар маҷмуъ тобеъ мебошанд» [68, с.235-236].

Психологи дигари амрикоӣ А. Маслоу талаботи инсонро мавриди омӯзиш қарор дода, бо пешниҳоди диаграммаи машҳури худ, ки бо номи «Пирамидаи Маслоу» ё «Аҳроми Маслоу» ёд мешавад ва дар он иерархия ё мартаботи талаботи инсонӣ нишон дода шудаанд, миёни психологу педагогҳо шуҳрат пайдо кардааст. Дар осори А. Маслоу

асосан мушкилоти худамалисозии шахсият таҳқиқ гардида, ӯ коркардҳои психологии худро на дар асоси таҳлили ҳаёти одамони бемориҳои руҳидошта, балки бо такя ба шахсиятҳои худро дар ҳаёт татбиқнамуда, аз ҷумла, олимон ва сиёсатмадорони муваффақ ба анҷом расонидааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ӯ дар асараш «Ҳавасмандӣ ва шахсият» ва ғайра ба нашр расидаанд.

Чунонки маълум аст, А. Маслоу ба фаслҳои гуногуни илми психология машғул шудааст, ки миёни онҳо психологияи динамикӣ мақоми хосса дорад. Ин фасли психология, асосан, ҳавасмандиҳои рафтори инсонӣ ва фаъолияти равонии ӯро аз нигоҳи мутаҳаррику фаъол будан меомӯзад. Ба андешаи А. Маслоу дар баробари мафҳумҳои ногаҳонӣ, табиӣ будан, бадастории озодӣ, қаноатмандӣ, мувофиқат ба худ ва ғайра мафҳуми «худшиносӣ» низ аз зумраи категорияҳои калидии психологияи динамикӣ мебошад. Вале оид ба ин мафҳум сухан ронда, ин донишманди амрикоӣ маҳдудияти таснифоти қобилиятҳои инсониро аз ҷониби файласуфи Юнони Қадим Арасту нишон медиҳад, ки қобилиятро ҳамчун хосиятҳои сифатии инсон, неруҳои берунӣ ва ботинии ӯ фаҳмида, ба сифати воситаҳои худшиносӣ танҳо ақл ва зеҳнро эътироф мекунад. А. Маслоу ба натиҷаҳои таҳқиқоти психопатологӣ ва психотерапиявӣ такя намуда, зикр мекунад, ки дар раванди худшиносӣ (ё худамалисозӣ, худтатбиққунӣ) бояд ин принсип ба инобат гирифта шавад: «зарурати эҳтироми баробар ба ҷанбаҳои ратсионалӣ, инчунин ба ҷанбаҳои эҳсосотӣ, конативӣ ва барангезанадагони табиати мо» [22, с.176]. Инҷо А. Маслоу таҳти мафҳуми «конативӣ» (аз калимаи лотинии «conatus» - «кӯшиш») равандҳои ҳавасмандӣ ва иродавиро дар танзими рафтори инсон дар назар дорад. Ҳамзамон, дар ин масъала А. Маслоу ақидаи Э. Фроммро дастгирӣ мекунад, ки худшиносиро на чун Арасту маҳдуд, балки васеъ мефаҳмад, яъне он на танҳо маҳсули раванди зеҳнӣ, балки натиҷаи татбиқи фаъолонаи ҳамаи имкониятҳои ба инсон хосбуда – зеҳнӣ, эҳсосотӣ ва инстинктӣ, ғаризавӣ мебошад.

Дар таълимоти А. Маслоу вобаста ба худшиносӣ навъи нави худогоҳӣ пешниҳод гардидааст, ки онро муаллиф «худогоҳии шаҳрвандӣ» меномад. Ба ақидаи ӯ, ҳаёти инсон дар асоси ҳавасмандиҳо ва қонеъсозии талаботи баланди худ натиҷаҳои мусбати масъулияти шаҳрвандӣ ва иҷтимоӣ дошта, бо сабаби баландии ҳадафу ғояҳо (на танҳо хӯрдан, моликият ба даст овардан ва амн будан) инсони бо ин тарз ба худшиносирасида, камтар мавқеи эгосентрӣ (худмарказӣ) дорад. Барои ӯ муҳаббат ва эҳтироми дигарон, қонеъ гардонидани на танҳо талаботи худ, балки эҳтиёҷоти дигарон низ муҳим аст. Фаъолияти фардию ҷамъиятии чунин шахсиятҳоро, ки на ба машғулияти дӯстдоштаашон, балки ба фаъолияти аз нуқтаи назари худи онҳо зарурӣ ва иҷрои рисолати худашон муайянкарда машғуланд, А. Маслоу «хизмат» номидааст. Аз ин рӯ, чунин одамон, ки ба «хизмат» ба дигарон, ба ёрону наздикон, ба инсоният машғуланд, табақаи аз ҳама муфид ва муваффақи ҷомеаро ташкил медиҳанд: «Одамоне, ки дар дараҷаи зарурӣ талаботи заминавии худро (талабот ба хӯрок ва амният) қонеъ гардонидаанд, ба сӯи муҳаббат ва эҳтиром нигаронида шуда, хислатҳоеро чун эътимоднокӣ, дӯстӣ, худогоҳии гражданӣ аз худ нишон медиҳанд; маҳз аз чунин одамон волидайн, зану шавҳар, омӯзгорон, ходимони ҷамъиятии хуб ва амсоли он ба воя мерасанд» [22, с.111]. Ба чунин шахсиятҳои худро дар ҳаёт татбиқнамуда, ба худшиносӣ ё «худшиносии шаҳрвандӣ» расида А. Маслоу, аз ҷумла, файласуфи нидерландӣ Бенедикт Спиноза (1632-1677), собиқ президентони ИМА Томас Ҷефферсон (1743-1826) ва Авраам Линколн (1809-1865), ҳамсари собиқ президенти ИМА Элеонора Рузвелт (1884-1962), физики машҳур Алберт Эйнштейн (1879-1955), сотсиологи амрикоӣ Ҷейн Адамс (1860-1935), файласуф ва психологи амрикоӣ Уилям Ҷеймс (1842-1910), файласуфи олмонӣ-фаронсавӣ Алберт Швейтсер (1875-1965) ва адиби англис Олдос Хакслиро (1894-1963) дохил намудааст.

Масъалаи дигаре, ки дар таълимоти А. Маслоу оид ба худшиносӣ мақоми махсус дорад, ин мушкилоти вобаста ба худтаҳлилкунӣ,

худамалисозӣ ва худфаъолсозӣ мебошад. Коркардҳои психоаналитики амрикоӣ Карен Хорни (1885-1952) ва психолог Фарроуро дар борaи худтаҳлилкунӣ мавриди баррасӣ қарор дода, А. Маслоу таъкид месозад, ки донишмандони мазкур эътироф менамоянд, ки дар натиҷаи худтаҳлилкунӣ инсон қодир аст, ки ба худшиносӣ расад. А. Маслоу инро рад намекунад ва таъкид медорад, ки худтаҳлилкунӣ, хоҳиши шахсӣ, усутуворӣ ва сабру тоқат инсонро ба худшиносӣ ва худогоҳӣ меоваранд, аммо ин кор бе доштани роҳбар аз зумраи мутахассисони соҳа, масалан, психоаналитик, ё худ, сарвар, муршид, устод, гуру (аз калимаи санскритӣ, ба маънои устод) ва амсоли он ғайриимкон мебошад [22, с.162]. Дар ин масъала таълимоти А. Маслоу, ба ақидаи мо, ба таълимоти тасаввуф ва ирфон дар Шарқ шабоҳат пайдо мекунад, зеро дар ин ҷараёни динӣ ва фалсафӣ-ирфонӣ низ мавҷуд будани муршиду сарвари кордидаро шарти зарурии роҳравӣ дар шариат, тариқат ва ҳақиқат бо мақсади расидан ба худшиносӣ ва мақоми инсони комил шумурдаанд.

Мафҳумҳои худамалисозӣ ва худмубрамшавиро А. Маслоу вобаста ба таснифи қонеъсозии талаботи заминавии инсон тавзеҳ додааст. Ӯ дар бораи гуруҳи аввали талаботи инсон – талаботи конативӣ-эҳсосотӣ сухан гуфта ёдовар мешавад, ки «Эҳсоси худмубрамшавӣ, мукаммалӣ, худамалисозӣ, кушодани босамари захираҳои шахсият ва имкониятҳои потенсиалии ӯ бо эҳсоси минбаъдаи рушд, камолёбӣ, сиҳатмандӣ ва худмухторӣ» [22, с.93] аз зумраи онҳо буда, барои худшиносии фардии инсон хеле муҳимманд. Аз нигоҳи А. Маслоу, одамони ба худамалисозӣ расида барои рушдёбӣ омода буда, онҳо ба дигарон муҳаббат доранд, поквиҷдонӣ хислати онҳост, ҳамаи чунин одамон хайрхоҳ, накӯкор ва табиианд. Хайрхоҳӣ ва муҳаббати чунин шахсиятҳои худро шинохта нисбат ба дигарон беғаразона буда, танҳо бо сабаби он сар мезанад, ки дигарон ҳам дар қатори онҳо вуҷуд доранд.

Чунонки дар ибтидо зикр кардем А. Маслоу бо аҳроми (пирамидаи) пешниҳодкардаи худ оид ба талаботи инсонӣ машҳур

гаштааст, ки талаботи зеринро аз поён ба боло фаро мегирад: физиологӣ, амният, муҳаббат (ё мансуб будан ба чизе), эҳтиром, маърифат, эстетикӣ ва худамалисозӣ. Се талаботи дар болои аҳроми мазкур қарордоштаро - маърифат, эстетикӣ ва худамалисозӣ дар якҷоягӣ муҳаққиқон «талабот ба рушди шахсӣ» ном мегиранд [73, с.170], ки барои худогоҳии шахсият ва худшиносии ӯ, аз нигоҳи мо, аҳаммияти бағоят мухим доранд.

Дар фалсафаи шарқӣ дар ибтидои асри XX ба масъалаи худшиносӣ шоир ва мутафаккири тоҷикзабони покистонӣ Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (1877-1938) таваҷҷуҳи хосса доштааст. Осори сершумори ӯ, ки аз ҷумла, «Эҳёи фикри динӣ дар ислом» ва куллиёти ашъорашро дар забони тоҷикӣ фаро мегирад, ба масъалаҳои гуногуни фалсафӣ бахшида шудаанд. Миёни онҳо масъалаҳои худӣ мақоми махсусро ишғол мекунанд, ки ҳадафи онҳо аз ташаккули инсоне иборат аст, ки «ҳақиқатро шинохта тавонад ва имкониятҳои ба таври потенсиалӣ номаҳдуд дошта бошад» [119, с.5].

Консепсияи «худӣ»-и Муҳамммад Иқбол, ки асоси таълимоти ӯро дар бораи худшиносӣ ташкил медиҳад, асосан, дар асарҳояш «Асрори худӣ» (соли нашраш 1915) ва «Румузи бехудӣ» (соли нашраш 1917) инъикос ёфтааст. Дар баробари ин, дар дигар осори ӯ низ масъалаҳои худшиносӣ баён ёфтаанд. Вобаста ба ин бояд тазаккур дод, ки Иқбол бо афкори худ на танҳо ба ташаккули шахсияти худ ҳамчун мутафаккири худшинос мусоидат намуд, балки худогоҳии мардуми мусулмони Ҳиндро боло бурда, дар натиҷаи он давлати бузурге бо номи Покистон («кишвари покон») соли 1947 ташкил гардид. Ба ибораи дигар, нақши ин мутафаккири покистонӣ дар рушди таълимот оид ба худшиносии фардӣ ва худшиносии гурӯҳӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ назаррас мебошад.

Таълимоти М. Иқбол оид ба худшиносӣ ба се манбаи асосӣ такя мекунад: таълимоти дини ислом дар Қуръон, ирфони шарқӣ ва афкори намояндагони бузурги он чун Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (1207-1273)

ва фалсафаю психологияи ғарбӣ доир ба масъалаҳои худогоҳӣ. Дар ин росто ӯ дар асари худ «Эҳёи фикри динӣ дар ислом» ривояти қуръониро оид ба ронда шудани одам аз биҳишт ба тарзи худ таъвил намуда, таъкид месозад, ки ин ронда шудан ягон рафтори ғайриахлоқиро нафаҳмонида, баръакс нишонаи он аст, ки инсон аз ҳолати табиӣ ба ҳолати озодӣ расид ва «ман»-и худро дарёфта, қобил ба шубҳа кардан ва тобеъ набудан гардид. Ин, ба андешаи М. Иқбол, гардиши куллӣ дар эволютсияи инсон ва пайдоиши шарораи худшиносӣ дар табиати ӯ буд: «гузариши инсон аз шуури одитарин ба нахустин аланга гирифтани худогоҳӣ, як навъ бедоршавӣ аз хоби табиӣ бо задани набзи сабабияти инфиродӣ дар ҳастии худии фард» [15, с.91].

Қобили зикр аст, ки таълимоти исломро ба ҳайси пояи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ қарор дода, М. Иқбол баъзе ғояҳои хаёлӣ-утопиявиро низ дар ин самт пешниҳод кардааст, ки аз нуқтаи назари таърихият ва илмият чандон асоси устуворе надоранд. Аз ҷумла, ӯ дар китоби болозикраш «Эҳёи фифи динӣ дар ислом» таълимоти исломро берун аз фазову вақт дониста, рисолати ин динро дар он дидааст, ки инсониятро новобаста аз ирқу нажод ба ҳам муттаҳид сохта, як халқи ягонаву воҳидро бо худогоҳии ягона ба вуҷуд оварад.

Таълимоти М. Иқбол оид ба худшиносӣ дар мисоли таносуби худӣ ва бехудӣ мавриди таҳқиқи донишмандони зиёде қарор доштааст. Аз ҷумла, баъзе муҳаққиқон мафҳуми «худӣ»-ро дар таълимоти ин мутафаккир баробар бо «Ман», руҳ ва нафси қуръонӣ, «Эго» дар психология дониста, такъид намудаанд, ки он табиатан дар ниҳоди ҳама инсонҳо вуҷуд дорад, чунонки накҳат дар тухми ҳар як гул мавҷуд мебошад. Аммо, накҳати на ҳар як гул аз тухмӣ то берунои аз барги гул расида метавонад. Ҳамчунон, на ҳар як инсон то худӣ - худшиносию камолот расида метавонад. Барои расидан ба ин ҳадаф, М. Иқбол роҳу воситаҳои худшиносиро ба инсон нишон медиҳад: «Иқбол худнесткуниро маҳкум менамояд. Барои ӯ ҳадафи зиндагӣ худамалисозӣ ва худшиносӣ мебошад. Ӯ марҳалаҳоеро тавсиф мекунад, ки «ман»

ниҳоятан бояд пеш аз расидан ба нуқтаи камолот тай кунад ...» [94, с.122].

Агар ба ашъори М. Иқбол рӯ оварем, мебинем, ки ӯ ба таълимоти пешгузаштагони худ аз аҳли тасаввуф такя намояд ҳам, аммо худшиносии инсонро тавассути тай намудани тариқату ҳақиқат то ҳулул ёфтан дар Ҳастии Мутлақ, ки аз ҷониби онҳо пешниҳод шудааст, рад мекунад, зеро ин як навъ ғайрифаъол будан ва нотавонии моддию маънавии инсонро нишон медиҳад. Аз ин ҷост, ки ӯ дар таълимоти худ худнесткунӣ (фано)-ро инкор намуда, ба ҷойи он худамалисозиро (бақоро), ки маънии расидан ба худиро дорад, талқин менамояд. М. Иқбол чунин баён дошта, ки «асли низоми олам аз худӣ аст» [16, с.29], моҳияти мафҳуми «худӣ»-ро дар ашъори худ ҳамчун ҷавҳари ҳастӣ, воситаи шинохти олам, сабаби зуҳури ҳаёти воқеии инсон ва бақои ӯ тавзеҳ додааст. Исботи ин ҳама байтҳои зерини шоир буда метавонанд:

Пайкари ҳастӣ зи осори худист,
Ҳарчӣ мебинӣ, зи асрори худист.
Хештанро чун худӣ бедор кард,
Ошкоро олами пиндор кард.

***

Эй хуш он, к-ӯ аз худӣ ойина сохт
В-андар он ойина оламро шинохт.

***

Зиндагӣ хоҳӣ худиро пеш кун,
Чорсӯро ғарқ андар хеш кун.

***

Чист мурдан? Аз худӣ ғофил шудан,
Ту чӣ пиндорӣ фироқи ҷону тан?

***

Вуҷуди кӯҳсору дашту дар - ҳеҷ,
Ҷаҳон - фонӣ, худӣ - боқӣ, дигар - ҳеҷ! [16, с.29].

Дар баробари ин, М. Иқбол дар куллиёти ашъори тоҷикии худ воситаҳои таҳкими худшиносиро низ зикр кардааст, ки чунинанд: муҳаббат ба инсон ва илм худии инсонро тақвият мебахшанд, ҳодисаҳои зиндагӣ ба инсони худшинос таҷрибаи ғанӣ медиҳанд, барои худогоҳӣ инсон бояд ба захираҳову имкониятҳои худӣ такя кунад, инсони озод худии худро муҳофизат мекунад ва барои расидан ба худӣ дар зиндагӣ талош меварзад. Ин андешаи охиринро М. Иқбол дар руҳияи наздик ба таълимоти файласуфи экзистенсиалисти фаронсавӣ А. Камю оид ба инсони худшинос ҳамчун инсони исёнгар тавзеҳ додааст:

З-он ки бе исён худӣ н-ояд ба даст,

То худӣ н-ояд ба даст, ояд шикаст [16, с.562].

Дар маҷмуъ, таҳлили ашъори М. Иқбол баёнгари он аст, ки худиро ин мутафаккир ҳамчун ғаризаи ҳар як ҷисми зинда барои худтакмилёбӣ ва мураккабшавӣ ва асоси ташаккули ҳувияти инсон шинохта, худназораткуниро як пояи муҳимми таҳкими худшиносӣ меҳисобад. Ақидаҳои М. Иқбол дар бораи худшиносӣ, инчунин бо таълимоти фалсафӣ дар бораи бегонашавӣ иртиботи қавӣ доранд. Вобаста ба ин таъкид месозем, ки бегонашавиро дар фалсафа «ҳамчун раванди иҷтимоие шарҳ медиҳанд, ки фаъолияти инсон ва натиҷаҳои онро ба қувваи мустақили ҳукмрон ва адоватнок барои худи ӯ табдил медиҳад. Асосгузорони ин таълимот Карл Маркс (1818-1883), Эрих Фромм (1900-1980) ва дигар файласуфони ғарбӣ буда, ақидаҳои онҳо ба мутафаккирони шарқӣ низ таъсир гузоштаанд. Аз ҷумла, файласуфи тоҷикзабон Муҳаммад Иқбол (1877-1938) дар ибтидои асри XX оид ба чунин бегонашавӣ дар назди худ савол гузошта – «Мешиносӣ, асри мо бо мо чӣ кард?» ва ба он ҷавоб гуфтааст: «Асри мо моро зи мо бегона кард!» [43, с.145].

М. Иқбол, ки худ солҳои тулонӣ дар Ғарб зиставу фаъолияти адабию илмӣ бурдааст, ин бегонашавиро чун раванд ва омили таъсиргузори манфӣ ба ҳувият ва худшиносии гурӯҳии мардуми Шарқ ва

ҳатто шахсияти худ шинохтааст. Оид ба масъалаи охирӣ шоир дар куллиёти ашъораш менависад:

Биё, Иқбол, ҷоме аз хумистони худӣ даркаш,

Ту аз майхонаи Мағриб зи худ бегона меоӣ [16, с.278].

Нақши худшиносиро дар бақои миллат, шахсият ва мардуми мусулмон дар робита ба бегонашавӣ М. Иқбол дар байтҳои зерини худ нишон додааст:

То худӣ дар синаи миллат бимурд,

Кӯҳ коҳе карду бод ӯро бибурд.

***

Ҳар кӣ аз банди худӣ вораст, мурд,

Ҳар кӣ бо бегонагон пайваст, мурд.

***

Мусалмон, аз худӣ марди тамом аст,

Ба хокаш то худӣ мирад, ғулом аст [16, с.619, 623, 696].

Дар маҷмуъ, М. Иқбол андешаҳои мутафаккирони шарқию ғарбӣ, таълимоти динию илмиро бо ҳам синтез намуда, чунин як консепсияи худшиносиро пешниҳод намуд, ки бо вуҷуди баъзе маҳдудиятҳои худ, барои инсони шарқӣ дар даврони ҳаёт ва фаъолияти шоир аҳаммияти бузурги фалсафӣ ва ҳатто сиёсӣ дошт. Баъзе андешаҳои ин мутафаккир ва шоири бузурги покистонӣ аз зумраи тоҷикзабонони ин минтақа метавонанд, ба ақидаи мо, дар замони муосир ҳам мавриди истифодаи амалӣ барои ба бор овардани натиҷаҳои мушаххас дар ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии инсони наву ҷомеаи даврони нав қарор дошта бошанд.

Ба ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили фалсафӣ-таърихии ақидаҳо ва таълимоти мутафаккирони шарқию ғарбӣ аз ибтидои асри XX то имрӯз чунин хулосаҳо кардан мумкин аст:

- К. Ясперс ҳамчун намояндаи экзистенсиализми динӣ чунин меҳисобад, ки худшиносӣ инсонро ба дарки хавфи олам ва нотавонии

худ дар назди он мерасонад ва ин хатарҳои экзистенсиалиро инсон бояд тавассути худмушоҳидакунӣ, худдарккунӣ ва худвозеҳкунӣ бартараф созад. Ж.П. Сартр бошад, экзистенсиализми атеистиро намояндагӣ намуда, ҳастии инсонро аз худи ӯ вобаста медонад, ки тавассути шинохти «дигар», «ман» ва «мо» худ лоиҳаи ҳастиашро мустақилона амалӣ месозад;

- худшиносии инсони исёнгарро аз назари А. Камю худамалисозии ӯ дар роҳи ҳаёт муайян менамояд;

- Н.А. Бердяев баъзе шаклҳои худшиносии гурӯҳиро инкор намуда, худшиносии фардиро бо такя ба дин барои фаҳмиши сарнавишт ва асрори худ, муносибати шахс ба муҳит ва роҳи маънавии тайкардаи инсон зарур шумурдааст;

- дар таълимоти К. Роҷерс барои худ будан, инсон бояд ҳамчун раванд бошад, зеро худшиносии инсон беохир буда, он тули тамоми ҳаёти инсон идома меёбад. Психологи дигар А. Маслоу низ чун ин мутафаккир таъкид месозад, ки раванди тулонии худтаҳлилкунӣ ва қонеъсозии талабот инсонро ба худшиносӣ ва худогоҳӣ меоваранд, аммо ин кор бе доштани роҳбар ғайриимкон мебошад;

- М. Иқбол ақидаҳои мутафаккирони Шарқу Ғарб, таълимоти динию илмиро бо ҳам омезиш дода, таълимоти худнесткунӣ (фано)-ро инкор ва худамалисозиро (бақоро) ҳамчун роҳи расидан ба худӣ шумурдааст.

Хулоса, таҳлилу баррасии ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ ва унсурҳои асосии онҳо дар таълимоти файласуфони муосири ҳам ғарбию ҳам шарқӣ нишон медиҳад, ки барои расидан ба худшиносӣ омӯзиши худшиносии фардӣ ҳамчун омили худамалисозии иҷтимоии шахс хеле муҳим ва мубрам маҳсуб аст. Дар робита ба ин, дар фасли оянда баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ин масъаларо дар асоси мавод аз таърихи фалсафаи муосир мавриди таҳқиқ қарор медиҳем.

## 2.2 Коркарди ҷанбаҳои фалсафии худшиносӣ ҳамчун омили худамалисозии иҷтимоии шахс дар фалсафаи даврони муосир

Таҳлилҳо дар бобу фаслҳои гузашта имкон медиҳанд, ки худшиносӣ ва худогоҳии инсонро ҳамчун фаъолияти бошуурона ва мақсадноки маърифатӣ барои ташаккули образи «ман»-и шахсият ва пайваста рушд додани он арзёбӣ намоем, ки моҳияти онро мутафаккирон ва муҳаққиқони гузаштаву муосир бо тарзҳои гуногун шарҳу тафсир кардаанд. Аммо як чиз равшан аст, ки худшиносӣ паҳлӯҳои назариявӣ ва амалӣ дошта, худамалисозӣ ё худтатбиққунӣ (бо забони русӣ «самореализация», бо забони англисӣ «self realization»), аз ҷумла, худамалисозии иҷтимоии шахсият, ҷанбаҳои амалии онро дар бар мегиранд. Дар ин мавзуъ низ файласуфон ва олимони соҳаҳои дигари илм чи дар кишварҳои шарқӣ ва чи дар кишварҳои ғарбӣ андешаҳои ҷолиб баён намудаанд, ки метавонанд барои худамалисозии иҷтимоии шахс амалан кӯмак намоянд. Вобаста ба ин, дар ин фасли рисола кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки ҷанбаҳои амалии масъалаҳои худамалисозӣ дар таҳқиқоти фалсафӣ ва фалсафӣ-психологии олимони муосир, аз ҷумла, дар таълимоти донишманди амрикоӣ А. Маслоу, асарҳои олимони россиягӣ Клочко В.Е. ва Галажинский Э.В. «Худамалисозии шахсият: нуқтаи назари системавӣ», К.А. Абулханова-Славская «Стратегияи ҳаёт», Б.Г. Ананйев «Инсон ҳамчун предмети маърифат», донишманди ҳиндӣ Абхай Чаранаравинда Бхактиведанта Свами Прабхупада (1896-1977) «Илми худамалисозӣ» (муаллиф бо номи мухтасари Шрила Прабхупада машҳур аст) ва як қатор коркардҳои муҳаққиқони муосири соҳаҳои фалсафа, психология ва илмҳои дигар мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд. Асарҳои зикршударо, аз нигоҳи мо, ҳамчун таҳқиқоти бунёдӣ оид ба худамалисозӣ ҳисобидан мумкин аст.

Худамалисозиро дар илми муосир, асосан, дар пайравӣ аз Арасту шарҳ додаанд, ки расидан ба «эвдемония» (аз калимаи юнонии «eudaimonia» –«накӯӣ», эҳсоси саодат, хушбахтӣ)-ро танҳо тавассути

татбиқи имкониятҳои потенсиалии худ имконпазир донистааст. Аз ин рӯ, худамалисозиро низ мухтасаран чун татбиқи имкониятҳои шахсият, амалӣ сохтани таъйиноти инсон ва ормонҳои ӯ медонанд. Худамалисозии иҷтимоӣ бошад, раванди рушди шахсият барои қонеъгардонии талаботи иҷтимоии худ мебошад.

Агар ба адабиёти илмии мавҷуда мурочиат намоем, дар он ҳамчун ҷанбаҳои амалии худшиносӣ чунин мафҳумҳо – «худмуайянкунӣ», «худтанзимкунӣ», «худамалисозӣ» ва ғайраро дучор меоем. Аммо, аз нуқтаи назари мо, маҳз худамалисозӣ вазифаҳои амалии худшиносӣ ва худшиносии иҷтимоии фардро иҷро менамояд. Маҳз ҳаминро ба эътибор гирифта, психологи амрикоӣ А. Маслоу худамалисозиро ҳамчун хосияти табиӣ, ғаризавии инсон эътироф кардааст. Аз ҷониби дигар, дар миёни талаботи биологию ғаризавии инсон ин донишманд худамалисозиро олитарин талаботи инсонӣ ва танҳо хосси инсон, на ҳамаи организмҳои зинда, шинохтааст. Аз ин рӯ, ӯ худамалисозиро ҳамчун ташаккули ботинӣ, қонеъгардонии талаботи олии инсонӣ, « рушди ботинии он чизе, ки аллакай дар организм ҳаст, дақиқтараш, он чизе, ки организм он мебошад» [22, с.120] таъриф дода, сабаби онро дар талаботи инсон ба рушд дидааст, на бо сабаби мавҷуд будани ягон камбудие дар тиннати инсон, ки он бояд пурра карда шавад. Дар маҷмуъ, худамалисозӣ, аз нигоҳи А. Маслоу, рушди шахсӣ, худбаёнкунӣ, ба камол расидан ва боло рафтани инсон дар зинаҳои зиндагии шахсӣ ва иҷтимоияш мебошад.

Барои худамалисозии шахс дар таълимоти А. Маслоу мавҷуд будани шароити мусоид ва роҳҳои расидан ба он пешбинӣ гардидааст. Ӯ экспрессия (аз калимаи лотинии «expressio» – «ифодаёбӣ», зуҳури равшани эҳсосот, афкор), қонеъгардонии талаботи заминавии инсон, бартараф сохтани хавфу хатарҳои ба ӯ таҳдикунанда, фаҳмиши амиқи худӣ, худталқинкунӣ ва таъсири шахсиятҳои бонуфуз, мубориза бо симптомҳо ё нишонаҳои манфии ягон хислат, инчунин фардикунонӣ ва рушдро ҳамчун роҳҳои расидан ба худамалисозӣ ҳисобида, ҳамаи ин

механизмҳоро дар маҷмуъ, «роҳҳои аз нуқтаи назари иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қобили қабули тағйири шахсият» [22, с.150] номидааст.

А. Маслоу, инчунин, бар ин ақида аст, ки роҳҳои худамалисозие, ки калонсолон тавассути онҳо ба худшиносӣ расидаанд, одатан барои наслҳои нав қобили қабул нестанд. Аммо, таҷрибаи шахсиятҳои таърихӣ, ки ба худамалисозӣ ноил гаштаанд ва номи як қатори онҳоро мо дар фасли гузашта зикр кардем, метавонад барои ҳама кӯмак намояд, агарчи ин раванд татбиқшавии «Ман»-ро дар назар дорад ва ду «Ман»-и якхела амалан вуҷуд дошта наметавонад. Ин таҷрибаи шахсиятҳои таърихиро А. Маслоу дар асоси чунин сифатҳо мавриди таҳлил қарор додааст: дарки воқеият, қабулкунӣ, худ ба худ ё спонтаннӣ будан, тамаркуз ба мушкилот, майл ба танҳо будан, мухторият, тозагии идрок, муашавашшиҳои авҷӣ, хешовандии инсоният, хоксорӣ ва эҳтиром ба атрофиён, муносибатҳои байнишахсӣ, ахлоқ, воситаҳо ва ҳадафҳо, муқовимат ба пайвастшавӣ ба меъёрҳои фарҳангӣ, эҳсоси зарофат, эҷодкорӣ, номукаммалӣ, арзишҳо ва ҳалли зиддиятҳо [22, с.190-191].

Тавре, ки дар фасли гузашта низ таъкид гардид, шахсиятҳои ба худамалисозирасида, аз нигоҳи А. Маслоу, «худогоҳии гражданӣ» дошта, ба онҳо мавқеи эгосентрӣ (худмарказӣ) бегона аст, онҳо муҳаббат ва эҳтироми бузург ба дигарон дошта, на танҳо талаботи худ, балки эҳтиёҷоти дигаронро низ қонеъ мегардонанд. Аммо ба як ақидаи ин психологи амрикоӣ розӣ шудан душвор аст, ки тибқи он фардҳое, ки майл ба худамалисозӣ доранд, одатан дигаронро дар ин роҳ барои худ монеа медонанд. Баръакс, чунонки борҳо таъкид гардид, дигаронро дар роҳи худшиносию худогоҳии инсон, доираҳои илмӣ аз Арасту сар карда то Ж.П. Сартр, як омили муҳимтарини худшиносӣ ва худамалисозӣ донистаанд. Дар ин самт, А. Маслоу, ҳатто бо дигар андешаҳои худаш ҳам мухолифат дорад, зеро барои фардҳои ба худамалисозирасида, қайд намудааст ин психолог, «муносибатҳои бештар амиқи байнишахсӣ нисбат ба аксарияти одамони дигари калонсол хос аст» [22, с.201].

Бояд таъкид намуд, ки ҷанбаҳои амалии таълимоти А. Маслоуро оиди худамалисозӣ ба эътибор гирифта, дар асоси он минбаъд муҳаққиқони дигар механизмҳои худамалисозиро коркард намудаанд. Намунаи равшани ин саволнома ё тести «Самтгириҳои шахсиятии Э. Шостром» мебошад. Ин тест соли 1963 аз ҷониби психологи амрикоӣ Э. Шостром (1921-1992) таҳия гардида, соҳаҳои асосии худамалисозиро дар бар мегирад. Таҳлили саҳифаҳои сершумору гуногуни интернетӣ, ки аз рӯи ин саволнома пурсиши мустақими электронӣ мегузаронанд, нишон медиҳад, ки дар он асосан 150 савол мавҷуд буда, понздаҳ фисади саволҳо ба муайянсозии муносибати шахс ба вақт (яъне, шахс ба имрӯз самтгирӣ мекунад ё ба гузашта ё фардо) ва боқимонда ба муайянсозии он, ки шахс ба худ такя мекунад ё ба дигарон, бахшида шудаанд. Шкалаҳои тести Э. Шостром одатан даҳ гурӯҳро дар бар мегиранд: арзишмандии худамалисозӣ; вуҷудият ё экзистенсияи шахс; эҳсоси аксуламал; худ ба худ ё спонтаннӣ будан; худэҳтиромкунӣ; қабули худӣ; табиати инсон; синергия (аз калимаи юнонии «συνεργία» - «фаъолияти якҷоя», самараи муттаҳидаи якчанд унсур); қабули адоват, агрессия; қобилият ба алоқаҳои наздик бо дигарон. Саволҳо дар тести мазкур ҷуфт буда (ду адад), бо тариқи мухолиф бо ҳам сохта шудаанд, ки пурсишшаванда танҳо яке аз онҳоро интихоб мекунад. Масалан, «- Ман принсипи адолатро риоя мекунам; - Ман принсипи адолатро на ба таври пурра риоя мекунам» [136]. Дар маҷмуъ, таълимоти А. Маслоу ва тести «Самтгириҳои шахсиятии Э. Шостром», ки дар асоси ин таълимот таҳия гардидааст, аҳаммияти амалӣ дар худшиносӣ дошта, метавонанд аз ҷониби худи шахс ё устодону омӯзгорон барои ташаккули худшиносию худогоҳӣ ва худамалисозии мардум мавриди истифодаи самаранок қарор дошта бошанд.

Дар асари олимони россиягӣ Клочко В.Е. ва Галажинский Э.В. «Худамалисозии шахсият: нуқтаи назари системавӣ» дар тафовут аз асари А. Маслоу «Ҳавасмандӣ ва шахсият», асосан масъалаҳои назариявии худамалисозӣ баррасӣ шуда бошанд ҳам, аммо доир ба баъзе

ҷанбаҳои амалии он низ мавод ба даст овардан имкон дорад. Олимони мазкури россиягӣ дар асоси фаҳмиши худамалисозӣ фаҳмиши дигарро - инсон ҳамчун системаи психологии худташаккулёбанда, ки ба худҳаракаткунӣ ва худмуайянсозӣ қобилият дорад, гузоштаанд. Ҳамзамон, Клочко В.Е. ва Галажинский Э.В. таъкид доштаанд, ки худамалисозӣ ҳамчун гузариши имконият ба воқеият ин худрушдёбии инсон ҳамчун системаи комили худташаккулёбанда буда, имкониятро ба сарчашмаи фаъолнокии ӯ табдил медиҳад, зеро маҳз фаъолият моҳияти инсон, худии ӯ, рисолат ва таъйиноти ӯро дар табиат ва ҷомеа муайян месозад. Вобаста ба ин, олимони мазкур моҳияти худамалисозиро бо такя ба ақидаҳои дигар муҳаққиқон чунин тавзеҳ додаанд: «татбиқи имкониятҳои «Ман» тавассути кӯшишҳои шахсии худ, якҷоя эҷод кардан, якҷоя фаъолият намудан бо одамони дигар (аз гирду атрофи наздику дур), ҷомеа ва олам дар кулл» [85, с.10].

Клочко В.Е. ва Галажинский Э.В. дар чунин ақидаанд, ки таҳқиқ ва бадастории худамалисозӣ аз як қатор омилу шароитҳо вобастаанд, ки миёни онҳо маҳсули худамалисозӣ, яъне чӣ натиҷае ба даст омадааст ва он барои чӣ ба инсон зарур аст, кӣ ба худамалисозӣ машғул аст ва сатҳи эҷодкорию имкониятҳои шахсият дар кадом ҳолат қарор доранд, муҳим мебошанд. Инчунин, худамалисозӣ аз раванди пайдошавии мушкилот дар фазою вақти субъективии шахс ва олами ботинии шахсият, самтгириҳо, ҳавасмандиҳо, интихоби ӯ, алоқамандӣ бо ҳаёт ва амсоли он вобаста аст. Аз ҷониби дигар, ба ақидаи В. Виготский оид ба он, ки психикаи ҳар як инсон на танҳо воқеиятро инъикос мекунад, балки онро ба фоидаи организм ба таври мусбат таҳриф низ мекунад, такя намуда, ин олимони россиягӣ, худамалисозиро чун раванди бепоён донистаанд, ки пайваста бо сабаби васеъшавии ҳудудҳои шахсият тағйир мепазирад [85, с.133-134].

Дар асари К.А. Абулханова-Славская «Стратегияи ҳаёт» бошад, масъалаҳои маънии зиндагӣ, чӣ тавр дуруст сохтани дурнамои ҳаёти шахсӣ ва нақши худамалисозӣ дар роҳи расидан ба ҳадафҳои шахсии

стратегӣ гузошта шуда, ҳалли худро пайдо намудаанд. Муаллифи консепсияи мазкур оид ба стратегияи ҳаёти шахс таъкид менамояд, ки ҳар як инсон мехоҳад, ки дар ҳаёти шахсиаш худии худ бошад, дигарон ӯро дар ин кор ёд надиҳанд ва имкон диҳанд, ки худи ӯ ба худамалисозӣ дар рафти зиндагӣ ноил гардад. Барои расидан ба ин ҳадаф ӯ пешниҳод мекунад, ки ҳар як шахс бояд старатегияи ҳаёти худро дошта бошад. «Стратегия  як қонуни универсалӣ, тарзи худамалишавии инсон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ӯ мебошад. Азбаски ҳар як нафар зиндагиашро худаш месозад, стратегияи ҳаёт низ дастоварди инфиродӣ, кашфиёти ҳар як нафар аст. Дар натиҷаи ин ҳар як инсон ҳамон ҳаётеро дорад, ки худаш онро сохтааст» [34, с.7].

Стратегияи ҳаёт ҳамчун роҳи универсалии худамалисозии шахс, аз нуқтаи назари К.А. Абулханова-Славская се аломати асосӣ дорад: интихоби самт ва тарзи асосии ҳаёт, муайянкунии ҳадафҳо ва марҳалаҳои расидан ба онҳо; ҳаллу фасли зиддиятҳо дар ҳаёт бо мақсади расидан ба мақсаду ҳадафҳои гузошташуда ё худ татбиқи амалии ниятҳои шахсӣ; ташаккули арзишҳои ҳаётӣ ба тариқи инфиродӣ, расидан ба онҳо ва эҷоди арзишҳои нав.  Вобаста ба ин дар консепсияи мазкур механизмҳои татбиқи стратегияи ҳаёт ё роҳҳои худтабиқшавӣ низ таҳия гардидаанд. Дар ин самт К.А. Абулханова-Славская ду навъи механизмҳои худамалисозиро пешниҳод кардааст, ки яке мусбат ва дигаре манфӣ аст, яъне якеро бояд қабул кард ва дигаре бояд инкор карда шавад.

Механизмҳои манфии худамалисозиро муаллифи консепсияи стратегияи ҳаёт механизмҳои худфиребӣ номидааст. Аз ҷумла, «механизми гузориши масъулият ба дигарон» – шахс ба худамалисозӣ нарасида, волидайн, одамони атрофаш, шароит, ҷомеаро ба ин гунаҳгор медонад. Ё худ, инсон ба дигарон дар тарзи ҳаёт, урфу одат, сару либос ва амсоли он тақлид намуда, худро шахсияти асилу нотакрор меҳисобад, ки дар асл ин тавр нест ва дар ниҳояти кор ӯ «ман»-и худиро аз даст медиҳад.

Ба механизмҳои мусбати худамалисозӣ, ки аз талаботи табиии шахс ба ҳисоб меравад ва барои зуҳури «ман»-и инсон мусоидат мекунад, К.А. Абулханова-Славская чунин унсурҳоро муҳим медонад: маърифати «нақш ва аҳаммияти ирода ва ақл барои ҳаёти инсон»; дарки дурусти «таносуби даъвоҳо, худтанзимкунӣ ва қаноатмандӣ» [34, с.4, 122]. Инҷо дар назар аст, ки барои тарҳрезии дурусти стратегияи ҳаёт ва таъмини худамалисозии шахс ҳар як нафар бояд ирода ва ақлу фаросати худро таҳти худназораткунӣ қарор диҳад ва даъвоҳои худро нисбат ба дигарон ва ба худ, қаноатмандии худро аз ҳаёт ба таври дуруст худи шахс танзим намояд.

Агар, барои донишмандони болозикр худамалисозӣ ва механизмҳои гуногуни амалишавии он муҳим бошанд, пас, Б.Г. Ананйев дар таҳқиқоти бунёдии худ «Инсон ҳамчун предмети маърифат» бештар ба ҷанбаҳои иҷтимоии ин масъала таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ фардиятро ҳамчун предмети тарбия, шароити тарбия ва маҳсули тарбия, инчунин синтези як қатор хосиятҳо ҳамчун системаи худтанзимшаванда дониста, қайд мекунад: «Ҳам дар таҷрибаи клиникӣ ва ҳам дар таҷрибаи чандинсолаи педагогӣ ягона ба маънии фардият ин падидаи беназир аст, зеро он олами ботинии худ, худогоҳӣ ва худтанзимкунии рафторҳояшро дорад, ки ҳамчун ташкилкунандаи рафтори «ман» ташаккул ёфта, амал мекунад» [38, с.82]. Аз ҷониби дигар, шахсият мавҷуди иҷтимоӣ буда, худогоҳӣ ва худамалисозии он низ маҳсули рушди иҷтимоӣ мебошад.

Ба ақидаи Б.Г. Ананйев манзараи субъективии худамалисозии ҳар як шахсият инфиродӣ бошад ҳам, вале он асосан аз санаҳои биографӣ-таърихӣ ва дар маҷмуъ, аз шароити таърихии даврон ва тарзи ҳаёти халқ дар ин марҳалаи таърихӣ вобастагӣ дорад. Механизмҳои худамалисозиро бошад, чунин омилҳо ташкил медиҳанд – тарбия ва гузариши тадриҷӣ ба худтарбиякунӣ, яъне табдил ёфтани шахс аз субъект ба объекти тарбия, нақшаҳои ҳаётӣ барои зиндагии мустақилона, интихоби касб, майлҳои арзишӣ ба ин ё он шакли ҳаёти ҷамъиятӣ, идеал ва ҳадафҳои шахс ва амсоли он [38, с.140].

Бояд тазаккур дод, ки дар таълимоти муосири фалсафӣ ва психологӣ оид ба худамалисозии шахсият, махсусан дар кишварҳои Аврупо ва Амрико, унсурҳои ирфонӣ, мистикӣ хеле зиёд ба мушоҳида расида, мардуми зиёд барои худамалисозии худ аз механизмҳои ирфонӣ ва ё йога истифода мебаранд. Намунаи олии он таълимоти Шрила Прабхупада мебошад, ки аз Ҳиндустон ба ИМА соли 1965 муҳоҷират намуда, онҷо пайравони зиёдеро пайдо намуд, ки таҳти роҳбарии ӯ аз ҷумла, аз тамринҳои йога барои худамалисозӣ истифода мебурданд. Албатта, чунин таълимот ва фаъолияти ирфониро аз нигоҳи илми муосир ба ҷиддият қабул кардан иштибоҳ аст, вале дар ҳар сурат барои додани манзараи комилтари ақидаҳо оид ба худамалисозӣ дар даврони муосир якчанд нуктаи асосиро оид ба таълимоти Шрила Прабхупада, ки дар асараш «Илми худамалисозӣ» инъикос ёфтаанд, дар поён зикр мекунем.

Илми худамалисозиро (дар китоби муаллиф бо забони англисӣ «Science of Self Realization»), ки Шрила Прабхупада пешниҳод намудааст, як таълимоти ирфонӣ, мистикӣ ҳисобидан мумкин аст, ки барои расидан ба мақсад аз шахс гузариш аз се марҳалаи асосиро талаб мекунад: 1) савол гузоштан ба худ «Ман киям? »; 2) «Ҷустуҷӯи «ман»-и худӣ» [116, с.311] ва машғулӣ ба медитатсия ё тамринҳои ирфонӣ; 3) расидан ба ҳолати болошуурии худамалисозӣ.

Дар марҳалаи аввали худамалисозӣ, аз нигоҳи Шрила Прабхупада, инсон моҳияти худро нафаҳмида, кӯшиши он мекунад, ки ба худтаҳлилкунӣ гузарад. Дар марҳилаи дуюм инсон ба ҷустуҷӯи худ оғоз карда, бояд ба йогаи ҳаштзинагӣ - аштанга-йога  машғул шавад. Аштанга-йога  бошад, аз ҷониби файласуф ва адиби Ҳинди Қадим Патанҷали (200-150 то мелод) пешниҳод шуда, тибқи маълумоти манбаъҳои кушодаи сершумори интернетӣ дар даврони муосир чунин зинаҳо ва тамринҳои ирфониро фаро мегирад:  яма (чӣ набояд кард), нияма (чӣ бояд кард, ки ба ботини инсон нерӯ ворид шавад), асана (ишғоли мавқеи дуруст бо нишастан бо қомати аз миён боло рост),

пранаяма (маҳорати назорати нерӯҳои худӣ), пратяхара (бекор кардани панҷ ҳис), дхарана (ҳолати тамаркуз), дхяна (тамринҳои руҳонӣ) ва самадхи (гузариш ба ҳолати болошуурии худамалисозӣ).

Қобили зикр аст, ки марҳалаи сеюми худамалисозӣ ба таълимоти тасаввуфии тоҷик ҳамоҳангӣ дошта, бо ишқи илоҳӣ алоқаманд мебошад ва натиҷаи он, тибқи таълимоти Шрила Прабхупада, ҳадафи ҳама гуна худамалисозӣ мебошад: «Агар инсон бо боварӣ майсаи хизмати софдилонаашро ҳифз кунад, он бо гузашти вақт самараи муҳаббати покро ба Худо ба бор меорад. Муҳаббати пок ба Худо ин муҳаббатест, ки бо он на хоҳиш барои манфиати моддӣ, на саъю кӯшиш барои шинохти фалсафӣ, на саъю кӯшиш барои бадастории натиҷаҳои фаъолияти худ омехта нашудаанд. Муҳаббати беолоиш дар назар дорад, ки Худо бузург аст ва ман бошам, ҷузъи ҷудонопазири Ӯям, аз ин рӯ, Ӯ объекти олии муҳаббати ман мебошад. Ин гуна шуур камолоти олии ҳаёти инсонӣ ва ҳадафи ниҳоии ҳама методҳои худамалисозӣ аст» [116, с.300].

Ба ҳамин тариқ, таҳлили асарҳои бунёдӣ оид ба худамалисозӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо, асосан ба чунин гурӯҳи масъалаҳо вобаста ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи махсус равона карда шудааст: муайянсозии мафҳуми худамалисозӣ, шаклҳои он, роҳҳои худамалисозӣ, монеаҳое, ки дар ин роҳ ба вуҷуд меоянд, аломатҳои шахсони ба худамалисозӣ расида ва ғайра.

Оид ба мафҳуми худамалисозӣ сухан ронда, бояд таъкид намуд, ки онро ҳамчун татбиқи имкониятҳои шахсият бо мақсади амалӣ сохтани таъйиноти инсон ва ормонҳои ӯ шинохта, ин мафҳумро ба ду маънӣ – ҳамчун раванд ва ҳадаф шарҳ додаанд. Аз ҷониби дигар, тахминан ҳама мутафаккирон, муҳаққиқон ва муаллифон раванди худамалисозиро беохир донистаанд, зеро ҳар гуна шахс, ҳатто одамони тавассути худамалисозӣ ба дараҷаи шуҳрату маъруфият ва соҳибнуфузӣ расида ҳам, боз имконияти рушди минбаъдаро доранд.

Дар асарҳои мавриди таҳлил қароргирифта дар бораи чунин шаклҳои худамалисозӣ – шахсӣ, касбӣ, эҷодӣ ва иҷтимоӣ сухан меравад. Худамалисозии шахс аз синни хурдсолӣ мустақилона ва таҳти роҳбарии волидон, наздикон ва омӯзгорон оғоз гардида, дар тамоми тули ҳаёти инсон идома меёбад. Худамалисозии касбӣ бо соҳиб гаштани инсон ба ягон касбу ҳунар, гирифтани дараҷаи муайяни таҳсилот шуруъ шуда, дар рафти фаъолияти меҳнатӣ тавассути сатҳи бадастовардаи касбияти шахсият зуҳур мекунад. Аз қобилияти эҷодкории инсон дар тамоми самтҳои фаъолият худамалисозии эҷодии ӯ ба вуқуъ мепайвандад, ки он махсусан дар соҳаҳои санъат, адабиёт, илм, техника ва технология ва амсоли он ба таври равшантар зуҳур мекунад. Худамалисозии иҷтимоӣ бошад, чунонки дар ибтидои фасл низ зикр намудем, ҳамчун раванди рушди шахсият барои қонеъгардонии талаботи иҷтимоии худ мақоми пайдокардаи ӯро дар ҷомеа (дар оила, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҷомеа дар кул) ва фаъолияти ҷамъиятӣ (дар соҳаҳои сиёсат, идоракунии ҷомеа ва давлат, фаъолият дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ниҳодҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғ.) муайян месозад.

Роҳҳои расидан ба худамалисозӣ дар асарҳои таҳлилшуда, дар маҷмуъ, бо гузоштани ҳадафи мушаххасу дастрас, таҳия ва татбиқи нақша ё стратегияи расидан ба ҳадафи гузошташуда ва фаъолияти ҳамаҷониба барои роҳандозии нақшаи сохташуда нишон дода мешавад. Зимни ин, раванди анҷомнашаванда будани худамалисозиро ба эътибор гирифта, аз ҷониби мутахассисон тавсия дода мешавад, ки шахс бояд мунтазам омӯзад, ягон чизи нав ва ё ягон фаъолияти навро аз худ кунад. Дар ин росто, ба ақидаи мо, принсипе, ки имрӯз дар маорифи ҷаҳонӣ амалӣ шудааст, яъне таҳсилоти муттасил ё омӯзиш дар тамоми тули ҳаёт як воситаи хуби расидан ба худамалисозӣ мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки ба ҳайси монеаҳое, ки метавонанд дар роҳи худамалисозӣ ба вуҷуд оянд, дар асоси асарҳои баррасишуда ва умуман, адабиёти дигари соҳавӣ, инҳо танбалию коргурезии худи шахс, тасаввуроти нодуруст дар бораи дастрас набудани ҳадаф, тағйир

надодани нақшаи амал тибқи шароити мавҷуда ва амсоли он ҳисобида шудаанд. Дар ҳар сурат, аз душвориҳо натарсида, сари вақт бартараф сохтани онҳо, истифода аз имкониятҳои худ дар сатҳи ҳадди аксар, дуруст муайян сохтани маънии ҳаёт аз ҷониби шахс имконият медиҳанд, ки ҳар як инсон ба худшиносию худогоҳӣ ва худамалисозии фардию иҷтимоӣ ноил гардад.

Ва ниҳоят, дар асарҳои бунёдие, ки мухтасаран тавзеҳ додем, оид ба аломатҳои шахсони ба худамалисозӣ расидаанд сухан меравад. Ин аломатҳоро, асосан дар таълимоти А. Маслоу мебинем, ки як қатори онҳоро каме болотар зикр намудем. Дар маҷмуъ бошад, онҳо дар шакли қобилияти фарқ гузоштан миёни воқеият ва хаёлот, худбаҳодиҳии равшан, масъулиятшинос будан, худкифо будани шахс, омодагӣ барои тағйир додани нақшаҳои худ, худмавзунӣ, таҳаммулпазирӣ, хиёнат накардан ба арзишҳо, идеалҳои худ ва ҷомеа ва амсоли он ифода меёбанд.

Вобаста ба масъалаҳои худамалисозӣ, ки мухтасаран дар асоси таҳлили асарҳои бунёдӣ дар ин самт баён гардиданд, бояд ёдовар шуд, ки ҷузъиёти ин масъалаҳо дар таҳқиқоти муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки натиҷаҳои онҳо метавонанд барои тақвияти ҷанбаҳои амалии худшиносӣ дар шакли худамалисозии иҷтимоии шахс мусоидат намоянд. Таълимоти дар ин самт мавҷудбударо дар фалсафа ва илмҳои дигари ҷомеашиносӣ таҳлил намуда, онро вобаста ба мақсадҳои гузошташуда ва шакли пешниҳоди мавод ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) баррасии фалсафии масъалаҳои худамалисозӣ; 2) таҳлили масъалаҳои худамалисозӣ аз нигоҳи акмеология ва валеология; 3) баёни масъалаҳои худамалисозӣ ба тариқи илмӣ-оммавӣ. Вобаста ба ин таҳлили масъалаи мазкурро дар поён бо ҳамин тартиб ба анҷом мерасонем.

Ба гурухи аввал таҳқиқоте дохил мешаванд, ки дар онҳо таҳлили фалсафии масъалаҳои худамалисозӣ гузаронида шудааст. Аз ин қатор монографияи муҳаққиқи рус В.В. Байлук «Инсоншиносӣ.

Худамалисозии худогоҳона ҳамчун қонуни муваффақият»-ро қайд кардан мумкин аст, ки дар он «худшиносии ҳақиқӣ асоси ҳама гуна худамалисозии мусбат, роҳ ба сӯи муваффақият [39, с.92]» шинохта шудааст. Ин муҳаққиқ асосан ба монеаҳо дар роҳи худамалисозии шахс таваҷҷуҳ намуда, чунин омилҳоро дар ин роҳ таъсиргузори манфии асосӣ донистааст: надоштани таваҷҷуҳ ва манфиат барои худшиносии бошуурона; огоҳӣ надоштан аз илмҳои инсоншиносӣ ва кӯшиш накардан барои бартараф сохтани ин ноогоҳӣ; истифода накардани донишҳо оид ба инсон дар раванди худамалисозӣ; нобоварӣ ба имкониятҳои худшиносӣ ва шаккокият дар нисбати он ва ғайра. Дар ин росто В.В. Байлук зикр мекунад, ки баъзе одамон суханони мутафаккирони машҳуреро чун И. Гёте оид ба дастнорасии худшиносӣ шиор намуда, имкониятҳои худро дар худамалисозӣ аз даст медиҳанд.

Баъзе муҳаққиқон меҳнатро яке аз роҳҳо ва механизмҳои муҳимми худамалисозии шахс ҳисоб кардаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи рус С.Б. Кондратева баррасиҳои фалсафӣ-иҷтимоии масъалаи худшиносӣ, нақши муносибати «ман» ва «дигар»-ро дар раванди худогоҳӣ таҳлил намуда, таъкид менамояд, ки фаҳмиши хусусиятҳои хоси «ман» аз ҷониби шахсият асоси худтатбиқшавии ӯро ташкил медиҳад. Барои худамалисозӣ, инчунин идеалҳои шахсият, озодӣ ва эҷодкории ӯ нақши муҳим бозида, зуҳур ва таҷассуми қобилиятҳои шахсият дар ҳаёт, ҳадаф ва талаботи ӯ тавассути фаолияти худи ҳамин шахсият сурат мегиранд. Дар ин росто,  С.Б. Кондратева барҳақ қайд мекунад, ки дар раванди меҳнат ва фаъолияти меҳнатии худ «инсон на танҳо маҳсулоти мушаххас истеҳсол мекунад, ки талаботи моддии ӯро қонеъ менамоянд, балки то андозаи муайян талаботи коммуникативӣ, когнитивии худ ва навъҳои дигари онро низ таъмин мекунад» [121, с.17].

Ба монанди ҳамин, муҳаққиқи дигари рус В.В. Пантелеева механизмҳои ҳавасмандиро барои худамалисозии шахс дар фаъолияти касбӣ таҳқиқ намуда, ба ҳайси омили миёнрав дар кори фаъолгардонии ин раванд омодагии психологии шахсиятро ба фаъолияти инноватсионӣ

зимни иҷрои вазифаҳои касбӣ эътироф менамояд, ки алоқаҳои якчандмеъёриро миёни равандҳои психологӣ дар самти иҷрои вазифаҳо ва рушди шахсият ба анҷом мерасонад. Ба сифати омилҳои ҳавасмандӣ ба худамалисозии шахсият бошад, мотивҳои ботинӣ, маърифатӣ, худэҳтиромкунӣ, мусобиқавӣ будан, интизорӣ ба натиҷаҳо ва амсоли он эътироф гардидаанд. Мотив ё ҳавасмандиҳои зикршуда, ҳамзамон, «метавонанд ба сифати шароити зарурӣ барои рушди шахсият тавассути худамалисозӣ ҳам дар марҳалаи фаъолияти касбӣ ва ҳам дар марҳалаи таҳсилоти касбӣ ҳисобида шаванд» [138, с. 8].

Масъалаҳои худамалисозиро дар калонсолӣ муҳаққиқи рус И.В. Солодникова таҳқиқ намудааст. Ӯ зимни ин одамони 30-60-соларо дар назар дорад, ки ба онҳо чунин аломатҳо хос мебошанд: масъулияти болиғи иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ, сатҳи зиндагии муносиб, гузаронидани вақти фориғ бо тарзи қонеъкунанда, имконияти кӯмак ба дигарон, муносибатҳои шаклгирифтаи оилавӣ, мутобиқшавӣ ба тағйироти биологии организм ва амсоли он. Вобаста ба ин, муҳаққиқи мазкур муҳтавои иҷтимоишавиро дар калонсолӣ иборат аз «худамалисозӣ тавассути таҷрибаҳои гуногуни иҷтимоӣ, эҷодкорӣ, раванди баргардонидани сармоягузории ҷомеа ба шахсият» [127, с.34] шумурда аст.

Бояд тазаккур дод, ки дар модели консептуалие, ки И.В. Солодникова оид ба худамалисозӣ дар калонсолӣ таҳия намудааст, шароити худамалисозӣ (иҷтимоӣ ва фардӣ), муқаррароти иҷтимоии он ва раванди худамалисозӣ, ки тавассути аз сар гузаронидани траекторияи (роҳи) инфиродӣ сурат мегирад, шарҳу тавзеҳи муфассали худро ёфтаанд. Муаллифи ин консепсия инчунин механизмҳои худамалисозиро нишон медиҳад, ки аз ҳувиятсозӣ ё идентификатсия (аз калимаи лотинии «identifico» - «айният додан», худмуайянкунӣ), худсабабиятии шахсият, бунёди маъниҳои шахсӣ, экстериоризатсия (аз калимаи фаронсавии «exteriorisation» – «зуҳурёбӣ», таҳвили амали психикии ботинӣ ба амали воқеӣ) иборат мебошанд. Ба ҳайси сатҳҳои худамалисозӣ бошад,

траекторияи инфиродии он, траекторияи меъёрии худамалисозӣ ва вуҷуд надоштани ҳеҷ гуна худамалисозӣ дар шахсони калонсол хизмат мекунанд, ки меъёрҳои субъективӣ ва объективӣ доранд. Натиҷаи худамалисозӣ, аз нуқтаи назари И.В. Солодникова, ин «барои ҷомеа – ташаккули намунаи бомуваффақиятии шахсият, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабул аст, барои инсон – рушди шахсӣ ва ташаккули шахсияти муваффақ, мутаҳаррик ва хеле хуб мутобиқшаванда» [127, с.13] ба ҳисоб меравад.

Қобили зикр аст, ки И.В. Солодникова яке аз аввалинҳо шуда доир ба худамалисозии манфӣ дар фалсафаи муосир масъалагузорӣ намудааст. Ӯ дар ин самт зикр мекунад, ки худамалисозӣ танҳо моҳияти «просотсиалӣ» (рафтори барои ҷамъият манфиатовар) дошта метавонад. Агар барои худамалисозӣ механизмҳои деструктивӣ («аз калимаи лотинии «destructio» – «вайронкунанда») мавриди истифода қарор гиранд, пас онро на худамалисозӣ, балки «девиатсия» (аз калимаи лотинии «deviatio» – «инҳироф», «каҷравӣ») номидан мумкин аст, ки на танҳо меъёрҳои умумиқабулшудаи иҷтимоиро вайрон мекунад, балки бо хавфу хатари худ ба ҷомеа таҳдид мекунад. Инҷо амалҳое чун рафтори ғайримуқаррарӣ, аҷибу ғариб, вайронкунии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, таҷовузкорӣ ва зӯроварӣ, худканорагирӣ, мутобиқ нашудан ба гурӯҳ ё ҷомеа дар кул ва амсоли он дар назар дошта шудаанд. Дар замони муосир, инчунин, гаравидан ба ҳаракатҳои экстремистию террористӣ, пайвастан ба низоъҳои байнимиллӣ, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ва ғайраро натиҷаи худамалисозии манфӣ медонанд, ки ҳамчун рафтори девиантӣ шахсияти инсонро мешиканад.

Чунонки маълум аст, дар даврони муосир дар натиҷаи интишори васеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, махсусан рушди шабакаҳои интернетӣ, олами маҷозӣ ба вуҷуд омада, дар баробари олами воқеӣ ба тамоми соҳаҳои фаъолияти шахс ва ҷомеа таъсири худро гузоштааст. Маҳз бо ҳамин сабаб инсони муосир имконият пайдо кардааст, ки на танҳо тавассути технологияҳои иттилоотӣ-

коммуникатсионӣ вақти фориғи худро ташкил намояд, балки ҳатто ба фаъолияти меҳнатию касбӣ машғул гардад. Аз ин рӯ, имрӯз метавон комилан дар бораи худшиносӣ, худогоҳӣ ва худамалисозии шахс дар олами маҷозӣ низ сухан ронд. Дар ин самт муҳаққиқи рус Н.В. Водянова андешаҳои ҷолиб оид ба ҷанбаҳои фалсафӣ-антропологии худамалисозии шахсият дар фазои интернетӣ баён намудааст.

Н.В. Водянова худамалисозиро ба ҳайси синтези аломатҳои антропологии шахсият, аз қабили худайниятдиҳӣ, камолот, кушода ва озод будани инсон, фаъолнокии эҷодӣ ва амсоли он тавсиф намуда, онро як шакли таҷассумсозӣ, ашёикунонӣ ва кушодашавии универсалии нерӯҳои моҳиятии инсон қаламдод мекунад. Ба ақидаи ӯ, дар замони муосир фазои нав – воқеияти виртуалӣ, маҷозӣ пайдо шудааст, ки ба инсон имконияти зиёд медиҳад, ки потенсиали эҷодии худро кушода, бо ин роҳ худамалисозии иҷтимоии худро таъмин намояд. Ин масъаларо дар мисоли блогосфера – соҳаи интернетие, ки дар он шахсони блоггер ба навъҳои гуногуни фаъолияти маҷозӣ машғул буда, тавассути муошират ба воситаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо дигарон дар робита қарор доранд, Н.В. Водянова чунин тавзеҳ додааст: «Инсони блогер кӯшиш карда, ки худро дарёбад ва «ҷамъ намояд», навиштаҳои сифати шахсӣ дошта бо имконияти дахолати интерактивӣ ба онҳо эҷод мекунад, барои шарҳи мушоҳидакунандагони берунӣ ҷой ҷудо мекунад ва саъй мекунад, ки на танҳо шунида шавад, балки худро бо кӯмаки дигарон бубинад ва фаҳмад, комилӣ ба даст орад. Бо ҳамин тарз транстсендентсияи худӣ дар Интернет ба вазифаи бадастории худӣ ва ташаккули мавзунии ботинӣ, ба дастории худайниятдиҳӣ хизмат мекунад» [117, с.17].

Ба гуруҳи дуюми ақидаҳо оид ба масъалаҳои худшиносӣ ва худамалисозии иҷтимоии шахсият метавон он таҳқиқотеро, ки дар илмҳои нисбатан нав оид ба инсон гузаронида шудаанд, шомил намуд. Вобаста ба ин қобили зикр аст, ки дар даврони нав инсон ҳамчун предмети таҳқиқи илмӣ ба яке аз масъалаҳои марказӣ табдил ёфта,

илмҳо ва соҳаю самтҳои зиёди инсоншиносӣ рушд намуданд. Миёни онҳо метавон антропологияи фалсафӣ, шохаҳои антропология - антропологияи кибернетикӣ, антропологияи педагогикӣ, антропологияи динӣ, антропологияи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, антропологияи ҳуқуқӣ, антропологияи феминистӣ, антропологияи физикӣ (ҷисмонӣ), антропологияи тиббӣ, антропологияи ҳарбӣ ва ғайра, инчунин акмеология ва валеологияро махсусан таъкид намуд. Ҳамаи онҳоро бо сабаби мавҷуд будани адабиёти зиёд дар ин самт шарҳ надода, инҷо мухтасаран масъалаи худамалисозиро дар акмеология ва валеология мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Акмеология (аз калимаҳои юнонии «ακμή» – «қулла», «λόγος» – «таълимот»), чунонки маълум аст, ҳамчун фасли фалсафии психология қонуниятҳо, фишангу механизмҳои имконияти расидан ба дараҷаи олӣ дар рушди фардии инсонро меомӯзад ва ба психологияи рушд дохил мешавад. Ин илмро баъзан илм дар бораи рушди инсони ба балоғат-расида низ ном мебаранд.

Дар асоси таҳлили мундариҷаи акмеология ҳамчун илм ва фан чунин бармеояд, ки он омӯзиши инсонро ҳамчун фард, шахсият, субъекти фаъолият ба роҳ монда, қулла ё «акме»-и рушди инсон, сифатҳои он, моҳияти технологияҳои рушди шахсӣ ва касбии онро равшан месозад. Дар баробари ин, технологияҳои акмеологии кӯмак ба одамон дар самти рушди шахсӣ ва касбии онҳо пешниҳод карда мешаванд. Акмеология худамалисозиро ҳамчун талаботи фитрии инсон ва меъёри фарҳанги ӯ шинохта, яке аз вазифаҳои худро чунин мебинад: «Вазифаи гуманистии акмеология аз он иборат аст, ки ба аслӣ будани ҳаёти инсон ва камоли худамалисозии ӯ мусоидат намояд» [35, с.33]. Дар робита ба ин, ба ақидаи мо, доир ба равиши нав дар илми муосир – таҳқиқи акмеологии инсон, худшиносӣ ва худамалисозии ӯ сухан гуфтан имкон дорад.

Аз нигоҳи акмеологӣ барои худамалисозии инсон, бадастории камолот ва сифатҳои субъект ӯ бояд чунин амалҳоро ба анҷом расонад:

ҳаллу фасли зиддиятҳое, ки миёни талаботи генетикии шахсият ва нерӯю дараҷаи амалишавии онҳо, миёни даъвоҳо ва саъю кӯшиши ӯ ва натиҷаҳои ин гуна фаъолият сар мезананд; истифода аз қобилиятҳои ҳаётии шахсият, ба монанди шуур, фаъолнокӣ, ташкили вақт, муошират, маърифат ва амсоли он; таҳия ва амалисозии нақшаи ҳаётӣ ё фаъолият, инкори таҷрибаи манфии худамалисозӣ, истифода аз имкониятҳои воқеӣ ва имконпазири худ дар фазои барои худамалисозӣ муайянгардида, яъне ҳадафи муҳимтарини ҳаётӣ, болоравӣ дар фаъолияти меҳнатӣ, муносибат бо одамони наздики худ ва амсоли он. Тавассути ин «оптимизатсияи фаъолнокии инсон амалӣ шуда, фаъолият самаранок ва шахсият қаноатманд мешаванд» [35, с.110].

Дар акмеология, инчунин механизмҳои таъсири макроҷамъият, мезоҷамъият (аз калимаи юнонии «mesos» – «мобайнӣ»), микроҷамъият, яъне давлат, ҷомеа, гурӯҳ, коллективи меҳнатӣ ё таълимӣ, оила ва ғ. ва шароити табиӣ ба инсон ба назар гирифта шуда, стратегияи дар синни балоғат объективатсия шудани шахсият ва худамалисозии он таҳия карда шудааст. Дар ин масъала, инчунин истифода аз механизмҳои худрушдкунӣ, худташкилшавӣ, худтанзимкунӣ, ҳамоҳангсозии ҳавасмандии ботинӣ ва зоҳирии шахсият муҳим шумурда мешавад. Дар баробари ин, худамалисозӣ «аз ҳисоби дигарон» (масалан, дар соҳаи сиёсат бо роҳи фиреб додани интихобкунандагон) инкор карда шудааст.

Чунонки таъкид намудем, дар акмеология расидан ба қулла ё «акме»-и рушди инсон муҳимтарин мавзуи баҳси он ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, «акме»-ро ҳамчун «тамоми дараҷаҳои болиғии инсон, ки ба он, агар ба таври умумӣ муҳокимаронӣ карда шавад, балоғати ҷисмонӣ, шахсӣ ва субъектӣ хос мебошад» [35, с.128], ҳисобида, роҳҳои расидан ба онро махсусан дар чунин соҳаҳо коркард намудаанд: дар рушди касбии инсон, дар роҳи ҳаётии ӯ, рушди шахсии инсон, ташаккули ӯ ҳамчун шаҳрванд ва ғайра.

Дар бораи илми дигар, ки ба масъалаҳои худшиносӣ таваҷҷуҳи хосса дорад, яъне валеология (аз калимаи лотинии «valeo» - «солим

будан») сухан ронда, бояд қайд намуд, ки он ҳамчун яке аз равияҳои фалсафӣ дар тибби алтернативӣ ва педагогика пайдо шудааст. Ин илм ба омӯзиши комплексии саломатии инсон – солимии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, тиббӣ, ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва маънавии инсон машғул аст.

Муҳаққиқи рус Э.Н.Вайнер валеологияро ҳамчун равияи байнифаннӣ ҳисобидааст, ки саломатии инсон ва роҳҳои таъмин ва ҳифзи онро дар шароити мушаххаси ҳаётӣ омӯхта, донишҳои комплексиро оид ба саломатӣ ва тарзи солими ҳаёт пешниҳод мекунад. Худи тарзи солими ҳаётро бошад, муҳаққиқи мазкур чунин тавзеҳ додааст: «асоси татбиқи талаботи инсонӣ ба худмубрамшавӣ ва худамалисозӣ буда, фаъолнокии олии иҷтимоӣ ва муваффақияти иҷтимоиро таъмин мекунад» [40, с.33].

Дар баробари ин, дар валеология захираи аз ҳама бузурги инсонӣ дар худамалисозии инсон донишҳоро дар бораи худ, ғаризаҳои афзалиятдоштаи инсонӣ, муқарраароти психологӣ ва мизоҷи шахс ҳисобидаанд. Роҳи асосии расидан ба ин гуна донишҳо худтаҳлилкунӣ мебошад: «Ҳангоми худтаҳликунӣ инсонро зарур аст ва ӯ (қабл аз ҳама) метавонад, ки хусусиятҳои худии худ «Ман»-ро фаҳмад. Агар сабаби нороҳатии психологӣ, вайроншавии вазъи психологӣ аз он иборат аст, ки рафтори инсон ба «Ман»-и психобиологии ӯ мутобиқат намекунад, пас онро (яъне рафторро) бояд ислоҳ намуд» [40, с.107].

Аз таҳлили мундариҷаи илм ва фанни валеология бармеояд, ки он дар баробари мавзуъҳои хосси худ, инчунин ба як қатор масъалаҳое низ аҳаммият медиҳад, ки барои худамалисозии иҷтимоии шахс хеле самаранок буда метавонанд: ягонагӣ ва муборизаи унсурҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар табиат ва моҳияти инсон; хусусиятҳои фардии умумӣ ва психофизиологии инсон; солимии руҳӣ ва равонии шахс; ташкили ратсионалии фаъолияти ҳаётӣ, аз ҷумла фаъолияти меҳнатӣ ва ғайра.

Андеша ва ақидаҳои гурӯҳи сеюм оид ба худшиносию худамалисозӣ аз нигоҳи илмӣ-оммавӣ пешниҳод гардидаанд. Вобаста ба ин масъала, бояд тазаккур дод, ки бо оғози асри XX дар натиҷаи

саноатикунонӣ, инқилоби илмӣ-техникӣ ва урбанизатсия ё шаҳришавии аҳолии давлатҳои пешрафта ва минбаъд таъсир расонидани ин равандҳо ба тамоми кишварҳои олам, барои инсоният имкониятҳои васеъ пайдо шуданд, ки барои шахсият ва худшиносии он, аз як тараф, ҷанбаи мусбат ва, аз дигар тараф, таъсири манфӣ доштанд. Рушди иқтисодию иҷтимоӣ ба инсон имконият фароҳам овард, ки ба фаъолияти меҳнатӣ дар вақти маҳдуд машғул шуда, соатҳои фориғи худро барои худамалисозӣ на танҳо дар соҳаи касбӣ, балки дар тамоми самтҳои барои ҳаёти шахсии ӯ муҳим сарф намояд. Аз ҷониби дигар бошад, барои инсони дар миёни техника ва технологиямонда ва аз решаҳои маънавӣ дургашта, мушкилоти руҳию равонӣ, махсусан дар кишварҳои ғарбӣ хеле зиёд гардиданд. Бо ҳамин сабабҳо, файласуфон ва намояндагони илмҳои дигари ҷомеашиносӣ ба ҳалли масъалаҳои инсони муосир дар соҳаи маънавиёт рӯ оварда, адабиёти зиёди илмӣ-оммавиро оид ба ин мавзуъҳо дар шакли дастуру роҳнамоҳо, китобҳои мукаммалу бунёдӣ ва амсоли он ба нашр расониданд.

Вобаста ба масъалаи дар боло матраҳшуда қайд менамоем, ки бо пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар ибтидо дар Федератсияи Россия ва баъдан дар тамоми кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон адабиёти ғарбӣ оид ба ҳалли масъалаҳои инсони муосир дар соҳаи маънавиёт тарҷума ва нашргардида, минбаъд дар пайравӣ аз онҳо адабиёти илмӣ ва илмӣ-оммавии худӣ низ таълиф гардид. Ҳоло аксарияти дастуру роҳнамоҳо, китобҳои мукаммалу бунёдӣ оид ба мавзуи матраҳшуда дар шакли анъанавию электронӣ ба ҳамагон дастрас буда, шахсони зиёде аз онҳо барои ҳалли амалии масъалаҳои худамалисозӣ дар ҳаёт ва ё худамалисозии иҷтимоӣ истифода мебаранд.

Аз зумраи таълимоту консепсияҳои мавриди назар, қабл аз ҳама, андешаҳои адиби амрикоӣ Дейл Карнегиро (1888-1955) бояд тазаккур дод, ки дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ чунин осори ӯ маъруфият пайдо карда, ба забонҳои гуногун, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда буданд: «Санъати хитоба ва таъсир расонидан ба шарикони корӣ»,

«Далелҳои каммашҳур аз ҳаёти одамони маъруф», «Чӣ тавр дӯстонро ба даст бояд овард ва ба одамон таъсир расонид?», «Чӣ тавр дигар хавф набурда зиндагӣ карданро бояд оғоз намуд?» ва «Чӣ тавр боварӣ ба худро ташаккул дода, ба одамон бо суханронии оммавӣ таъсир расонид?». Аз ин қатор, инчунин, ба андешаҳои муҳаққиқони зерин таваҷҷуҳ бояд кард, ки аз номи асарҳояшон маълум мегардад, ки кадом масъалаҳои худамалисозии шахсро муаллифони онҳо баррасӣ намудаанд: Руби Уэкс «Худат бош. Роҳнамо барои худогоҳ будан барои ононе, ки дар нуқтаи охирин қарор доранд»; Бенжамин Харди «Шахсияти чандир. Чӣ тавр аз боварихои маҳдудкунанда озод шуда, ояндаи худро тағйир диҳем», Люк Берҷис «Доми хоҳишҳо. Чӣ тавр тақлид ба дигаронро бас карда, фаҳмӣ, ки ту амалан чӣ мехоҳӣ?», Ҷо Диспенза «Худ барои худ ҳамчун даъвои фиребанда», Лиз Бурбо «Тани худро аз наву аз нав гӯш кун», Мелани Феннел «Терапия ва худбаҳогузорӣ. Чӣ тавр ҷанбаҳои қавии худро муайян кунӣ ва садои мунаққиди ботиниро хомӯш намоӣ?», Александр Пинт «Роҳнамо барои оне, ки ба сӯи худ мераванд» ва ғайра (Ин асарҳо дар шакли электронӣ дар саҳифаҳои интернетии электронӣ бо забони русӣ барои харидорӣ, мутолиаи мустақим дар шабака дастрасанд: Дейл Карнеги - «Ораторское искусство и оказание влияния на деловых партнёров», «Малоизвестные факты из жизни известных людей», «Как завоёвывать друзей и оказывать влияние на людей», «Как перестать беспокоиться и начать жить», «Как выработать уверенность в себе и влиять на людей, выступая публично»; Руби Уэкс «Быть собой. Руководство по осознанности для тех, кто на грани», Бенжамин Харди «Гибкая личность. Как избавиться от ограничивающих убеждений и изменить свое будущее», Люк Берджис «Ловушка желаний. Как перестать подражать другим и понять, чего ты хочешь на самом деле», Джо Диспенза «Сам себе плацебо», Лиз Бурбо «Слушай своё тело снова и снова», Мелани Феннел «Терапия самооценки. Как определить свои сильные стороны и заглушить голос

внутреннего критика», Александр Пинт «Путеводитель для идущего к себе»).

Аз ҷумла, муаллифи охирӣ А. Пинт дар психологияи холистии худ (аз калимаи юнонии «ὅλος» - «пурра», психологияе, ки зарурати таҳқиқи инсонро дар пуррагии он ба миён мегузорад, на тавассути унсурҳои он) натиҷаи ниҳоии худамалисозиро чунин нишон додааст: «Худамалисозӣ он аст, ки мефаҳмед, ки шумо аллакай ҳамоне ҳастед, ки кӯшиш мекардед, ки ҳамон бошед» [139, с.121].

Даҳ таълимот ва консепсияҳои беҳтаринро дар мавзуи худшиносӣ ва худамалисозӣ дар китобхонаи «Ислайб» ҷамъоварӣ намудаанд, ки як қатори онҳо масъалаҳои зеринро фаро мегиранд: Ҷеймс Клир «Одатҳои зарравӣ» - расидан ба натиҷаҳои назаррас аз тариқи тағйироти ҳаррӯза; Рэй Далио «Принсипҳо» - оид ба принсипҳои бадастории ҳадафҳо, қабули қарорҳо ва рушди ширкат; Нассим Талеб «Зидди пошхӯрӣ» - чӣ тавр метавон ба ҳолатҳои манфӣ омода буда, бо сабаби онҳо қавитар шуд?; Крис Бейли «Соли пурмаҳсули ман» - оид ба усулҳои болобари маҳсулнокии шахсият; Ҷон Дорр «Аз ҳама муҳимтаринро чен кунед» - ба усули муайянкунии ҳадаф ва натиҷаҳои калидӣ бахшида шуда, ба он мусоидат мекунад, ки ҳадафҳои возеҳ гузошта шуда, усулҳои дастрасӣ ба онҳо муайян карда шаванд; Кэл Нюпорт «Ба кор ба сар фурӯ рафта» - ба кор тамаркуз намуда, корро бо сифати баланд иҷро намудан; Лора Вандеркам «Китоб дар бораи вақти зоеъшуда» – муаллиф исбот намудааст, ки барои ҳар як нафар вақти зарурӣ барои корҳои муҳим вуҷуд дошта, барои ин нақшаи ҳафтаи корие, ки ба ҳадафҳои шахсӣ мутобиқат дорад, таҳия шудааст; Дэниел Койл «Рамзи истеъдод» - чӣ тавр таҳқиқоти илмиро дар бораи кори майнаи сар истифода намуда, метавон дар ҳар гуна кор соҳибмаҳорат шуд» [131] ва амсоли он.

Рӯйхати чунин консепсияҳо ва таълимотро метавон идома дод, аммо бо ҳамин иктифо намуда, таъкид месозем, ки осори мазкур аз мавқеъҳои гуногуни иҷтимоӣ ва илмӣ таълиф шуда, на ба шароити ҳама минтақаҳо, миллату халқҳо, тамаддунҳо, синну сол, ҷинсият ва амсоли

он мутобиқат карда метавонанд. Аз ин рӯ, нисбат ба чунин таълимоту консепсияҳо бо мақсади истифода аз онҳо дар раванди худамалисозӣ муносибати интиқодӣ тақозо карда мешавад. Дар маҷмуъ бошад, бояд ба эътибор гирифт, ки ба қавли адиби ирландӣ Бернард Шоу (1856-1950), ки ба ҳамагон маълуму машҳуранд, зиндагӣ ба мо на барои он дода шудааст, ки худро ёбем, балки барои он дода шудааст, ки худро худамон созем. Дар ин роҳи мушкили худсозӣ истифода аз механизмҳои гуногуни худшиносию худогоҳӣ ва худамалисозӣ бо такя ба назари солими интиқодӣ ва эҳтиёткорию масъулиятшиносӣ хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

Хулоса, худамалисозӣ ҳамчун рушди шахсӣ, худбаёнкунӣ, ба камол расидан ва боло рафтани инсон дар зинаҳои зиндагии шахсӣ ва иҷтимоӣ, татбиқи имкониятҳои «Ман» тавассути кӯшишҳои шахсии худ, якҷоя эҷод кардан, якҷоя фаъолият намудан бо одамони дигар ва амсоли он ба механизмҳои гуногун такя мекунад. Аз ҷумлаи чунин механизмҳо таҳия ва амалисозии стратегияи ҳаёт, тарбия ва гузариши тадриҷӣ ба худтарбиякунӣ, тамринҳои ирфонию психологӣ ва амсоли он буда, худамалисозии шахсӣ, касбӣ, эҷодӣ, иҷтимоии шахсият ва дигар навъу намудҳои онро таъмин месозанд. Ҳамаи ин масъалаҳо дар фалсафаи муосир аз нигоҳи фалсафӣ, аз дидгоҳи акмеология ва валеология, ба тариқи илмӣ-оммавӣ ва ғайра баррасӣ гардида, тавсияҳои асосан аз ҷиҳати илмӣ асоснок барои ташаккули шахсият дар самти фардӣ ва иҷтимоӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамаи ин ба ташаккули шахсияте, ки соҳиби худшиносии фардӣ мебошад, мусоидат намуда, ба он имконият медиҳанд, ки дар ҳамбастагӣ бо дигарон ба нафъи ҷомеа хизмат намояд. Вобаста ба ин дар фасли оянда нақши худшиносӣ ва худамалисозии шахсӣ ва гурӯҳиро дар рушди ҷомеа мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

## 2.3 Файласуфони муосир оид ба нақши худшиносӣ дар рушди ҷомеа

Дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ ҳанӯз аз файласуфи Юнони Қадим Арасту оғоз карда, дар бораи нақши шахсияти алоҳида ва оммаи васеи мардум дар таърих, ҷомеа ва давлатдорӣ сухан гуфтаанд. Вобаста ба ин дар бораи таносуби манфиатҳои шахсӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ низ масъалагузорӣ шудааст. Аз ҷумла, чунонки маълум аст, дар фалсафаи марксистӣ нақши оммаи халқро дар таърих ҳамчун зарурат ва нақши шахсиятро ҳамчун тасодуф шинохтаанд. Дар баъзе ҷараёну мактабҳои фалсафаи ғарбии ҳамин даврон бошад, оммаро ҳамчун омили фишороранда ба шахсият меҳисобиданд. Ба ҳамаи ин зиддиятҳо дар фаҳмиши таносуби шахсият ва оммаи халқ нигоҳ накарда, ҳар ду ҳам дар таърих мақоми худро доштаанд, нақши худро дар ҷомеа гузоштаанд ва минбаъд низ хоҳанд гузошт. Вобаста ба ин, дар ин фасли рисола фаҳмиш ва тафсири нақши худшиносӣ, махсусан худшиносии миллӣ дар рушди ҷомеа аз нигоҳи таълимоти фалсафии муосир ва муҳаққиқони фалсафа аз кишварҳои гуногуни шарқию ғарбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар фаслҳои гузаштаи рисола худшиносии фардиро ҳамчун фаъолияти бошуурона ва мақсадноки маърифатӣ дар бораи образи «Ман» ва пайваста рушд додани ин образ маънидод намуда будем. Дар робита бо ин, бояд ба эътибор гирифт, ки чунин образро аксарияти кулли одамон дар худ ташаккул медиҳанд. Аммо, аз нигоҳи мо, барои нақши муайян гузоштани худшиносии фардӣ дар ҷомеа зарур аст, ки дар натиҷаи он қабл аз ҳама, шахсият ташаккул ёбад. Вале чунонки таърих шаҳодат медиҳад, шахсият, ҳатто шахсиятҳои барҷаста низ, «таъсири доимии ҳам мусбат ва ҳам манфӣ ба равандҳои гуногун, аз ҷумла бевосита ба робитаҳои мутақобилаи ҷамъият ва давлат мерасонанд» [67, с.357].

Бо сабаби дар боло зикршуда, бояд, ки дар бораи худшиносии фардӣ сухан гуфта, оид ба мафҳуми шахсият низ аз нигоҳи нақши он дар рушди ҷомеа тасаввуроти бештаре дошта бошем. Хушбахтона, оид ба ин

масъала дар таърихи фалсафа, хусусан дар фалсафаи муосир, ақида ва таълимоти зиёди ҷолиб вуҷуд доранд. Аз чумла, файласуфи шинохтаи шуравӣ А.Г. Спиркин (1918-2004) шахсиятро танҳо дар мисоли инсони ба худшиносӣ расида дидааст ва аз ин рӯ, ӯ чунин таърифи ин мафҳумро пешниҳод намудааст: «Шахсият ин инсонест, ки худогоҳӣ ва ҷаҳонбинӣ дорад, ба фаҳмиши вазифаҳои иҷтимоии худ, мақоми худ дар олам ва дарки худӣ ҳамчун субъекти эҷодкории таърихӣ расидааст» [103, с.256-257].

Вобаста ба ин, А.Г. Спиркин таъкид месозад, ки рафтору кирдори инсонро ангезаҳои идеалие ба мисли меъёрҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ, ҳисси масъулияти шахсию иҷтимоӣ, виҷдон, шаъну шараф, қарзи шаҳрвандӣ ва амсоли он танзим мекунанд. Аз ин рӯ, барои шахсияти ба худшиносирасида эҳсоси масъулият дар назди худ, коллектив, гурӯҳи иҷтимоӣ, ҷомеа, давлат ва инсоният сифатҳои ногусастании ӯ ба ҳисоб меравсанд. Маҳз ҳамин гуна шахсият, қобил аст, ки барои худ ва дигарон хизмат кунад ва дар рушди ҷомеа саҳм гузорад.

Қобили зикр аст, ки худшиносии шахсият, аз нигоҳи муҳаққиқи рус Н.Н. Хомутова, дар роҳи ҳаётии инсон, дар алоқамандӣ бо воқеаҳои дар зиндагии ӯ ба вуқуъ пайваста ва шароити зисту муҳити ӯ ташаккул ва рушд мекунад. Аз ин рӯ, барои «худогоҳии шахсӣ ва самтгирии ватандӯсти»-и [107, с.76] аъзои ҷомеа, бояд давлат ва тамоми ниҳодҳои масъули иҷтимоишавии шахс саҳм бигиранд, то ки шахсияти ба худшиносирасида худ минбаъд дар рушди ҷомеа саҳм гузорад. Ба ибораи дигар, агар ҷомеа ва давлат хоҳанд, ки аъзо ё сокинони онҳо ба рушди ин ниҳодҳо мусоидат кунанд, аз нигоҳи мо, бояд ба рушди сармояи инсонӣ дар шакли ташаккули худшиносии гражданӣ ё шаҳрвандии мардум, маҳз аз ҳамин мавқеъ таваҷҷуҳи махсус дошта бошанд.

Дар бораи худшиносии фардӣ дар шакли худшиносии гражданӣ сухан гуфта, ёдовар мешавем, ки оид ба ин масъала ҳанӯз А. Маслоу (шахсиятҳои ба «худогоҳии гражданӣ» расида) андеша баён карда аст, ки дар фаслҳои дахлдори рисола ба он ишораҳо намудем. Дар таҳқиқоти

муосир бошад, ин масъаларо беш аз ҳама муҳаққиқони россиягӣ О.А. Браун ва М. Г. Аркузин ба таври амиқтар баррасӣ намудаанд.

Дар мақолаи худ «Равишҳои муайянсозӣ ва тавсифи сохторӣ-мазмунии мафҳуми «худшиносии граждании шахсият» О.А. Браун ва М. Г. Аркузин қайд намудаанд, ки худшиносӣ ҳамчун раванд ва ё равандҳои дарки худӣ ба ҳайси субъекти муносибатҳо, фаъолият ва амсоли он се навъи равандро фаро мегирад: 1) фардишавӣ – раванди ҷудо намудани худӣ аз олами атроф; 2) субъектшавӣ – раванди дарки фаъолнокӣ ва муҳиммияти худ; 3) раванди дарки алоқамандии субъективии худ бо давлат, ки субъект шаҳрвандии онро дорад – дар натиҷаи ин муттаҳидшавӣ, интегратсияи ба вуқуъ пайваста, худшиносии граждании шахсият ташаккул меёбад.

Дар асоси чунин масъалагузорӣ муҳаққиқони мазкур мафҳуми мавриди назарро чунин тафсир намудаанд: «худогоҳии гражданӣ ин дарки нисбатан устувори худ аз ҷониби шахсият ҳамчун шаҳрванди давлати муайян мебошад, ки дар асоси он ӯ робитаи мутақобилаи худро бо дигар одамон барқарор месозад ва инро эҳсоси алоқамандии субъективӣ бо ин давлат, шаҳрвандони он, сарнавишти таърихӣ ҳамроҳӣ месозанд» [69, с.177].

Муҳаққиқон О.А. Браун ва М. Г. Аркузин дар чунин ақидаанд, ки тавассути ташаккули худшиносии гражданӣ дар шахсият ҳувияти гражданӣ пайдо мешавад, ки ҳамчун механизм як ҷузъи механизми умумитари муттаҳидсозанда, интегратсия мебошад ва ҳамчун унсури консепсияи «ман», ки ҳамбастагии шахсиятро бо меъёру арзишҳои гурӯҳи муайян таъмин месозад, моҳияти мазмунии худшиносии шахсиятро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ бошад, сохтори худшиносии гражданӣ унсурҳои мазмунӣ (тасаввурот дар бораи давлат ва ниҳодҳои он, шаҳрвандӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои шахсият ҳамчун шаҳрванди давлати мушаххас ва ғ.), унсурҳои эҳсосӣ (эҳсос ва дарки мафҳуми «мо», алоқамандии худ бо шаҳрвандон ва сокинони дигари давлат, аҳаммияти субъективии мансубияти шаҳрвандии худ, ватандӯстию меҳанпарастӣ ва

амсоли он) ва унсурҳои рафториро (иродаи шахсият барои амал намудан ҳамчун шаҳрванди комилҳуқуқи давлат) фаро мегирад.

Аз нуқтаи назари О.А. Браун ва М. Г. Аркузин вазифаҳои худшиносии граждан̅ӣ дар рушди шахсият ва ҷомеа ба вазифаҳои худшиносӣ дар умум айният доранд, вале онҳо дар соҳаи каме маҳдудтар ба иҷро расида, чунинанд: «-худмуайянкунии рафтор (дар соҳаи фаъолнокии гражданӣ); - баҳогузории худӣ ва мақоми худ дар олам (зимни ин нуктаи саршавиро тасаввурот дар бораи кишвари худ, фаъолнокии гражданӣ ва амсоли он ташкил медиҳанд); - мутобиқшавӣ ба сотсиуми атроф; - ташаккул ва рушди шахсият» [69, с.177-178].

Дар маҷмуъ, худшиносии гражданӣ, аз нигоҳи О.А. Браун ва М. Г. Аркузин тасаввурот дар бораи худӣ ҳамчун шаҳрванди давлати мушаххас буда, худтанзимкуниро ҳам дар гузоштани ҳадафу мақсад ва ҳам дар интихоби усулу воситаҳои муносибат ва рафтор талаб мекунад. Барои болобарии худшиносии граждании мардум ва муассир кардани он дар рушди ҷомеа бошад, он мунтазам бояд бо баррасиҳои байнифаннӣ аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ, психология, педагогика ва илмҳои дигар мавриди омӯзишу арзёбӣ қарор дода шавад.

Муҳаққиқи дигари рус Л.В. Баева худшиносии гражданиро ҳамчун ҷузъи муҳимтарини худшиносии шахсият, ки ӯро бо давлат пайванд медиҳад, ҳисоб намуда, вазифаи асосии онро дар гузашт кардан аз манфиатҳои шахсии худ ба нафъи манфиатҳои умумӣ дидааст. Аз нигоҳи ӯ, маҳз ҳамин гуна муносибат имкон медиҳад, ки худшиносии фардии шаҳрвандони давлати мушаххас ба сӯи рушди ҷомеа ва давлат равона карда шавад. Аммо, дар асоси назарсанҷиҳо ва таҳқиқоти сотсиологии гузаронидаи худ, ӯ ба чунин натиҷа расидааст, ки давлат ва ҷомеа низ бояд барои қабули чунин азхуд гузаштанҳои мардум омода ва созгор бошанд. Дар ин самт омилҳои зерин муҳимтарин ҳисобида шудаанд: дараҷаи баланди боварии шаҳрвандон ба роҳбарияти давлат, ба ҳокимияти иҷроияи давлатӣ ва ҳокимияти қонунгузорӣ ё парламент дар сатҳи ҳокимияти марказӣ; сатҳи баланди боварӣ ба ҳокимияти маҳаллии

давлатӣ, роҳбарону сарварони маҳаллӣ; боварию эътимод ба артиш ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; боварӣ ба воситаҳои ахбори оммавӣ; эътимод ба натиҷаҳои мусбати ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайра [65, с.111-117]. Дар баробари ин, Л. В. Баева барҳақ қайд мекунад, ки таваҷҷуҳ ба ҷавонон ва роҳандозии сиёсати самараноки давлатӣ оид ба ҷавонон, инчунин ба сатҳи ватандӯстию меҳанпарастӣ миёни ин қишри фаъол имкон медиҳад, ки худшиносии граждании ҷавонон ба нафъи рушди ҷомеа истифода бурда шавад.

Дар асоси ин мо чунин меҳисобем, ки дар Тоҷикистони муосир барои ташаккул ва рушди худшиносии гражданӣ тадбирҳои зиёду мушаххас ва муфиду манфиатовар андешида шудаанд. Дар ин самт таваҷҷуҳи махсус аз ҷониби Пешвои миллат, Ҳукумати мамлакат ва мақомоти дигари давлатӣ, созмону иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба масъалаи тарбияи шаҳрвандони ватандӯсту ватанпарвар, шахсиятҳои ватандору меҳанпараст хеле муҳим аст. Вобаста ба ин дар кишварамон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» (бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2022, № 887 қабул карда шуда, бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2022, № 332 ҷонибдорӣ карда шудааст) амал мекунад. Қонуни зикршуда заминаҳои асосии ҳуқуқӣ ва ташкилиро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва мутаносибан, дар ташаккул ва рушди худшиносии гражданӣ муайян намуда, аллакай самара ва натиҷаҳои муҳимме ба бор оварда истодааст.

Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои марҳалаҳои муайян мунтазам барномаҳои давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавононро қабул карда мешаванд, ки на танҳо муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»-ро дар самти ташаккули худшиносии гражданӣ аз назария ба амалия табдил медиҳанд, балки барои рушди ҷомеаи миллӣ,

давлатдории миллӣ ва худшиносии миллӣ дар маҷмуъ мусоидат мекунанд. Ҳамаи ин, аз нуқтаи назари мо, оид ба нақши давлат дар ташаккул ва рушди худшиносии фардию гурӯҳӣ, аз як ҷониб ва аз ҷониби дигар, дар бораи нақши худшиносӣ дар рушди ҷомеа гувоҳӣ медиҳад. Дар ин самт танҳо зарур аст, ки соҳаҳои илму маориф, махсусан мутахассисони соҳаи фалсафа дар ташаккул ва рушди худшиносии шаҳрвандӣ бо роҳандозии корҳои илмию таҳқиқотии назариявӣ ва дар амал татбиқ сохтани натиҷаҳои онҳо фаъолтар бошанд.

Дар маҷмуъ, худшиносии фардӣ, ки ҳамчун заминаи муҳимтарин барои ташаккули худшиносии гурӯҳӣ хизмат мекунад, нақши муайяну мушаххасро дар рушди ҷомеа иҷро мекунад. Аммо, чунонки шахсият бе коллективи одамон дар мисоли гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҷомеа, миллат, давлат ва амсоли он зуҳур карда наметавонад, худшиносии фардӣ низ бе худшиносии гурӯҳӣ нокомил мемонад. Дар робита бо ин, ҳоло нақши худшиносии гурӯҳиро дар рушди ҷомеа мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Дар фаслҳои гузашта худшиносии гурӯҳиро ҳамчун фаъолияти бошуурона ва мақсадноки маърифатӣ барои ташаккули образи «Мо» ва тавассути ин барои расидан ба ҳадаф ва мақсадҳои дастаҷамъона муайян намуда, таъкид намуда будем, ки оид ба як қатор шаклҳои худшиносии гурӯҳӣ, ба монанди худшиносии гурӯҳҳои иҷтимоӣ, табақаҳо, синфҳо ва худшиносии миллӣ ва амсоли он сухан гуфтан мумкин аст. Вобаста ба ин, бояд зикр намуд, ки дар кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ масъалаи худшиносии гурӯҳӣ маҳз дар шакли худшиносии миллӣ басе мубрам гардида, дар фалсафа ва дигар илмҳои иҷтимоӣ паҳлӯҳои гуногуни ин масъала мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтанд. Аз ин рӯ, кӯшиш мекунем, ки ба мавзуи нақши худшиносии миллӣ дар рушди ҷомеа аз нигоҳи файласуфони муосир, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаҳои дигари сиёсӣ-ҷамъиятӣ равшанӣ андозем.

Худшиносии миллиро баъзан ба ҳайси худшиносии халқи мушаххас шинохта, онро ҳамчун фаҳмиши нақшу мақоми худ дар раванди таърихӣ аз ҷониби ҳамин халқ маънидод мекунанд. Зимни ин таъкид мегардад, ки сатҳи худшиносии ҳар як халқ аз дараҷаи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии он, инчунин аз менталитет (аз калимаи лотинии «mens» - «рух, руҳия», маҷмуъ ва шакли махсуси ташкили психикаи инсон ва тарзи зуҳури он, маҷмуи хусусиятҳо ва муқаррароти ақлонӣ, эҳсосӣ, фарҳангӣ, самтгириҳои арзиширо мефаҳмонад ва асосан барои ифодаи шакли асили тафаккур ва хислати он истифода бурда мешавад, ки ба гурӯҳҳои қавмӣ, этникӣ, халқ ё халқият, миллат ва амсоли он мансуб аст) ва аз қобилияти он ба ҳифзу зиёднамоии арзишҳои фарҳангӣ вобаста мебошад. Чунин фаҳмиш, аз назари мо, бештар дар давлатҳое корбаст мегардад, ки аз давлатҳои сермиллат ба ҳисоб меравaнд. Аз ҷумла, дар Федератсияи Россия ҳамин гуна маънидод сохтани худшиносии халқ мавриди истифода қарор дорад. Дар давлатҳои воҳиду миллӣ бошад, мафҳуми худшиносии миллӣ бештар роиҷ аст.

Ҳамзамон, дар фалсафа мафҳуми «худшиносии этникӣ» низ ба кор меравад, ки бо такя ба мафҳуми дигар «этнос» (аз калимаи юнонии «ἔθνος» - «халқ», қавм, ҷамоати устувори одамон, ки бо ҳамдигар дар асоси ҳаёт ба сар бурдан дар сарзамини умумӣ, якрангии фарҳангӣ, забонӣ ва маишӣ, инчунин худшиносии умумӣ муттаҳид гаштаанд) сохта шудааст. Онро, одатан, чунин таъриф медиҳанд: «Худогоҳии этникӣ ба тасаввурот дар бораи умумияти сарнавишти таърихӣ ва умумияти фарҳанг такя мекунад, ки дар натиҷаи ҳамбастагӣ ва мутаносиб донистани самтгириҳои арзишии худ бо арзишҳои гурухӣ пайдо шудаанд» [79, с.72]. Ба андешаи мо, худшиносии этникиро ҳамчун муродифи мафҳуми худшиносии миллӣ шинохтан, ки дар нисбати доираи тангтари қавму миллат ба кор бурдани он имкон дорад, ягон мушкилотро дар таҳқиқи илмии ин падида ба вуҷуд намеорад.

Асосҳои назариявӣ-методологии худшиносии миллиро таҳқиқ намуда, дар фалсафаи муосир қайд кардаанд, ки вобаста ба тағйироти куллие, ки дар ҷаҳони имрӯз ба вуқуъ пайвастаанд, аз ҷумла дар рушди иҷтимоии ҷомеаҳо, ратсионализатсияи муносибатҳои ҷамъиятӣ, пайдоиши ҷамоату ҷомеаҳои шабакавӣ, фардишавии ҳаёт ва амсоли он, инчунин дар шароити пайдоиш ва инкишофи ҷомеаҳои пасосаноатӣ ва иттилоотӣ тақозо карда мешавад, ки ба масъалаи нақши худшиносии миллӣ дар рушди ҷомеа таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир карда шавад. Дар ин самт таъкид мегардад, ки барои рушди ҷомеа зарур аст, ки худшиносии миллӣ бояд ҳатман ба самти фардо, оянда нигаронида шуда бошад: «он на танҳо аз идеализатсияи гузаштаи мутлақи миллат, балки аз усули тарҳрезииояндаи ба дил маъқул иборат мебошад» [63, с.43]. Ин тарзи муносибат ба худшиносии миллӣ имкон медиҳад, ки дар шароити болоравии низоъҳои байнимиллӣ дар ҷаҳони муосир давлат ва миллат омодагии қаблӣ дошта бошанд, ки барои кишвари соҳибистиқлоли мо низ муҳим мебошад.

Муҳаққиқи дигари рус Ш.П. Золотова низ худшиносии миллиро ҳамчун объекти таҳлили фалсафӣ қарор дода, қайд мекунад, ки ҳолат ва вазъи самтгирии он аз иродаи ахлоқӣ вобаста буда, ҳар як миллат бояд барои рушди ҷомеаи худ дар асоси манфиатҳои миллиаш лоиҳаи татбиқи худшиносиро дар ҳолати имрӯза ва дурнамо таҳия намояд. Худшиносии миллӣ донишҳоеро бояд фаро гирад, ки гузаштаро инъикос намуда тавонанд, ҳозираро тағйир диҳанд ва ба оянда низ нигаронида шуда бошанд. Аз ин рӯ, ин муҳаққиқ барҳақ қайд мекунад, ки барои расидан ба ҳадафҳои зикршуда ва рушди ҷомеа бояд идеологияи миллӣ-давлатӣ таҳия ва амалӣ карда шавад [120, с.21]. Дар Тоҷикистони муосир низ, аз нигоҳи мо, қабул ва амалисозии чунин як санади давлатӣ оид ба рушди худшиносии миллӣ ва давлатдории миллӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Ба андешаи мо, оид ба масъалаи худшиносии миллӣ сухан карда, дар кишвари мо бояд таваҷҷуҳ ба таҷрибаи андӯхтаи халқи тоҷик дар даврони ҳукмронии Сомониён, махсусан андешаҳои фалсафӣ, ахлоқию

адабӣ, ки дар осори мутафаккирону адибони ин даврон ва марҳалаҳои минбаъдаи таърихӣ инъикос ёфтаанд, мунтазам таъкид карда шавад. Дар ин ҷода, махсусан таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои фалсафии «Шоҳнома»,-и ҷовидонии Абулқосими Фирдавсӣ (940-1020) дар самти ватандӯстӣ, ҳифзи марзу буми меҳани худ аз бегонагон, гиромидошти расму ойини миллӣ ва амсоли он хеле мубрам ба назар мерасад. Хушбахтона, бо иқдоми Пешвои муаззами миллат ба ҳар як хонадони тоҷикистонӣ дастрас намудани нусхае аз «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ оғоз ёфтааст ва ин кор на танҳо барои олимону донишмандон имконияти таҳқиқи ин шоҳасарро васеъ мекунад, балки барои ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ заминаи қавиеро барои тақвияти худшиносии миллӣ ба вуҷуд меорад.

Ақидаҳои ба консепсияи Ш.П. Золотова монандро, ки худшиносии миллӣ на танҳо таърихи миллатро бояд фаро гирад, балки дурнамоии онро низ муайян кунад ва он бояд синтези гузашта ва имрӯз бошад, то идеяҳои нав дар дохили он барои фардо пайдо шаванд, муҳаққиқи рус О.С. Парфенова низ баён намудааст. Ӯ худшиносии миллиро ҳамчун «дарки худӣ аз ҷониби миллат ҳамчун мукаммалии ягона, ки маҷмуи ақидаҳо ва муносибатҳо, афкору баҳогузориҳоро дар бораи таърихи худ, фаъолияти ҳаётии муосир ва дурнамои рушд, инчунин дар бораи мақоми худ дар миёни миллатҳои дигарро фаро мегирад» [124, с.6] тавзеҳ дода, пешниҳод намудааст, ки ғояҳои асосии он бояд дар фалсафа, адабиёт, забон, мусиқӣ, зерфарҳангҳои ҷавонон ва тамоми зуҳуроти дигари фарҳангу санъат инъикос ёбанд. Дар ҳақиқат ҳам, муҳаққиқ инро дуруст қайд мекунад, зеро, аз назари мо, баъзан ягон асаре чун «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ таъсири зиёдтаре ба шуури мардум аз ҳар гуна таҳқиқоти ҷомеашиносӣ дошта метавонад.

Бояд ёдовар шуд, ки пайдоиш ва рушди мафҳуми худшиносии миллӣ ба равандҳои таърихӣ дар Аврупо вобаста аст, ки дар натиҷаи он дар ин минтақа аввалин давлатҳои муосири миллӣ пайдо гардиданд. Оид

ба ин масъала файласуфи рус Н.А. Бердяев барҳақ қайд намудааст: «Шуури миллӣ ва миллатпарастӣ зуҳуроти асри XIX мебошанд. Баъд аз ҷангҳои Наполеон аз ғояҳои империяи ҷаҳонӣ илҳом гирифта, ҷангҳои миллӣ-озодихоҳӣ оғоз гардиданд. Худогоҳии миллӣ боло рафт. Давлатҳои миллӣ мустаҳкам шуданд. Ҳар як халқи кӯчак ҳам мехост, ки симои миллии худро таъкид созад, ҳастии мустақил дошта бошад» [6, с.112]. Дар асоси ин метавон, аз нигоҳи мо, асоситарин ва муҳимтарин нақши худшиносии миллиро ҳамчун восита ва омили давлатсозӣ шарҳ дод. Ё худ, ба ибораи дигар, ташаккули ҳама гуна ҷомеа ё давлати миллӣ ва рушди он аз худшиносии миллӣ сарчашма мегиранд.

Дар таълимоти Н.А. Бердяев доир ба худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ дар мисоли миллати рус як қатор андешаҳое баён гардидаанд, ки то ҳол ҳам аҳаммияти худро аз даст нadодаанд. Аз ҷумла, ӯ чунин меҳисобад, ки худшиносӣ ҳамзамон бояд барои миллат худтозашавӣ бошад, зеро худтанқидкунӣ ва худифшосозӣ атрибутҳои ногусастании худшиносӣ буда, ҳеҷ гуна худтаърифкуниро қабул надорад. Худшиносии воқеӣ ҳастии миллатро дар дурнамои таърихӣ дида, ҳар гуна музофотпарастиро низ инкор мекунад. Ба андешаи ин мутафаккир, худшиносии миллати рус таҳти таъсири андешаҳои файласуфи рус П.Б. Струве (1870-1944) хусусияти давлатмеҳварӣ низ гирифтааст, ки барои ин миллат падидаи хеле мусбат мебошад. Аз ҳама муҳим барои Н.А. Бердяев он аст, ки ҳеҷ як худшиносии миллӣ бе идеяи миллӣ воқеӣ буда наметавонад: «Ҳар як миллат, ҳамчун ҳар як фард идеяи худро дорад ва он бояд дар авҷи баландтарини худогоҳии миллӣ кушода шавад. Ин идея ҳамчун ормон аст, ки бе он мавҷудияти шоиста ғайриимкон мебошад» [6, с.486].

Чунонки мебинем, андешаҳои болозикри Н.А. Бердяев оид ба худшиносии миллӣ на танҳо аз коркарди назариявии масъалаҳо дар ин самт иборатанд, балки ҷанбаҳои муфиди амалӣ барои ҳама гуна фазову вақт доранд. Дар мисоли Тоҷикистон, масалан, метавон андешаҳои ӯро оид ба инкори музофотпарастӣ (аз ҷумла, маҳалгароӣ), такя ба

давлатмеҳварӣ, ки нишонаҳои нахустини он дар фалсафа ва сиёсатшиносии тоҷик аллакай пайдо шудаанд, инчунин оид ба ҳатман мавҷуд будани идеяи миллӣ дар рафти ташаккул ва рушди худшиносии миллӣ ва бо ин восита пеш бурдани ҷомеаи муосири тоҷик мавриди истифода қарор дод.

Чунонки таъкид гардид, нақши Фаронса дар ташаккули давлатҳои миллӣ хеле бузург буда, оид ба масъалаҳои худогоҳии миллӣ низ ин сарзамин анъанаҳои таърихан хеле тулонӣ дорад. Ҳанӯз Ш. Монтескйе (1689–1755) ба илм мафҳуми «руҳи халқ»-ро ворид карда буд, ки минбаъд ҳамчун унсури муҳимми худшиносии миллӣ ҳисобида мешуд. Ж.Ж. Руссо (1712–1787) дар бораи мавҷудияти «характери миллӣ» дар ҳар як халқ сухан гуфтааст, ки на танҳо аз иқлим, балки асосан, аз муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста мебошад. Таърихнигор ва файласуфи фаронсавӣ Ж. Мишле (1798–1874) чунин меҳисобид, ки руҳи халқ дар маркази организми миллат қарор дорад. Файласуф А. Фуллйе (1838-1912) характери миллиро бо миҷози намояндагони он ҳам вобаста медонист. Э. Дюркгейм (1858-1917) бошад, мафҳуми «тасаввуроти гурӯҳӣ (коллективӣ)»-ро коркард намуд, ки баъдан дар маркази ақидаҳо дар бораи худогоҳии миллӣ қарор гирифтанд ва ғайра. Дар маҷмуъ, дар фалсафаи фаронсавӣ як ҷанбаи муҳимми худогоҳии миллӣ – масъалаи менталитет ё руҳия ва тарзи тафаккур ба миён гузошта шуд, ки ба ақидаи муҳаққиқи рус Е.Б. Хромова, маънии он ҳамчун тарзҳои ягонаи эҳсосот ва тафаккур буда, дар фалсафаи муосир ба чунин идеяҳо такя мекунад: «– фитрӣ, априорӣ будани мафҳумҳое, ки фаъолияти маънавии инсонро ифода мекунанд; - сабабияти ҷуғрофӣ ва таърихӣ доштани падидаи мазкур; - механизмҳои психологии интиқоли хосиятҳои менталии ин ё он ҷамъият; - ғоя дар бораи дар ҳама навъҳои шуури ҷомеаи мушаххас мавҷуд будани сохторҳои мутақобилан иртиботдошта (мантиқӣ ва парамантиқӣ); - ғоя дар бораи иҷтимоӣ будани тамоми зуҳуроти маънавӣ» [108, с.27-28].

Вобаста ба масъалаи дар боло гузошташуда, бояд ёдовар шуд, ки миллати фаронсавӣ ба худогоҳӣ, забон, анъанаҳо ва мероси таърихии худ муносибати гарму самимӣ дошта, онҳоро аз таъсири миллатҳои ҳамсояи англису олмонӣ, амрикоиҳо ва ғайра, аз таъсири муҳоҷирони дар ин давлат қарордошта ва омилҳои дигари манфӣ ҳамаҷониба, бо ҳар роҳу восита ҳимоя мекунад. Аз ҷумла, яке аз роҳбарони собиқи Фаронса Н. Саркози ҳанӯз соли 2007 изҳор дошта буд, ки «Ман барои он интихоб шудам, ки дар мамлакат идеяи худогоҳии миллиро нигоҳ дорам ва ҳифз намоям! Ин идея заррае ҳам маро наметарсонад, ман онро эътироф мекунам ва оид ба дурустии он истодгарӣ мекунам! » [129]. Албатта, дар замони ҷаҳонишавӣ, ки хавфу хатарҳо ба давлатҳои нисбатан кӯчактар аз ҷониби давлату миллатҳои бузургтар таҳдид мекунанд, иқдомҳо барои ҳифзи худшиносии миллии худ аз ҷониби фаронсавиҳо қобили дастгирӣ мебошанд. Ин таҷриба барои Тоҷикистони муосир низ сабақомӯз буда метавонад.

Андешаҳои ҷолиб оид ба худшиносии миллӣ дар таълимоти шоири тоҷикзабони покистонӣ М. Иқбол низ ба мушоҳида мерасанд. Аммо, дар нисбати ин файласуф, як нуктаро бояд ба эътибор гирифт, ки ӯ таҳти мафҳумҳои «миллат» ва «миллӣ» ду маъниро дар назар дорад: (1) чунонки дар фаслҳои гузашта таъкид гардид, миллати мусулмон ё уммати исломӣ, ки ба қавли шоир «фоқамаст» – беҳудамаст аст ва (2) ба маънии миллат дар фаҳмиши муосири он (худи ӯ дар куллиёташ «миллати афғон», «миллати рус» ва амсоли онро низ зикр кардааст) [36, с.8]. Дар маънии дуюм ӯ оид ба худшиносии миллӣ чунин андешае дорад:

Хунук он миллате бар худ расида,
Зи дарди ҷустуҷӯ ноорамида.
Дурахши ӯ таҳи ин нилгун чарх
Чу теғе аз миён берун кашида [16, с.704-705].

Худи миллатро бошад, М. Иқбол ҳамчун ваҳдати одамони ҳамақида, омили нерӯбахши инсон, ниҳоде, ки сарнавишти ин оламу он оламро ба дӯши худ гирифта, онро бо дасти худ менависад, сохтори

иҷтимоии қобил ба дигаргунсозии худ, ба ташкили давлату рушди илм ва амсоли он тафсир мекунад. Ба андешаи ин мутафаккир, танҳо миллати озод, соҳибшоиру соҳибсарвар рушд мекунад:

Барнаафтад миллате андар набард,

То дар ӯ боқист як дарвешмард [16, с.605].

Дар маҷмуъ бошад, М. Иқбол дар андешаи он аст, ки миллате, ки худшиносии қавӣ дорад, ба монанди мутафаккири суфимашраб Мансури Ҳаллоҷ (858-922) аст, ки «Ана-л-ҳақ» - «Ман ҳаққам»-ро шиори худшиносии худ карда буд. Чунин миллат ҳамеша «Ана-л-миллат» - «Ман миллатам»-ро чун парчам болои сар дорад:

Ҳузури миллат аз худ даргузаштан,

Дигар бонги «Ана-л-миллат» кашидан [16, с.707].

Аз ин ақидаҳои М. Иқбол ба чунин хулоса расидан имкон дорад, ки ӯ давлатмеҳварӣ, илмомӯзӣ, арҷгузорӣ ба зиёиён ва аз пайи сарвари худшинос рафтанро аз роҳҳои амалии болобарии худшиносии миллӣ ва рушди ҷомеаи миллӣ эътироф мекунад. Ин ғояҳои шоиру файласуф дар Тоҷикистони муосир метавонанд барои рушди паҳлӯҳои гуногуни ҷаҳонбинии мардум ва ҷомеа дар кул корбаст гарданд.

Дар баробари ин, дар нисбати афкори Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ва пешгомони ӯ, аз қабили Саид Ҷамолиддин Афғонӣ (1838/1839 - 1897), Муҳаммад Абду ё Абдо (1849-1905), Маҳмуди Тарзӣ (1865-933) ва дигарон як нуктаро бояд ба эътибор гирифт, ки онҳо дар замони худ ба ислоҳотталабии динӣ машғул гардида, андешаҳо дар бораи бозгашти кулли мусулмонон ба хилофати исломӣ баён намудаанд, ки на дар он даврон ва на дар замони мусир ягон пояи воқеӣ надоштаанд. Таърихи инсоният нишон медиҳад, ки дин ҳеҷ гоҳ нақши ваҳдатсозро иҷро кардан наметавонад. Дар ин бора кофист, ки аз задухӯрдҳои хунини байни масеҳиён дар ҷангҳои якуму дуюми ҷаҳонӣ, муборизаҳои имрӯзаи масеҳиёни православӣ байни ҳамдигар дар Украина, парокандагии давлатҳои арабӣ, ки на танҳо дин, балки забони муштарак ҳам доранд ва

амсоли он ёдовар шавем. Ҳамзамон, дин ягон нақши созандаеро дар самти болобарии худшиносии миллӣ низ ба анҷом расонида наметавонад. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, ба мутахассисони соҳаи фалсафа, махсусан муҳаққиқони таърихи ин илм дар Тоҷикистон зарур аст, ки андешаҳои манфии М. Иқбол ва маорифпарварони дигари исломиро ҳамеша аз дидгоҳи манфиатҳои миллӣ баррасӣ намоянд.

Дар бораи масъалаҳои худшиносии миллӣ дар фарҳанги исломӣ сухан ронда, муҳаққиқон раванд ва натиҷаҳои «Инқилоби сафед»-и шоҳи собиқи Эрон Муҳаммад Ризо Паҳлавиро  (1919-1980) дар солҳои 1962-1978 як навъ эҳёи унсурҳои паҳлавӣ дар худшиносии эронӣ хондаанд. Дар асарҳои ин шоҳ «Инқилоби сафед», «Хизмати ман ба ватан» ва «Бозгашт ба сарчашмаҳои тамаддуни бузург» давраи салтанати Сосониён (224–651) авҷи аълои рушди давлату фарҳанги эронӣ хонда шуда, шахсияти Зардушт, Курӯши Кабир (224–651), анъанаҳои қадимии ориёӣ ба дараҷаи хеле баланд арҷгузорӣ шудаанд ва омезиши таълимоти эрониёни бостон, адабиёту фарҳанги форсӣ ва ислом мубоҳ шумурда шудааст. Дар ин бора Муҳаммад Ризо Паҳлавӣ навиштааст: «Ҳам таълимоти бостонии Зардушт, ҳам қонунҳои бузурги ислом, ғояҳо ва роҳнамоиҳои файласуфон, мутафаккирон, олимон, шоирони Эрон ... ба мо омӯзонидаанд, ки барои ҳаёти ҳар як ҷомеаи воқеӣ муҳаббат, дӯстӣ ва фаҳмиши ҳамдигарӣ зарур аст» [36, с.69]. Аммо, мутаассифона, ин ислоҳоти худшиносии миллии эрониён то анҷом нарасонида шуданд ва ҳаракати бо ном «паҳлавия», ки Муҳаммад Ризо Паҳлавӣ ва гузаштагони ӯ асос гузошта буданд, ҳамчун идеология дар назди ҳаракатҳои динӣ шикаст хӯрд.  Аммо, эҳёи арзишҳои ориёӣ, ки ҳаракати мазкури «паҳлавия» ба миён гузошт, як навъ монандие ба даврони Сомониён (900-999) дошта, барои Тоҷикистони муосир дар рушди ҷомеаи муосир сабақомӯзанда буда метавонад.

Доир ба масъалаҳои худшиносии миллӣ, ки ба шароити тамоми фазои пасошӯравӣ мутобиқат мекунад, беш аз ҳама муҳаққиқи рус В.А.

Тишков таҳқиқоти амиқ гузаронидааст. Дар монографияи ӯ «Халқи Россия: таърих ва маънии худогоҳии миллӣ», ки ба ақидаи мо, як асари бунёдӣ дар ин мавзуъ ба ҳисоб меравад, тамоми паҳлӯҳои асосии масъалаи худшиносии миллӣ ва ҷанбаҳои назариявию амалии он баррасӣ гардидаанд, ки метавонанд дар амалияи иҷтимоии аксари кишварҳои тозаистиқлол, аз ҷумла, дар шароити Тоҷикистон барои рушди ҷомеаи муосири онҳо истифода шаванд. Баъзе бобу фаслҳои китоби мазкур дар ҳаммуаллифӣ бо муҳаққиқони дигари россиягӣ (Д.А. Аманҷолова, О.Е. Казмина, Т.Ю. Красовитская, М.В. Романов, В.В. Степанов, В.В. Трепавлов) навишта шуда, он аз нигоҳи методологӣ ба тасаввуроти нави илмӣ оид ба ҷомеа, давлат ва муносибатҳои миллӣ такя мекунад.

Тишков Валерий Александрович (с.тав.1941) этнолог ва антропологи россиягӣ буда, соли 1992 дар ҳукумати мамлакаташ мансаби давлатии вазир оид ба корҳои миллатҳоро ишғол намудааст. Дар асарҳои ӯ масъалаҳои этнологии ҳиндуҳои ИМА ва Канада, русҳои Осиёи Марказӣ ва назди баҳри Балтика, сиёсати миллӣ дар Россия ва амсоли он мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар якҷоягӣ бо муҳаққиқони дигари россиягӣ масъалаи худогоҳиро ӯ инчунин дар монографияи «Ҳувият ва низоъ дар давлатҳои пасошуравӣ» (соли нашраш 1997) таҳқиқ намудааст.

Дар монографияи «Халқи Россия: таърих ва маънии худогоҳии миллӣ» назария ва таърихи ҳувияти россиягӣ таҳқиқ гардида, моҳияти мафҳумҳои «халқ» ва «миллат» бозбинӣ шудаанд. Ӯ симои миллат ва ҳувияти онро унсури асосӣ дониста, моҳияти ташаккули миллати нав (ба ҷойи «рус» – «россиягӣ») ва интиқолро аз «россиягӣ» ба «шуравӣ» дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва баръакс, гузаришро аз «шуравӣ» ба «россиягӣ» дар даврони соҳибистиқлолии Федератсияи Россия равшан сохтааст. Ҳамзамон дар таҳқиқот таъсири адабиёти классикии рус дар мисоли адибони маъруф А.С. Пушкин (1799-1837) ва Н.М. Карамзин

(1766-1826) ба худогоҳии миллати рус равшан гардидааст. Илова бар ин, муаллиф масъалаҳои худогоҳиро дар даврони шуравӣ ва Россияи соҳибистиқлол баррасӣ намуда, оид ба моҳияти «ҷаҳони русӣ» ҳамчун як навъи худогоҳӣ ва ғайра ақидаҳои ҷолиб баён намудааст. Мундариҷаи ин монографияро таҳлил намуда, ба андешаи мо, ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки гузаронидани чунин таҳқиқоти фалсафию этнологӣ дар мисоли миллати тоҷик низ имрӯз ба як зарурати ногузир барои илми тоҷик мубаддал гаштааст.

В.А. Тишков ҷонибдори он аст, ки мафҳумҳои «худогоҳӣ» ва «ҳувият» (бо забони русӣ «идентичность») муродифҳои ҳамдигар ҳисобида шаванд. Ӯ барҳақ қайд мекунад, ки мавҷуд будани Россия ва тамаддуни хосси онро на танҳо таърих, Конститутсияи ин кишвар, марзу буми он, балки худогоҳии хоссаи мардуми он қонунӣ мегардонанд. Худи худогоҳии миллиро муҳаққиқ бо тарзи нав чунин таъриф додааст: «Ҳамбастагӣ ва садоқати рӯзмарра, яъне ҳисси мансубият ба як халқ ва эътирофи давлат ба ҳайси худӣ асоси он чизест, ки онро худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ меноманд» [104, с.22].

Аз нигоҳи В.А. Тишков ҷавҳари худогоҳии миллии ҳар як халқ, аз ҷумла, русҳо дар таърих ва осори фарҳангии онҳо мавҷуд аст. Аз ҷумла, барои русҳо асоси худогоҳиро тасаввурот дар бораи ватан ташкил дода, дар асоси он ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ба вуҷуд омадаанд. Бо тақвият ёфтани давлати русӣ ҳисси шаҳрванди комили ин давлат будан низ ба як ҷавҳари худогоҳии миллӣ табдил ёфтааст. Ҳамаи ин унсурҳои худогоҳии миллӣ тавассути интишору мутолиаи ашъору асарҳои мансури А.С. Пушкин дар ақлу дили намояндагони ин миллат мустаҳкам гардидаанд.

Бо пайдо шудани давлати шуравӣ, чунонки маълум аст, масъалаи миллӣ дар тамоми ҷумҳуриҳои ба он шомилбуда тамоман ранги дигар гирифт, зеро дар ин давлат ҳадафи бунёди давлати шаклан миллӣ ва мазмунан сотсиалистӣ гузошта шуда буд. Ба андешаи В.А. Тишков, бо ҳамин сабаб ҷойи худогоҳии миллиро дар даврони шуравӣ

таҳаммулпазирӣ байни миллатҳо гирифта, бештар ба худогоҳии шаҳрвандӣ таваҷҷуҳ карда мешуд. Каме баъдтар бошад, идея дар бораи «дӯстии халқҳо» ва интернатсионализм миёни халқу миллатҳои сокини собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун нишонаи эҳтирому ҳамбастагӣ бо тамоми халқу миллатҳои олам тарғибу ташвиқ карда мешуд.

Муҳаққиқи рус В.А. Тишков дар монографияи мазкури худ доир ба масъалаи таносуби дин ва худогоҳии миллӣ низ андешаҳои ҷолиб баён сохтааст. Дар Россия, чунонки маълум аст, аксарияти аҳолии онро русҳо ташкил медиҳанд, ки асосан пайравони ҷараёни ортодоксалии масеҳият – православие мебошанд. Дар баробари ин, шумораи мусулмонон ва намояндагони дигар динҳо низ дар ин кишвар кам нест. Дар сатҳи сиёсати давлатӣ дар Россия бештар ба унсурҳои православие дар худшиносии миллии русҳо таваҷҷуҳ карда мешавад. Аммо муҳаққиқи мазкур барҳақ қайд мекунад, ки дар он давлатҳое, ки исломро ҳамчун омили ташаккули худшиносии миллӣ эътироф кардаанд, он ҳатман ба таассуб ё фанатизм овардааст.

Масъалаи дигари муҳимро дар самти ташаккули худшиносии миллӣ ва нақши он дар рушди ҷомеа В.А. Тишков дар таваҷҷуҳи хосса ба худшиносии ҷавонон мебинад. Ҷавонони россиягӣ ва дигар кишварҳои пасошуравӣ, аз нигоҳи ӯ, имрӯз бо ҳувияти даврони шуравӣ дигар ягон алоқамандие надоранд ва арзишҳои он давронро намедонанд. Аз ин рӯ, дар асоси худшиносии шаҳрвандӣ ва унсурҳои дигари муҳимми он, махсусан ватандӯстӣ ва муносибати некбинона ба давлат тарбия кардани ҷавонон яке аз вазифаҳои асосии давлат ва тамоми ниҳодҳои он мебошад.

Ба андешаи мо, дар монографияи «Халқи Россия: таърих ва маънии худогоҳии миллӣ», инчунин масъалаи унсурҳои дигари ҳувиятсоз ва нақши ниҳодҳое, ки барои ташаккул ва рушди худогоҳии миллӣ саҳми бештар мегузоранд ва бо ин роҳ сабабгори рушди ҷомеа мегарданд, мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтааст. Дар шароити муосир, ба

ақидаи В.А. Тишков, нақши соҳаи маориф, пешниҳоди варианти ягонаи таърихи миллат дар китобҳои дарсӣ, муҳити умумии иттилоотӣ ва фарҳангӣ, рушди забони давлатӣ, таҷрибаи шахсии ҳар як шаҳрванд, дастгирӣ ва рушди анъанаҳои муттаҳидкунадаи миллат, аз ҷумла бозиҳои варзишии миллӣ ва амсоли он дар ташаккули худшиносии миллӣ ва шаҳрвандӣ хеле муассир мебошад.

Баррасиҳои масъалаи худшиносии миллӣ ва нақши онро дар рушди ҷомеаи муосири Россия муҳақиқи рус В.А. Тишков дар чунин шиори худ ҷамъбаст намудааст - «Ҳам рус бошем ва ҳам россиягӣ!» [104, с.629], ки аз назари мо онро бо тағйирот ба шароити кишвари муосири мо низ дар чунин шакл истифода кардан мумкин аст – ҳам тоҷик бошему ҳам тоҷикистонӣ.

Муҳаққиқи дигари россиягӣ Г.Т. Сардарян дар бораи худшиносии гурӯҳӣ, нақши он дар ҳифз ва рушди ҷомеа ва давлат сухан ронда, худи миллатро ҳамчун шакли олии худшиносии гурӯҳӣ ҳисобидааст. Аммо, ба ақидаи ин муҳаққиқ, рушди бесобиқаи муносибат ба миллат ва дигар шаклҳои худшиносии гурӯҳӣ аз нигоҳи либерализм ( аз калимаи лотинии «liberalis» - «озод», озодигарой, ҷараёни фалсафӣ ва ҷамъиятӣ, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дахлнопазир меҳисобад ва таълимоти он ба ҳар чӣ пасттар кардани дахолати давлат ба ҳаёти шаҳрвандон нигаронида шудааст) дар аксарияти давлатҳои пешрафта ин ниҳодҳои иҷтимоиро зери хавфу хатари ҷиддӣ қарор медиҳанд. Аз ин рӯ, ахлоқи таҳрифшудаи фардӣ, муносибати либералистӣ ба ҳама гуна арзишҳои гурӯҳӣ, ки онҳоро инкор намуда, танҳо арзишҳои фардиро эътироф мекунанд, метавонанд ба худкушии миллат ва ҳар гуна арзишҳои миллӣ оварда расонанд. Аз ҷониби дигар, миллат ин давлат нест, аммо он бе мавҷудияти давлат аз миён меравад. Бо ҳамин сабабҳо таваҷҷуҳ ба ҳифзи миллат, давлати миллӣ ва худшиносии гурӯҳию миллӣ барои даврони муосир хеле мубрам боқӣ монда, ин имкон медиҳад, ки зарфиятҳои онҳо барои рушди ҷомеа ҳамаҷониба истифода гарданд, ки дар шароити Тоҷикистон низ як омили ҳалкунанда маҳсуб мешавад: «Ҳувияти

гурӯҳии сотсиум, ки ба устувортарин арзишҳо асос ёфта, фарҳанги сиёсӣ ва ниҳодҳои ҷомеаро ташаккул медиҳад, дар ин робитаҳо дар даҳсолаҳои наздиктарин омили муайянкунанда ба ҳисоб рафта, ҳар он ҷое, ки он бошад, давлати миллиро таҳким мебахшад ва ҳар он ҷое, он набуда, ҷояшонро фарҳанги худпарастии фардӣ гирифта бошад, ин давлатро вайрон месозад» [102, с.164].

Дар ибтидои рисола хотирнишон сохта будем, ки бо сабаби пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва ба вуҷуд омадани давлатҳои нави соҳибистиқлол масъалаи худшиносӣ дар фазои пасошуравӣ мубрам гардида, барои омӯзиши таҷрибаи халқҳои гуногун таҳқиқот дар фалсафаи муосир дар ин самт хеле зиёд гардид. Аз ҷумла, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ дар Японияро донишмандони соҳаҳои гуногун ба риштаи таҳқиқ кашиданд. Масалан, дар таҳқиқоти Х.Г. Гафурова «Консепсияи «кокутай» ҳамчун асоси худогоҳии миллии Япония» [75, с.504-506] ва О.В. Язовская «Консепсияи моҳияти миллии кокутай ҳамчун асоси худогоҳии миллии Япония» моҳияти асосии таълимоти «кокутай» ва дар таҳқиқоти Ю.Н. Пляукшта тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун асоси худшиносии миллӣ дар Японияи муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ба андешаи муҳаққиқон се марҳалаи таърихии ташаккул ва таҳаввули худшиносии миллии япониҳоро ҷудо кардан мумкин аст: асри XVIII – нимаи аввали асри XIX, ки ба он ақидаи ҷавҳарӣ дар бораи ҳифзи япониҳо ва фарҳанги онҳо аз аҷнабиён хос аст; охири асри XIX - нимаи аввали асри XX, ки ба он миллатчигӣ хос буда, Японияро ба наздикшавӣ ба Олмони фашистӣ ва фашизм овард; нимаи дуюми асри XX то имрӯз, ки онро миллатгароии этникӣ меноманд. Дар ҳар се давра консепсияи «кокутай» асоси худшиносии миллии япониҳоро ташкил медод. Худи ин мафҳумро О.В. Язовская чунин тавзеҳ додааст: «... кокутай бояд ҳамчун моҳияти миллии беназири япониҳо тарҷума шавад, ки ин на танҳо асосҳои сиёсӣ, балки ахлоқӣ ва динии онро низ таъкид месозад. Асоси ин консепсияро идея дар бораи алоқаи ирфонии

император ва халқ ташкил медиҳад, ки ба шарофати он ҳувияти миллӣ ташаккул меёбад» [114, с.2]. Минбаъд ба «кокутай» консепсияи дигар – «симагуни» («кишвари ҷазиравӣ») илова гардид, ки тибқи он худшиносии миллӣ ва худогоҳии япониҳоро маҳз ҳаёт дар ҷазира, гусастагӣ аз халқҳои дигар ва тамаддуни башарӣ муайян сохтааст, ки дар натиҷаи он чунин нишонаҳои миллӣ, аз қабили ҳаёти ҷамоатӣ, ҳисси наздикӣ ба гурӯҳ, коллектив, хоксории фардӣ, пайравӣ аз урфу одати боодобӣ ва ғайра ба тамоми япониҳо хос гардиданд.

Дар таҳқиқоти мавҷуда таъкид мегардад, ки бар асари ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои информатсионӣ-коммуникатсионӣ кишварҳо ва миллатҳои зиёде ба буҳрон дар худшиносии миллӣ дучор гардиданд. Яке аз кишварҳои ҷаҳон, ки нахустин шуда, инро ба хубӣ дарк намуд ва тадбирҳои зарурии саривақтӣ андешид, Япония буд: «Япония роҳи беназири ҳалли мушкилотро тавассути раванди мутамарказонидашуда ва назоратшавандаи тарбияи арзишҳои ахлоқӣ ва муҳаббат ба ватан пешниҳод намуд, ки ба анъанаи чандинасраи тарбияи ахлоқӣ-ватандӯстӣ дар кишвар такя мекунад» [125, с.12-13].

Ҳамзамон, барои рушди худшиносии миллӣ дар кишвари мазкур ба тарбияи кадрҳои ҷавони боистеъдоду эҷодкор, ки ба решаҳои таърихию фарҳангӣ, анъанаҳои миллӣ, рамзҳои давлатию муқаддасоти дигари миллӣ эҳтиром доранд, таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Япония яке аз кишварҳоест, ки дар муасисаҳои таълимии он машғулиятҳо бо садо додани суруди миллӣ - «Кими-га Ё» ва бардоштани парчами миллӣ - «Хи-номару» оғоз меёбанд ва новобаста аз эътирозҳои чандиндафъа бар зидди ин аз дохил ва хориҷи кишвар, ин реҷаро бекор накард. Зиёда аз ин, Япония чунин меҳисобад, ки сокинони он бояд аз дарки кӯчак будани давлати худ дар сатҳи байналмилалӣ даст кашанд ва аз марҳалаи «ғайрифаъолӣ» ба «фаъолӣ» собитқадамона ба пеш раванд. Ҳамаи ин таҷрибаи мусбат, ки боиси рушди ҷомеаи муосири японӣ гардидааст, метавонад дар кишвари мо низ мавриди истифода қарор дошта бошад.

Таҷрибаи Беларус низ аз кишварҳои пасошуравӣ дар самти рушди ҷомеа тавассути худшиносии миллӣ беназир ба ҳисоб меравад. Дар бораи ин муҳаққиқи белорусӣ Е. Кузнетсова таҳқиқот бурда, қайд намудааст, ки вазъи ин кишвар махсус буда, се навъи худшиносии гурӯҳиро ҳамчун дурнамо барои интихоб ба пеш овадааст. Варианти якум мутаҳидшавиро бо Иттиҳоди Аврупо талаб мекунад ва варианти дуюм ҳамгирошавии минбаъдаро бо Россия дар доираи як давлати иттифоқӣ. Аммо, ба ақидаи ин муҳаққиқ, роҳи сеюми афзалиятнок низ барои халқи Беларус вуҷуд дорад, ки бо мақсади рушд ҳамчун миллат ва давлат ташаккули ҳувияти миллиро аз рӯи модели давлати иҷтимоӣ тақозо мекунад: «Таърихан моил будани белорусҳо ба арзишҳои оилавӣ кӯмак мекунад, ки онҳо мақоми худро дар шароити равандҳои трансформатсионии иҷтимоӣ-фарҳангӣ ишғол кунанд. Ин гуна вазъи Беларус (такя ба арзишҳои маънавии анъанавӣ, ба самтгириҳои ахлоқӣ) метавонад ба он мусоидат намояд, ки кишвар аз нақши ширкаткунандаи ҳамагуна намудҳои зиддиятҳои сиёсӣ дар саҳнаи берунӣ раҳоӣ ёбад» [88, с.98].

Тавре, ки мушоҳида мегардад, таҷрибаи Белорус дар самти рушди худшиносӣ нақши бузурги арзишҳои миллиро бараъло нишон медиҳад. Аз нигоҳи мо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои рушди ҷомеа тавассути худшиносӣ бояд таваҷҷуҳи махсус ба арзишҳои анъанавӣ, арзишҳои оилавӣ ва арзишҳои ахлоқӣ равона карда шавад. Арзишҳои анъанавӣ, ки ба муқаддасии оила, ҳувияти миллӣ, маънавиёт ва унсурҳои дигари қабулшудаи фарҳанги шахс ва ҷомеа такя мекунанд, дар шароити ҷаҳонишавӣ метавонанд, ки шахси алоҳида ва ҷомеаро дар кул аз арзишҳои ғайрисуннатӣ ҳифз намоянд (муносибатҳои ҷинсии ғайритабиӣ, шаклҳои ғайрисуннатии оила ва оиладорӣ, феминизми радикалӣ ва ғайра).

Бояд таъкид намуд, ки арзишҳои ғарианъанавӣ, қабл аз ҳама, ба вайроншавии оила ва арзишҳои оилавӣ меоваранд. Аз ин рӯ дар

Тоҷикистон бояд арзишҳои оилавӣ дар ташаккули худшиносии шахс ва ҷомеа чун анъана муқаддас дониста шуда, ба муҳаббат дар оила, ҳамдигарфаҳмии аъзои оила, арҷгузорӣ ба калонсолон, падару модарон, меҳрубонӣ, кӯмаки байниҳамдигарӣ, масъулият барои наздикон ва арзишҳои дигари оилавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад. Таҳқиқи ин масъалаҳо аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи фалсафа, тарғибу ташвиқи оилаҳои намунавӣ ва амсоли он метавонанд ба тақвияти худшиносии аъзои оила мусоидат намоянд, ки ин дар навбати худ дар таҳкими муносибатҳои ҷамъитӣ ва рушди ҷомеа нақши мусбату созандаро ба анҷом мерасонад.

Зимни таҳлили таҷрибаи Белорус муҳаққиқ Е. Кузнетсова инчунин барҳақ қайд мекунад, ки барои рушди ҷомеа муҳим на танҳо он аст, ки миллат худшиносӣ ва ҳувияти гурӯҳии худро дошта бошад, балки худмуайянкунии ҳар як халқу миллат тақозо мекунад, ки он дар шароити муосир бояд ба муколамаи тамаддунҳо низ омодагӣ дошта бошад. Дар ҳақиқат ҳам, дар шароити ҷаҳонишавӣ фаҳмиши тамаддунҳои дигар, таҳаммулпазирӣ нисбат ба арзишҳои фарҳангии на танҳо «Мо», балки «Дигарон» низ як шарти муҳимми рушди босуботи ҳар як ҷомеа маҳсуб меёбад.

Дар маҷмуъ, худшиносии гурӯҳӣ дар шакли роиҷтарини он, ки бо номҳои худшиносии халқ, худшиносии этникӣ ё миллӣ ном бурда мешавад, дар рушди ҷомеа, махсусан барои ҳифзи давлати муосири миллӣ нақши муассир дошта, дар шароити ҷаҳонишавӣ, модернизатсия ва либерализатсияи соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ ва ҷомеа яке аз омилҳои муҳимтарини ҳастӣ ва бақои ҳар гуна миллат маҳсуб мешаванд.

Таҳлилҳои болоро ҷамъбаст намуда, бояд таъкид намуд, ки худшиносии фардӣ ва худшиносии гурӯҳӣ дар ҳаёти ҷомеа ҳамчун нақши шахсият ва оммаи халқ дар он хеле муҳим буда, рушду нумуи давлатро таъмин месозанд. Инсони ба худшиносӣ расида, шахсияти соҳиби худшиносии граждании, гурӯҳи одамоне, ки арзишҳо ва муқаддасоти

халқи худро дар шакли худшиносии миллӣ бо ҳам мебинанд, омили асосии ташаккули давлати мустақили миллӣ ва рушди устувори он дар шароити тезутунд гаштани муносибатҳо миёни миллатҳо ва болоравии бархӯрди тамаддунҳо буда, имкон медиҳанд, ки чунин ҷомеаҳо рушд ёбанд ва мақоми шоистаи худро миёни дигар давлатҳо пайдо кунанд. Таҳлили таълимоти гуногуни фалсафӣ ва таҳқиқоти муаллифони муосир оид ба ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ ва нақши онҳо дар рушди ҷомеа, ки дар асоси мавод аз кишварҳои гуногуни шарқию ғарбӣ сурат гирифт, баёнгари воқеии илман асоснок будани чунин хулоса мебошад.

# ХУЛОСА

## I. Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот

Дар асоси таҳлили асосҳои илмӣ-методологӣ худшиносӣ ҳамчун проблемаи фалсафӣ ва инъикоси он дар таърихи фалсафа аз даврони қадим то имрӯз, баррасии моҳияти фалсафии мафҳумҳои худшиносӣ ва худогоҳӣ, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи худшиносӣ, коркарди ҷанбаҳои фалсафии худшиносӣ ҳамчун омили худамалисозии иҷтимоии шахс, нақши худшиносӣ дар рушди ҷомеа ва амсоли он ба чунин хулосаҳо расидан мумкин аст:

1. Таърифҳои мавҷудаи мафҳуми худшиносиро муҳаққиқон аз се нигоҳ додаанд: шарҳи худшиносӣ бо мақсадҳои таълимӣ ва кӯмакҳои психологӣ дар роҳандозии худрушдкунии мустақилонаи шахсият; таърифи мафҳуми худшиносӣ аз нигоҳи илми психология; таърифи мафҳуми худшиносӣ аз нигоҳи фалсафӣ. Дар асоси ҳамаи ин, худшиносӣ ва худогоҳиро ҳамчун муродифҳои ҳамдигар ба ҳайси фаъолияти бошуурона ва мақсадноки маърифатӣ барои ташаккули образи «Ман» ва «Мо», пайваста рушд додани онҳо, худтаҳлилкунӣ ва худбаҳогузорӣ ва амсоли он таъриф додан мумкин аст, ки иборат аз сохтор, дараҷаҳои муайян ва навъҳои фардию гурӯҳӣ буда, барои ташаккул ва рушди шахсият, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, халқияту миллатҳо ва ҷомеа дар кул хизмат мекунанд. Дар баробари ин, бояд ба эътибор гирифт, ки моҳияти худшиносӣ, худогоҳӣ ва амалкарди онҳо дар ҷомеа гуногун буда, онҳоро мутафаккирони гузашта ва муҳаққиқони муосир низ бо тарзҳои мухталиф шарҳу тафсир додаанд **[1-М]**.

2. Ба ҳамаи марҳалаҳои баррасии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи ғарбӣ аз даврони атиқа то оғози асри XX мавҷудияти инсонмарказӣ ва унсурҳои худшиносӣ хос буда, бори аввал яке аз ҳафт хирадмандони Юнони Қадим - Хилон мазмуни шиори худшиносӣ – «Худро шинос!»-ро бо натиҷаҳо аз он, яъне шинохти худоён ва Олам

муфассалтар намудааст. Сукрот бошад, худшиносиро бо маърифати некӣ, хайр ва донистани руҳи худ айни ҳамдигар медонад. Протагор ҳамчун поягузори худшиносии антропологӣ тавассути худшиносӣ шинохти худоёнро рад намудааст. Афлотун худшиносиро баробар бо боандеша будан ва донистани моҳияти руҳи инсонӣ ҳисобида, Арасту чунин ақида дорад, ки инсон худро дар мисоли дигарон мешиносад ва он ба Худошиносӣ мебарад. Афлутин (Плотин) ба пантеизм майл дошта, худшиносиро роҳи расидан ба худ ва иттиҳод ёфтан бо Ҳақ медонад Дар асрҳои миёна бошад, Августини Муқаддас ба иттиҳоди Холиқу махлуқ ва руъяти Худо аз ҷониби инсон дар натиҷаи худшиносӣ эътиқод дошта, М. Монтен онро илме ҳисобида аст, ки бояд ба инсон хуб зиндагӣ кардан ва хуб фавтиданро биомӯзонад. Дар Замони Нав Р. Декарт худшиносиро воситае донистааст, ки инсонро ба фаҳмиши ҷавҳари тафаккуркунанда будани худаш мерасонад. Намояндагони фалсафаи классикии олмонӣ И. Кант худшиносиро ҳамчун шинохти худ ба ҳайси субъекти фикр, И. Фихте раванди дуршавии «Ман» аз «на-Ман» ва инкори он, Г. Гегел худзуҳуркунии муттасил ва тадриҷии руҳ ва расидани ӯ ба мақоми субъекти мутлақ тафсир намудаанд. С. Кйеркегор бошад, ба ҷойи ақидаи Г. Гегел дар бораи худогоҳӣ будани моҳияти инсон андешаро дар бораи муносибат ба худии худ будани моҳияти мани инсонӣ пешниҳод кардааст. Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки фаҳмиши моҳияти худшиносӣ дар асоси таълимоти мутафаккирони мазкури ғарбӣ барои таҳкими пояҳои илмии таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи худшиносӣ дар замони муосир босамар мавриди истифода қарор дода шавад **[2-М].**

3. Ақидаҳои фалсафие, ки дар Мисри Қадим, Ҳинди Қадим, таълимоти динӣ-фалсафии бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик, Чини Қадим ва дигар ҷараёну мактабҳои динию фалсафии Шарқ доир ба худшиносӣ баён шудаанд, то оғози таърихи навтарини инсоният қариб, ки бе тағйирот ё бо тағйироти начандон ҷиддие зинда мондаанд. Аз ҷумла,

дар Бобул ва Мисри Қадим моҳияти инсон ҳамчун як мавҷуди комил, ки зебогии ҷисмонӣ ва маънавӣ дорад ва арзиши шахсият ҳамчун фардияти маънавӣ ошкор карда шуда, ноумедиро ҳамчун ҳолате тафсир кардаанд, ки онро минбаъд С. Кйеркегор ҳолати шинохти инсон худро ҳамчун шахсият донистааст. Дар сарчашмаи хатии Ҳинди Қадим «Упанишадҳо» худшиносиро ҳамчун роҳ ба сӯи озодӣ бо шинохти атман донистаанд. Дар буддоия бошад, пайдо кардани роҳи мобайнӣ миёни зоҳидӣ ва лаззатпарастӣ, риояи тавозун байни моддиёту маънавиёт ва тавассути тай намудани роҳи ҳаштзинагии озод гаштани инсон аз ранҷу азобҳо худшиносиро барои ӯ муяссар ҳисобидаанд. Дар таълимоти як шохаи дигари ин дин - дзэн-буддоия чунин шумурда мешавад, ки барои маърифати ҳақиқат олами ботинии худро омӯхтан зарур буда, дар ин раванд инсон ба руъяти «Ман»-и олии худ мерасад ва тавассути чунин худшиносӣ Буддоро дар табиати худ пайдо мекунад. Инсони комилу худшинос, аз нуқтаи назари зардуштия, ҳамон инсонест, ки пайрави Зардушт будани худро дарк кардааст ва талаботи ӯро дар бораи доштани пиндор, гуфтор ва рафтори нек риоя мекунад. Дар таълимоти динию фалсафии Чини Қадим бошад, даосизм худмуроқибакунии шахсро дар табиат яке аз принсипҳои асосӣ ҳисоб намуда, худшиносиро ҳамчун роҳи ғайрифаъоли ҳаёти фардӣ дар мавзунӣ бо дао донистааст, ки партофтани хоҳишҳои барзиёд ва рафторҳои номуфидро тақозо мекунад. Ҳадаф аз худшиносӣ дар таълимоти Конфутсий ин ташаккули инсони комил мебошад, ки хушақлоқу хушсухан буда, ба анъанаҳо тобеъ аст ва пайваста меомӯзаду заҳмат мекашад **[3-М].**

4. Дар асрҳои миёна дар фарҳанги шарқӣ се навъи худшиносиро ҷудо кардан мумкин аст: худшиносии динӣ, ирфонӣ ва ақлонӣ. Дар Қуръон ва ҳадисҳои паямбари ислом худшиносӣ шарти зарурии Худошиносӣ дониста шудааст. Дар фалсафаи калом Абуҳомиди Ғазолӣ шарти худшиносиро дар омӯзиши илми мукошифа мебинад, ки ба инсон имкон медиҳад, ки донишро дар бораи Худо дар моҳияти худ дарёфта, қалбашро пок созад ва ба Худошиносӣ расад. Дар тасаввуф худшиносии

ирфониро ҳамчун гузаштан аз се зинаи такомул – шариат, тариқат ва ҳақиқат, инчунин аз мақомот ва ҳолҳо донистаанд, ки шарти зарурии ташаккули инсони комил ва иттиҳод ёфтани ӯ бо Ҳастии мутлақ мебошад. Худшиносии ақлонӣ ё илмӣ дар мисоли таълимоти Ибни Сино маърифати илмиро асоси дарки моҳияти худ, шинохти Офаридгор ва расидан ба саодат медонад. Ҳамаи ин маводи фаровонеро барои таҳқиқу таҳлили масъалаҳои худшиносӣ аз нигоҳи фалсафа ва психологияи муосир пешниҳод месозад **[1-М].**

5. Дар таълимот ва андешаҳои файласуфони муосир чунин хулосаҳо оид ба худшиносӣ пешниҳод шудаанд: К. Ясперс ҳамчун намояндаи экзистенсиализми динӣ чунин меҳисобад, ки худшиносӣ инсонро ба дарки хавфи олам ва нотавонии худ дар назди он мерасонад ва ин хатарҳои экзистенсиалиро инсон бояд тавассути худмушоҳидакунӣ, худдарккунӣ ва худвозеҳкунӣ бартараф созад. Ж.П. Сартр бошад, экзистенсиализми атеистиро намояндагӣ намуда, ҳастии инсонро аз худи ӯ вобаста медонад, ки тавассути шинохти «дигар», «ман» ва «мо» худ лоиҳаи ҳастиашро мустақилона амалӣ месозад. Худшиносии инсони исёнгарро аз назари А. Камю худамалисозии ӯ дар роҳи ҳаёт муайян менамояд. Н.А. Бердяев баъзе шаклҳои худшиносии гурӯҳиро инкор намуда, худшиносии фардиро бо такя ба дин барои фаҳмиши сарнавишт ва асрори худ, муносибати шахс ба муҳит ва роҳи маънавии тайкардаи инсон зарур шумурдааст. Дар таълимоти К. Роҷерс барои худ будан, инсон бояд ҳамчун раванд бошад, зеро худшиносии инсон беохир буда, он тули тамоми ҳаёти инсон идома меёбад. Психологи дигар А. Маслоу таъкид месозад, ки раванди тулонии худтаҳлилкунӣ ва қонеъсозии талабот инсонро ба худшиносӣ ва худогоҳӣ меоварад, аммо ин кор бе доштани роҳбар ғайриимкон мебошад. Мутафаккири бузурги Шарқ М. Иқбол ақидаҳои мутафаккирони Шарқу Ғарб, таълимоти динию илмиро бо ҳам омезиш дода, таълимоти худнесткунӣ (фано)-ро инкор ва худамалисозӣ (бақо)-ро ҳамчун роҳи расидан ба худӣ шумурдааст **[1-М].**

6. Коркарди ҷанбаҳои фалсафии худшиносии фардӣ ҳамчун омили худамалисозии иҷтимоии шахс дар фалсафаи даврони муосир нишон медиҳад, ки он ҳамчун рушди шахсӣ, худбаёнкунӣ, ба камол расидан ва боло рафтани инсон дар зинаҳои зиндагии шахсӣ ва иҷтимоӣ, татбиқи имкониятҳои «Ман» тавассути кӯшишҳои шахсии худ, якҷоя эҷод кардан, якҷоя фаъолият намудан бо одамони дигар ва амсоли он ба механизмҳои гуногун такя мекунад. Аз ҷумлаи чунин механизмҳо таҳия ва амалисозии стратегияи ҳаёт, тарбия ва гузариши тадриҷӣ ба худтарбиякунӣ, тамринҳои ирфонию психологӣ ва амсоли он буда, худамалисозии шахсӣ, касбӣ, эҷодӣ, иҷтимоии шахсият ва дигар навъу намудҳои онро таъмин месозанд. Ҳамаи ин масъалаҳо дар фалсафаи муосир аз нигоҳи фалсафӣ, аз дидгоҳи акмеология ва валеология, ба тариқи илмӣ-оммавӣ ва ғайра баррасӣ гардида, тавсияҳои асосан аз ҷиҳати илмӣ асоснок барои ташаккули шахсият дар самти фардӣ ва иҷтимоӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамаи ин ба ташаккули шахсияте, ки соҳиби худшиносии фардӣ мебошад, мусоидат намуда, ба он имконият медиҳанд, ки дар ҳамбастагӣ бо дигарон ба нафъи ҷомеа хизмат намояд **[6-М]**.

7. Ақидаҳои файласуфони муосир оид ба нақши худшиносӣ дар рушди ҷомеа нишон медиҳад, ки онҳо ба мисли нақши шахсият ва оммаи халқ дар таърих хеле муҳим буда, рушду нумуи давлатро таъмин месозанд. Инсони ба худшиносӣ расида, шахсияти соҳиби худшиносии граждании, гурӯҳи одамоне, ки арзишҳо ва муқаддасоти халқи худро дар шакли худшиносии миллӣ бо ҳам мебинанд, омили асосии ташаккули давлати мустақилли миллӣ ва рушди устувори он дар шароити тезутунд гаштани муносибатҳои миёни миллатҳо ва болоравии бархӯрди тамаддунҳо буда, имкон медиҳанд, ки чунин ҷомеаҳо рушд ёбанд ва мақоми шоистаи худро миёни дигар давлатҳо пайдо кунанд [1-М; 6-М ].

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои илмии омӯзиши масъалаи худшиносӣ дар таърихи фалсафа бо сабаби тағйироти куллӣ, ки дар ҳаёти сиёсӣ,

иқтисодӣ ва ичтимоию фарҳангии ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосир ба вуқуъ мепайванданд, бунёди давлати миллӣ, ташаккул ва рушди давлатдории миллӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бадастории истиқлолияти давлатӣ ба ҳайси яке аз рукнҳои муҳимми сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст ва зарурати бештари худрушддиҳӣ барои инсони муосир бо сабаби зудтағйирёбии шароити меҳнат ва ҳаёти рӯзмарра аҳаммияти назарраси ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ дошта, ба шахсият ва ҷомеа имкон медиҳанд, ки барои рушди худ имконияти бештар пайдо кунанд ва дар муқобили хавфу хатарҳои глобалии даврони муосир истодгарӣ карда тавонанд.

## II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Механизмҳои ташаккули худшиносӣ дар ниҳоди шахсият ва шуури ҷомеа аз даврони қадим дар фалсафа ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ мақоми баланд дошта, оид ба моҳияти онҳо ақида ва таълимоти гуногуну ҷолиб баён гардидаанд. Аз ин рӯ, ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил намудани таҳқиқи ин мавзуъҳои хеле мубрам дар шароити бунёди давлатдории миллӣ дар кишвари мо мувофиқи мақсад мебошад.

2. Дар шароити кишвари мо масъалаҳои худшиносии миллӣ, ҳувияти миллӣ ва менталитети миллӣ хеле мубрам гашта, намояндагони илмҳои гуногун, аз ҷумла, файласуфон, сиёсатшиносон ва психологҳо доир ба ин мавзуъҳо таҳқиқот мебаранд. Аммо, ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, то ҳол таърифи истилоҳоти мазкур унификатсия карда нашудааст. Хуб мебуд, агар таърифи байнифаннии истилоҳоти худшиносӣ, ҳувият ва менталитет пешниҳод гардида, онҳо бо ҳамин мазмун дар консепсия, стратегия ва барномаҳои дахлдори давлатӣ мавриди истифода қарор мегирифтанд.

3. Таҳлили фалсафии масъалаи худшиносӣ нишон медиҳад, ки дар як қатор кишварҳо таҷрибаи ғанӣ дар самти амалӣ оид ба тарбияи шаҳрванди худшиносу худогоҳ ва ватандӯсту меҳанпараст ба даст овардаанд. Омӯзиши ин таҷриба, махсусан таҷрибаи Япония ва дар ҳаёти иҷтимоӣ амалан роҳандозӣ намудани он дар кишвари мо мувофиқи мақсад мебуд.

4. Дар илми ҷаҳонӣ самтҳои нав оид ба омӯзиши инсон ва худшиносии он пайдо шудаанд, ки акмеология ва валеология аз зумраи онҳо мебошанд. Бо мақсади рушди худшиносӣ дар кишвари мо пешниҳод карда мешавад, ки дар муассисаҳои дахлдори зинаҳои таҳсилоти касбӣ омӯзиши акмеология ҳамчун фан дар бораи қонуниятҳо, фишангу механизмҳои имконияти расидан ба дараҷаи олӣ дар рушди фардии инсон ва валеология ҳамчун фанне, ки ба омӯзиши комплексии саломатии инсон – солимии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, тиббӣ, ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва маънавии инсон машғул аст, ба роҳ монда шавад.

5. Дар кишварҳои пешрафта файласуфон ва намояндагони илмҳои дигари ҷомеашиносӣ ба ҳалли масъалаҳои инсони муосир дар соҳаи маънавиёт рӯ оварда, адабиёти зиёди илмӣ-оммавиро оид ба роҳҳои худшиносӣ ва худамалисозии касбию иҷтимоии инсон дар шакли дастуру роҳнамоҳо, китобҳои мукаммалу бунёдӣ ва амсоли он ба нашр расонидаанд. Бо забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр кардани як қатор чунин дастурҳо ва нашр намудани дастурҳои муаллифии муҳаққиқони тоҷик дар ин самт барои мардуми кишвари мо низ аз фоида холӣ нахоҳад буд.

6. Муҳаққиқони россиягӣ худшиносии миллиро ҳамчун маҷмуи донишҳое, ки бояд гузаштаро инъикос намуда, тавонанд ҳозираро тағйир диҳанд ва ба оянда низ нигаронида шуда бошанд, тавсиф намуда, пешниҳод кардаанд, ки барои расидан ба ҳадафҳои зикршуда ва рушди ҷомеа бояд идеологияи миллӣ-давлатӣ таҳия ва амалӣ карда шавад. Дар Тоҷикистони муосир низ қабул ва амалисозии чунин як санади давлатӣ оид ба рушди худшиносии милӣ ва давлатдории миллӣ мувофиқи мақсад мебошад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Сарчашмаҳо


1. Авеста Избранные гимны. Из Видевдата/ Пер. с авест. И.И. Стеблин-Каменского. –М. 1993. -205с.

2.Авеста. Хордэ Авеста (Младшая Авеста). – Спб., 2005. – 384 с.

3. Аль-Газали Абу Хамид Мухаммад ат-Туси. Возрождение религиозных наук. 1-й том, 2-е издание. – Махачкала: Нуруль иршад, 2011. – 424 с.

4. Аль-Газали Абу Хамид Мухаммад ат-Туси. Кимийа-йи са‘адат («Эликсир счастья»). Часть 1: Унваны 1-4. Рукн 1. — М.: Ихлас, 2011. – 464 с.

5. Аристотель. Сочинения в четырех томах. Том 4. – М.: Мысль, 1983. – 830 с.

6. Бердяев Н.А. Падение священного русского царства: Публицистика 1914-1922. - М: Астрель, 2007. - 1179 с.

7. Бердяев Н.А. Самопознание. - М.: Мир книги, 2006. - 416 с.

8. Блаженный Августин. Исповедь. – Спб.: Наука, 2013. - 373 с.

9. Гегель Г. Феноменология духа. – М.: Наука, 2000. – 495 с.

10. Декарт Р. Сочинения. Т.2. – М.: Мысль, 1994. – 640 с.

11. Диалог господина и раба о смысле жизни // Хрестоматия по истории Древнего Востока. - М.: Изд-во восточной литературы, 1963. - 544 с.

12. Ибни Сино Абуалӣ. Осор. Ҷ. 1. – Душанбе: Дониш, 2005. – 852 с.

13. Ибни Сино Абуалӣ. Осор. Ҷ. 4. – Душанбе: Дониш, 2007. – 922 с.

14. Ибни Сино Абуалӣ. Осор. Ҷ. 7. – Душанбе: Дониш, 2023. – 718 с.

15. Икбал М. Реконструкция религиозной мысли в исламе. - М.: Вост.лит., 2002. -200 с.

16.Иқбол М.Л. Куллиёти форсӣ. – Душанбе: Паёми ошно, 2008. – 778 с.

17. Камю А. Бунтующий человек. - М.: Политиздат, 1990. - 415с.

18. Кант И. Антропология с прагматической точки зрения. -Санкт-Петербург, 1999.

19. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

20. Қуръони карим. – Исломобод: Шуҷоъ, 2006. – 1479 с.
21. Кьеркегор С. Заключительное ненаучное послесловие к «Философским крохам». - СПб.: Изд-во С.-Петерб. ун-та, 2005. - 680 с.
22. Маслоу А. Мотивация и личность. – СПб.: Питер, 2019. – 400 с.
23. Платон. Диалоги. – М.: Мысль, 1986. – 810 с.
24. Плотин. Эннеады. Пятая Эннеада. – Спб.: Изд-во О. Бышко, 2005. – 320 с.
25. Протагор из Абдер. Фрагменты и свидетельства // Философское антиковедение и классическая традиция. – 2020. – №1. Том 14. - С. 309-338.
26.Роджерс К. Взгляд на психотерапию. Становление человека. -М.: Прогресс, 1994. – 479 с.
27. Румӣ Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. Фиҳӣ мо фиҳӣ. – Душанбе, 2018. – 192 с.
28. Сартр Ж.П. Бытие и ничто: Опыт феноменологической онтологии. - М.: Республика, 2000. - 639 с.
29. Сартр Ж.П. Экзистенциализм - это гуманизм // http://m-magistr.ru/wp-content/uploads/2017/old/biblioteka/Predmetiliceya/literatura/Sartr_Ekzistentsializm_-_eto_gumanizm.pdf (санаи муроҷиат: 01.07.2023).
30. Упанишады. Книга 1. – М.: Наука, 1992. – 240 с.
31. Фихте И.Г. Сочинения в двух томах. Т. 1. - СПб.: Мифрил, 1993. - 687 с.
32. Ясперс К. Введение в философию. - Минск: Пропилеи, 2000. - 192 с.

## II. Монография, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ

33. Абульханова К. А. Психология и сознание личности: проблемы методологии, теории и исследования реальной личности. - М.; Воронеж, 1999. - 243 с.
34. Абульханова-Славская К.А. Стратегия жизни. – М.: Мысль, 1991. - 299 с.
35. Акмеология. – М.: Издательство РАГС, 2004. – 299 с.

36. Алиев А.А. Идеология «мусульманского национализма». - М.: РАН ИНИОН. Отд. истории, 2008. – 104 с.
37. Ананьев Б. Г. Психология и проблемы человекознания. - М.; Воронеж, 1996. - 384 с.
38. Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания. - СПб.: Питер, 2001. - 288 с.
39. Байлук В.В. Человекознание. Самопознавательная самореализация личности как закон успеха: – Екатеринбург: Урал. гос. пед. ун-т., 2014. - 95 с.
40. Вайнер Э.Н. Валеология. – М.: Флинта: Наука, 2001. - 416 с.
41.Деркунская В.А. Личностно-профессиональное самопознание студента педагогического вуза: психолого-педагогический практикум. – М., Центр практического образования, 2007. – 128 с.
42.Диноршоев М. Афрӯзандаи нури хирад ва афшонандаи тухми маърифат // Ибни Сино Абуалӣ. Осор. Ҷ. 1. – Душанбе: Дониш, 2005. – С. 6-154.
43. Зиёӣ Х.М. Бегонашавӣ // Зиёӣ Х.М. Сӣ мақола оид ба масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Аржанг, 2021. - С 145-146.
44. Зиёӣ Х.М. Мавлоно ва мавлавия. – Душанбе: Абдураҳмон-Р, 2022. - 368 с.
45. Зиёӣ Х.М. Сӣ мақола оид ба масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Аржанг, 2021. - 214 с.
46. Зиёӣ Х.М. Ҷомеа ва масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: «Аржанг», 2021. - 280 с.
47. Зиёӣ Х.М. Чанд андеша ва чанд мисоле оид ба худшиносӣ // Зиёӣ Х.М. Ҷомеа ва масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: «Аржанг», 2021. - 280 с.
48. Комил Бекзода. Аз таърихи худшиносии тоҷикон. –Душанбе, 2006. - 149с.
49. Олимов К. Андешаҳо доир ба фалсафаи ирфон ва худшиносии миллӣ. – Душанбе: Дониш, 2014. -393с.

50. Олимов К. Истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ. –Душанбе: Эр-граф, 2013. -32с.
51. Раҳмонӣ Ғ. Худшиносии фалсафӣ. – Теҳрон: Бӯстони китоб, 183. – 423 с.
52. Саид Н.С., Зиёӣ Х.М., Назар М.А. Муқаддимаи синергетика. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. - 192 с.
53. Саидов Н. Человек, его сущность и сущностные силы в философии Аристотеля и Ибн Сины. –Душанбе, 2008. -250 с.
54. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – 1095 с.
55. Философский словарь. Под редакцией И.Т. Фролова. – М.: Республика, 2001. – 719 с.
56. Элназаров М.Б., Амирхонов Ш.Т., Давлатов П.Н. Фалсафаи худшиносии миллӣ. (воситаи таълимӣ). –Душанбе, 2019. -196с.
57. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо. Имоми Аъзам ва ҳуввияти миллӣ. - Душанбе: Адиб, 2009. - 111с.
58. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ. - Душанбе: Эр – граф, 2009. - 36с.
59. Эмомалӣ Раҳмон. Ориёнҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 35с. (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ)
60. Эмомалӣ Раҳмон. Сарнавишти миллати соҳибтамаддун. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 44с.
61.Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикистон дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин. – Душанбе: Ирфон, 1996. –312с.
62. Эмомалӣ Раҳмон. Фарҳанг ҳастии миллат аст: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат. - Душанбе: Матбуот, 2001. - 63с.

## III. Мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо

63.Александров Д.С. Теоретико-методологические подходы исследования национального самосознания// Теория и практика общественного развития. – 2013. - № 10. - С. 42-45.

64. Амирхон Ш.Т. Масоили худшиносӣ ва камолоти маънавии инсон дар таълимоии Қутбиддин Шерозӣ // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ». –Душанбе, 2023. –С.56-62.
65. Баева Л.В. Гражданское самосознание молодежи в современной России и проблема культурной безопасности // Человек. Сообщество. Управление. – 2013. - №3. – С. 109-118.
66. Байлук В.В. О природе самопознания // Педагогическое образование в России. - 2018. - № 5. – С. 27-34.
67. Богатырев Р.И. Роль личности во взаимодействии государства и общества. Историко-философский аспект // Философия. Социология. Право. - 2020. Том 45, № 2. – С. 352–358.
68. Богуш М. А. Развитие идей самоактуализации в философских и психологических теориях // Вестник СПбГУ. - Сер. 12. Вып. 2. – 2011. – С. 233-237.
69. Браун О. А., Аркузин М. Г. Подходы к определению и структурно-содержательные характеристики понятия «гражданское самосознание личности»// Материалы межрегионального молодежного научно-образовательного форума «Re: пост: патриотизм, образование, студенчество» (г. Кемерово, 3 ноября 2017 г.). – С.176-180.
70. Бурханов А.Р. Альбер Камю об экзистенциалах человеческого бытия // Вестник Бурятского государственного университета. – 2012. - №6. – С. 3-7.
71. Бурханов А.Р. Учение Карла Ясперса о трех уровнях бытия и познания человека // Дискуссия. – 2014. – №1 (42). – С. 23-29.
72. Ващенко А.В. Самопознание в античной философской мысли и христианской традиции // Вестник Русской христианской гуманитарной академии. - 2020. - Том 21. Выпуск 2. – С. 24-31.
73. Гарин Е.В. Иерархия потребностей человека // Вестник науки Сибири. - 2014. - № 2 (12). – С. 168-181.

74. Гарнцев М. А. Проблема самосознания в западноевропейской философии. – М.: Изд-во МГУ, 1987. – 216 с.

75. Гафурова Х.Г. Концепция «кокутай» как основа национального самосознания Японии // «Молодой учёный». - 2020 . - № 23 (313) . – С. 504-506.

76. Грехнёв В.С. Общественная психология как форма духовной жизни // Философия и общество. - №3. - 2006. – С. 25-46.

77. Дядык Н.Г. Практики самопознания в буддизме и современное философское образование // Социум и власть. - № 4 (84). - 2020 – С. 71-81.

78. Егорычева И. Д. Самореализация как деятельность (к постановке проблемы) // Мир психологии. - 2005. – № 3. – С. 11-32.

79. Ерохина Е.А. Этническое самосознание: теоретический конструкт и ментальный феномен // Новые исследования Тувы. – 2017. - №3. – С. 66-83.

80. Зиновьева А.А. Проблема другого в философии Ж.П. Сартра // Известия Тульского государственного университета. Гуманитарные науки. – 2010. - №1. – С. 28-37.

81. Знаков В. В. Самопонимание субъекта как когнитивная и экзистенциальная проблема // Психологический журнал. - 2005. – Т. 26, № 1. – С. 18-29.

82. Знаков В. В. Самосознание, самопонимание и понимающее себя бытие // Методология и история психологии, 2007. – Т. 2, Выпуск 3, – С. 65 – 75.

83.Ильин В.Н. Сократ и антропология самопознания // Вопросы философии. - 2014. - № 10. - С. 87-99.

84. Исаева Н., Исаев С. Сёрен Кьеркегор: лестница в небо – виртуальный проект // Кьеркегор С. Заключительное ненаучное послесловие к «Философским крохам». - СПб.: Изд-во С.-Петерб. ун-та, 2005. – С. 4-18.

85. Клочко В.Е., Галажинский Э.В. Самореализация личности: системный взгляд. - Томск: Издательство Томского университета, 1999. - 154 с.

86. Кондратьева С.Б. Осмысление личностью специфики своего «Я» как основы самопознания и самореализации // Вестник Новосибирского государственного университета. Серия «Философия». – 2008- Т.6, вып. 3. – С. 67-70.
87. Кондратьева С.Б. Роль понятий «труд» и «профессия» в самопознании и исамореализации // Человек и труд. – 2006. - №11. - С. 26-28.
88. Кузнецова Е. Феномен коллективной идентичности народа на этапе информационной цивилизации: проблемы и перспективы // Беларуская думка. – 2021. - № 2. – С. 94-98.
89. Куликова Л.Н. Проблемы саморазвития личности. – Хабаровск: Изд-во ХГПУ, 1997. – 315 с.
90. Лазутина Т.В., Лазутин Н.К. Специфика мировоззрения Древнего Египта // Вестник ТГПУ. - 2015. - №5 (158). – С.205-210.
91. Леонтьев Д. А. Самореализация и сущностные силы человека // Психология с человеческим лицом: гуманистическая перспектива в постсоветской психологии. – М., 1997. - С. 156 – 175.
92. Маралов В.Г. Основы самопознания и саморазвития. – М.: Издательский центр «Академия», 2004. – 256 с.
93. Минюрова С. А. Психология самопознания и саморазвития. – Екатеринбург, 2013. – 316 с.
94. Мохд Х. Концепции Икбала о себе «Худи» // Гуманитарные и социальные науки. - №2 (3). – 2011. - С. 122-124.
95. Мохова Ю.А. К вопросу о структуре самосознания личности // Омский научный вестник. -№1 (105). - 2012. – С. 157-160.
96. Найденко Е.А., Тонковидова А.В., Битарова Л.Г. Философия самопознания Н.А. Бердяева // Теория и история культуры. – 2020. - №1 (76). – С. 85-88.
97. Насыров И.К. К вопросу о роли Ибн Араби в истории исламского мистицизма // Философская антропология. - 2016. - Т. 2. № 2. - С. 90–109.

98. Олимов К.О. Нақши худшиносии миллӣ дар рафъи хатарҳои муосир// Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ». –Душанбе, 2023. –С.11-17.

99. Парфенова О.С. Место и роль национального самосознания в идентификационных процессах // Казанский педагогический журнал. - 2015. - №6(113). Часть №1. - С. 203-205.

100. Романов С.В. Стратегия саморазвития человека в античной философии // Сибирский философский журнал. – 2021. - №2. Том 19. – С. 145-157.

101. Рябоконь Н.В. Философия. - Минск: Изд-во МИУ, 2005. – 245 с.

102. Сардарян Г.Т. Народ против нации: аксиология коллективного самосознания // Вестник МГИМО-Университета. - 2022. - №15(4). - С. 151–166.

103. Спиркин А.Г. Сознание и самосознание. – М.: Политиздат, 1972. – 303 с.

104. Тишков В.А. Российский народ: история и смысл национального самосознания. - М.: Наука, 2013. – 649 с.

105.Торчинов Е. А. Пути философии Востока и Запада: познание запредельного. - СПб.: Азбука-классика. Петербургское Востоковедение, 2005. - 480 с.

106. Файнфельд И.А. Трансформация сознания в дзэн-буддизме // Вестник ДВГСГА. Гуманитарные науки. - № 1/1(4). – 2010. – С. 95-113.

107. Хомутова Н.Н. Роль самосознания личности в становлении гражданственности // Вестник Волгоградского гос. ун-та. - Сер. 7, Филос. - 2016. - № 2 (32). – С. 73-78.

108. Хромова Е.Б. Из истории становления понятия «менталитет» во французской гуманитарной науке // Вестник ПНИПУ. Культура. История. Философия. Право. - 2015. - № 4. – С.19-29.

109. Чеснокова М.Г. «Забота о себе» в экзистенциальной философии С. Кьеркегора: между античностью и христианством // Вестник МГПУ. Серия «философские науки». 2015. - №3 (15). - С. 18-25.
110. Чирков В. И. Самодетерминация и внутренняя мотивация поведения человека // Вопросы психологии. 1996. – № 3. – С. 116 – 132.
111.Шарипова М.Е. Анализ самосознания как явления, способствующего развитию личности // Вестник ТНУ. – 2022. – №3(39). – С. 30-34.
112. Шарипова Р.Х. Проблема «Я» в истории социально-философской мысли // Гуманитарные исследования в Восточной Сибири и на Дальнем Востоке. - № 3. -2010. – С. 68-75.
113. Щуцкий Ю.К. Китайская классическая «Книга перемен». - М.: Наука, 1993. – 583 с.
114. Язовская О.В. Концепция национальной сущности кокутай как основа национального самосознания Японии // Электронное научное издание альманах Пространство и время. - Т. 15. Вып. 1 – 2017.

## IV. Адабиёт бо забонҳои хориҷӣ

115. Carruthers P., Fletcher L., Ritchie B. The Evolution of Self-Knowledge // Philosophical topics. - Vol. 40. - № 2. - Fall 2012. – С. 13-37.
116. Prabhupada A.C.B.S. Science of Self Realization. - Los Angeles: Bhaktivedanta Book Trust International, 2004. – 399 p

## V. Диссертатсия ва авторефератҳо

117. Водянова Н.В. Самореализация личности в пространстве интернета: философско-антропологическии аспект. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата философских наук. – Челябинск, 2009. – 21 с.
118. Джононов С. Формирование национального самосознания в условиях государственного строительства Таджикистана. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора философских наук. – Душанбе, 2010. – 46 с.

119. Зиёев И.Г. Религиозно-философские воззрения Мухаммада Икбала. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора философских наук. – Душанбе, 2005. – 50 с.
120. Золотова Ш.П. Национальное самосознание как объект философского анализа. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата философских наук. - М., 1997. – 22 с.
121. Кондратьева С.Б. Самопознание и самореализация личности в труде: социально-философский подход. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата философских наук. – М., 2009. – 21 с.
122. Коростылева Л.А. Психология самореализации личности: основные сферы жизнедеятельности. Дис. д-ра психол. наук. – СПб., 2003. – 416 с.
123. Мекерова М.Дж. Суфизм как мистико-аскетическое течение в мусульманской культуре. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидатафилософских наук. – Ставрополь, 2005. – 22 с.
124. Парфенова О.С. Национальное самосознание как философско-социальная проблема. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата философских наук. - М., 2018. – 22 с.
125. Пляукшта Ю.Н. Концепция морально-патриотического воспитания в современной Японии. Диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук. М., 2009. – 34 с.
126. Самиев А.Х. Становление и развитие исторического сознания как самосознания общества: Дис. ...докт. филос. наук. - М., 1995. - 271 с.
127. Солодникова И.В. Самореализация личности в зрелом возрасте (социологический анализ). Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора социологических наук. - М., 2007. – 56 с.

**VI. Захираҳои электронӣ**

128. Александрийский Климент. Педагог. Переводе древнегреческого, вступит, статьям комментарии А. Ю. Братухина. - СПб.: «Издательство Олега Абышко», 2018. — 352 с. // file:///C:/Users/%D0%9C%D0%BE%D0%B9%20%D0%B4%D0%B0%D0%B

A%D1%83%D0%BC%D0%B5%D0%BD%D1%82/Downloads/pedagog_kliment.pdf (санаи муроҷиат: 31.05.2023).
**129.** Во Франции спорят о национальном самосознании // https://www.bbc.com/russian/life/2009/11/091108_france_identity_debate (санаи муроҷиат: 11.07.2023).
130. Дао дэ цзин // https://dibit.ru/sites/general/files/download/misc/Laozi-Tao-Te-Ching.pdf (санаи муроҷиат: 14.06.2023).
131. Десять сильных книг по саморазвитию и ключевые идеи из них // https://iskros.medium.com/10 (санаи муроҷиат: 09.07. 2023).
132. Кант И. Антропология с прагматической точки зрения // https://vk.com/doc51726873_442413565?hash=RESsK23wZmjzxjHlEq3oa1Vs6VIdKVtLNZ7JgJqIyyk (санаи муроҷиат: 08.06. 2023).
133. Конфуций. Лунь юй // file:///C:/Users/%D0%9C%D0%BE%D0%B9%20%D0%B4%D0%B0%D0%BA%D1%83%D0%BC%D0%B5%D0%BD%D1%82/Downloads/241625.pdf (санаи муроҷиат: 14.06.2023).
134. Кьеркегор С. Отчаяние // https://corpusletov.ru/idei/marginale/seren-kerkegor-otchayanie (санаи муроҷиат: 13.06.2023).
135. Монтень М. Опыты. Глава X. О книгах // // https://www.litres.ru/static/or4/view/or.html?art (санаи муроҷиат: 08.06.2023).
136. Новейший философский словарь онлайн https://rus-spirit-culture-enc.slovaronline.com/1885 (санаи муроҷиат: 30.05.2023).
137. Опросник личностной ориентации, ЛиО // https://psytests.org/exist/lio-bl.html (санаи муроҷиат: 05.07.2023).
138. Пантелеева В.В. Мотивационные механизмы, опосредствующие гармоничную самореализацию личности в профессиональной деятельности // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2019. – № 4 (апрель). – 0,6 п. л. – http://e-koncept.ru/2019/192013.htm. (санаи муроҷиат: 07.07.2023).

139. Пинт А. Путеводитель для идущего к себе // https://pint.ru/wp-content/uploads/2021/08/putevoditel-dlya-idushhego-k-sebe.pdf (санаи мурочиат: 09.07.2023).

140. Познай самого себя! // https://quran-sunna.ru/poznaj-samogo-sebya/ (санаи мурочиат: 16.06.2023).

141.Раҳмон Э. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат аз санаи 19 марти соли 2008 // http://prezident.tj/node/304 (санаи мурочиат: 02.06.2023).

142. Сергеев К.А., Слинин Я.А. «Феноменология духа» Гегеля как наука об опыте сознания // http://psylib.org.ua/books/gegel02/txt22.htm (санаи мурочиат: 07.06.2023).

143. Ставропольский Ю.В. Самосознание в критической философии И. Канта // https://sci-article.ru/stat.php?i=1533668256 (санаи мурочиат: 06.06.2023).

144. Раҳмон Э. Суханронӣ дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат аз санаи 20 марти соли 2017 // http://prezident.tj/node/14817 (санаи мурочиат: 16.07.2023).

145. Ушаков Д.А. Толковый словарь современного русского языка, Д.Н. Ушаков – М.: Аделант, 2014.–800 с. // http://www.xn--80aacc4bir7b.xn--p1ai/ (санаи мурочиат: 30.05.2023).

146. Фромм Э. Человек одинок // https://scepsis.net/library/id_898.html (санаи мурочиат: 08.06.2023).

147. Цитаты Гёте // https://burido.ru/706-tsitaty-gjote (санаи мурочиат: 31.05.2023).

# ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Моҳияти худтатбиқшавии иҷтимоии шахс дар фалсафаи муосир// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. –Душанбе, 2023. №3. - С. 222-228.

[2-М]. Масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи Юнони Қадим ва таъсири он ба файласуфони асримиёнагии Ғарб// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. №10. -С.147-154. (ҳаммуаллиф: Амирхон Ш.Т.)

[3-М]. Мақоми худшиносӣ дар анъанаҳои фалсафӣ-динии халқи тоҷик// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. –Душанбе, 2023. №4. - С.188-195.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

[4-М]. Баррасии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик// Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ–амалии байналмиллалӣ таҳти унвони «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ» бахшида ба 75-солагии ДМТ. – Душанбе, 3 октябри соли 2023.-С.264-270. (ҳаммуаллиф: Амирхон Ш.Т.)

[5-М]. Назаре ба мафҳум ва моҳияти худшиносӣ ва худогоҳӣ// Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ–амалии байналмиллалӣ таҳти унвони «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ» бахшида ба 75-солагии ДМТ. – Душанбе, 3 октябри соли 2023. -С. 319-327.

[6-М]. Худтатбиқшавии иҷтимоӣ дар фалсафаи даврони муосир// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ таҳти унвони «Масъалаи мубрами фалсафаи муосир: мушкилот ва дурнамо». – Душанбе, 2024. - С.190-195.